АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯ



ВБД: 338.465(575.3)


Бо ҳуқуқи дастнавис


ҲАСАНЗОДА НОДИРА ҲОҶИМУРОД


# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ ИМИҶИ ТАШКИЛОТ

(дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи номзади илми иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**Роҳбари илмӣ:**

Мирсаидов Аврор Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Душанбе – 2024**

# МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ ........................................... 3**
**Муқаддима ........................................................................................... 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ИМИҶИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ**
1.1. Имиҷ дар низоми дороиҳои ғайримоддӣ; моҳият ва механизми ташаккули он.......................................................................... **17**
1.2. Хусусиятҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва механизмҳои ташаккул ва рушди он.................................................. **32**
1.3. Муносибатҳои методологию методӣ доир бар арзёбии имиҷи муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ................................................... **46**

**БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИР ВА МЕХАНИЗМҲОИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
2.1. Ҳолати муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ ва имиҷи муассисаҳои онҳо.............................................................................. **60**
2.2. Арзёбии заминаҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.......................................................................... **78**
2.3. Имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун қисмати асосии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ..................... **95**

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ МУСБАТИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
3.1. Такмили механизмҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ.................. **112**
3.2. Мукамалгардонии технологияи коркарди имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.......................................................................... **128**
3.3. Такмили механизми идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ........................................................................................ **143**

**Хулосаҳо ............................................................................................. 159**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот .................... 162**
**Рӯйхати адабиёт ................................................................................. 165**
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ........................................... 181**

## Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

| | |
|---|---|
| АМИТ | - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| ВАО | - Воситаҳои ахбори омма |
| КОА | - Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| ДМТ | - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| ДТТ | - Донишгоҳи технологии Тоҷикистон |
| СБҲМ | - Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ |
| ИИД | - Институти иқтисодиёт ва демография |
| ИМА | - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| IHH | - Индекси Херфиндал — Хиршман |
| PR | - Public Relations робита бо аҳли ҷомеа |
| SMM | - Social media marketing |
| IVR | - Interactive Voice Response |

# МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзуи тадқиқот.** Мутобиқи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 «дурнамои рушди дарозмуҳлати низоми маорифи ҷумҳурӣ бояд дар принсипҳо ва талаботҳои асосии зерин асос ёбанд: сифат ва миқёси таҳсилоти касбӣ бояд рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин намояд; байни низоми маориф ва бозори меҳнат бояд алоқаи зич бошад, ки мувозинаи пешниҳоди мутахассисони дараҷаи мухталифро аз рӯи талаботи бозори меҳнат таъмин кунад; бунёди иқтидори инноватсионӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд ва г.”[1] Аз ин присипҳо бармеояд, ки дар марҳалаи нави рушди мамлакат соҳаи мароиф, бахусус соҳаи таҳсилоти касбии сатҳи олӣ бояд ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ табдил ёбад ва дар низоми иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ҷойгоҳи устувор дошта бошад.

Дар замони муосир ҳангоми тамоюли умумии коҳишёбии нисбии маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ афзоиши ҳаҷми ин соҳа, пеш аз ҳама тавассути рушди фаъоли хидматрасониҳои пулакӣ таъмин карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки зиёда аз 70%-и сарчашмаҳои захираҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аз ҳисоби фурӯши озоди маҳсулот/хидматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, бозори хидматрасониҳои таҳсилотии тараққикунанда боиси рушди рақобат дар байни агентҳои асосии ин бозор – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардид. Дар натиҷаи кори механизмҳои бозорӣ майлу хоҳиши муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои дарёфти мавқеи бозорӣ, баланд бардоштани сифати барномаҳо ва маҳсулоти таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан ҳаҷми талабот ба маҳсулоти таҳсилотӣ ва рафтори рақибон фаъол гардиданд.

---

[1] Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030. – Душанбе, 2016. - С 52.

Тағйироти қатъии макромуҳит дар ҷумҳурӣ, ки дар он муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд боиси азнавсозии рафтори иқтисодии онҳо гардид ва роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маҷбур шуданд, ки манбаҳои дигари тиҷоратиро ҷустуҷӯ намоянд. Ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва идоракунии он ба ҳайси захираи муҳимми мавқеъёбии самаранок дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ баромад мекунад.

Бо дарназардошти ин, мо ҳар сол мушоҳида менамоем, ки дар давраи қабули довталабон қариб ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аз рекламаҳои телевизионӣ фаъолона истифода менамоянд. Онҳо дар асоси стратегияи рекламавии худ ҳар гуна рекламаҳоро таҳия намуда, бо истифода аз сиёсати маркетингӣ давраи рекламавии худро ташкил мекунанд. Ва албатта, ин барои ҷалби диққати аҳолӣ, падару модарон ва қабули донишҷӯён ба онҳо кумаки калон мерасонад. Дар навбати худ, истеъмолкунандагон дар давраи қабули довталабон (моҳҳои май-июн) маводи рекламавиро назорат карда, интихоби худро, яъне ба кадом муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муроҷиат кардан ва ҳуҷҷат супориданро муайян мекунанд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки чунин методҳои бизнес-пешравиҳо, яъне воситаҳои дидашаванда (маводи рекламавӣ) дар давраи мушаххас, маҳз моҳҳои май-август натиҷабахш мебошанд. Барои он, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди устувори дарозмуҳлати худ мушарраф гарданд, зарур аст, ки онҳо соҳиби комёбии диданашаванда (ламснашаванда) гарданд. Ин бурдҳо ва комёбиҳои диданашаванда (ламснашаванда) яке аз афзалиятҳои устувори рақобатӣ мебошанд, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, фарҳанги иттиҳодиявӣ ва сохтори ташкилии идоракуниро дар бар мегиранд. Дар айни замон муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо истифода аз воситаҳои муайяни «робита бо мардум» (Public Relations) ташаккули самаранок ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда истодааст. Ин фаъолият ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

барои муқаррар ва дастгирӣ кардани робита, ҳамдигарфаҳмӣ, ҷойгиршавӣ ва ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва гурӯҳҳои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, стейкхолерон ва умуман ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Дар ин ҷо, фаъолияти PR дар низоми муносибатҳои маркетингӣ нақши таҳқиқ кардан, баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро иҷро менамояд.

Ба ибораи дигар, ба ҳайси як намуд гурӯҳи пешсафе баромад мекунад, ки барои омода намудани тимсол, бурди диданашавандае равона шудааст ва баъдан бо ин роҳ фаъолияти макетингиро бомуваффақият ба роҳ мемонад.

Ҳамин тариқ мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аввалан барои ба даст овардани имиҷ бояд кор кунанд ва баъдан имиҷ барои рушди онҳо ёрӣ мерасонад. Таҳлили фаъолияти як қатор донишгоҳҳои мамлакат оид ба ташкил кардани имиҷ, ки низоми пароканда дорад, моро водор намуд, ки пеш аз ҳама ба консепсияи имиҷ, ки он заминаеро таҷассум менамояд, ки дар он тимсоли дар баргирандаи тасаввурот оид ба вазифаҳо, ҳадафҳои асосии фаъолият, принсипҳо ва арзиши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сохта мешавад, таваҷҷуҳ диҳем. Ба ибораи дигар, ба назари мо ташкили тимсол – имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз коркарди консепсияе оғоз меёбад, ки гурӯҳҳои бартаридоштаи мақсаднокро инъикос менамояд. Бинобар омӯзиши шартҳо ва омилҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва коркарди асосҳои консептуалии ташкили он, ба назари мо муҳиммияти мавзуъро муаяйн менамояд ва сабаби интихоби мавзуи тадқиқоти мо шудааст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот**. Масъалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷие, ки бо масъалаҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва рақобатпазири онҳо дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ бахшида шудааст, такя шудааст. Бинобар он зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои олимони зерини хориҷиро мутолиа намудем: Г.Бекер, П. Самуэлсон, Ф. Котлер, И.

Аликперов, Ю.В. Гладущенко, Е.А. Дагаев , Л.В. Даниленко, Л.А. Данченок, С.В.Запускалов, Е.И. Зуев, Е.А. Измайлов, Е.Б. Карпов, Н.К. Моисеев, А.П. Панкрухин,, Т.Н. Пискунов, О.В. Сагинова ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаи рушди таҳсилоти касбӣ ва хусусиятҳои рушди муосири он дар корҳои илмии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ Ғаниев Т.Б., Ғафорзода Ҷ.Ғ., Катаев А.Х., Қодирова З.Ҳ., Раҷабов Р.К., Бобоҷонов Р.М., Мирсаидов А.Б., А.Рауфи, Алимов А.Л. Саидмуродзода Л.Ҳ., Сангинов Н.С., Юсуфбеков Ю.Р. Факеров Ҳ.Н., Хамитов М.С., Шоев Н.Н., Шарипов З.Р., ва ғ. таҳқиқи фарогир шудааст, мо онҳоро мавриди омӯзиш қарор додем.

Ҳамин тариқ, дар адабиёти ватании иқтисодӣ таҳкурсии зарурӣ барои ташкили таҳқиқотҳо дар самти омӯзиши қонунмандиҳо фаъолияти муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муносибатҳои бозории рушдёбанда, шароитҳо ва омилҳои ташаккули имиҷи онҳо ва коркарди асосҳои консептуалии ташкили он эҷод шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар корҳои олимон – иқтисодчиён мавзуи омилҳо ва роҳҳои баланд бардоштани имиҷи мусбати муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун дороии ғайримоддии муҳими рушди онҳо, ҳанӯз ба таври маҷмуи мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо «Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, таҳти №392 тасдиқ гардидааст), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст), Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (29 сентябри соли 2017 № 443 тасдиқ шудааст) алоқамандӣ дорад. Диссертатсия дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

иҷро гардида, дар ҷаласаҳои шуъбаи таҳқиқоти институтсионалӣ муҳокима гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба коркарди асосҳои назариявию амалии мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси таҳқиқи шароитҳо ва омилҳои ташаккулу рушди имиҷ ва асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани он равона шудааст.

Барои дастёбӣ ба ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаллу фасли **вазифаҳои** зерин гузошта шуданд:

- таҳқиқи ҷойгоҳи имиҷ дар низоми дороиҳои ғайримоддӣ, моҳият ва заминаҳои ташаккули категорияи имиҷ ва заминаҳои иҷтимоию иқтисодии ташаккули он;
- тавсиф намудани хусусиятҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сохтори он;
- таҳқиқи масъалаҳои методии баҳогузории имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ;
- арзёбии ҳолати муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ ва имиҷи муассисаҳои онҳо;
- тавсифи технологияи коркарди имиҷ ва асоснок намудани имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун қисмати асосии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ;
- асоснок намудани такмили сохтор ва механизмҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- коркарди пешниҳод доир ба такмили методи ченкунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Объекти таҳқиқот** иқтисодиёти соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва омилҳои ташаккулу рушди дороиҳои ғайримоддӣ дар низоми рушди ташкилот.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ доир ба баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** ба асосноккунии фарзияи афзалият пайдо намудани ташаккул ва рушди имиҷи мусбат, эҷоди симои мусоиди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва нигоҳ доштани он ҳамчун ҷузъи муҳими дороиҳои ғайримоддии онҳо дар шароити рушди бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олӣ на танҳо ба таҳкими рақобатпазирӣ, самаранокии иҷтимоию иқтисодии фаъолият ва рушди устувори дарозмуддати он мусоидат менамояд, балки дар маҷмуъ, имкон медиҳад, ки сатҳи барқарор кардани муносибатҳои мутаносиб бо ҷомеа (стейкхерон), истеъмолгарони хидматрасониҳои илмию таҳсилотӣ ва рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар мамлакат ва берун аз он арзёбӣ намоем.

**Методология ва методҳои таҳқиқоти диссертасияро** методологияи асарҳои бунёдии олимон – иқтисоддонони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таҳқиқоти мо, барномаҳои миллӣ, минтақавӣ ва соҳавии рушди соҳаҳои иҷтимоию, санадҳои қонунӣ, низомномаҳо, дастурамалҳо ва муқаррароти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи иттилоотӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар ташкилотҳои соҳаи таҳсилоти касбии мамлакат ташкил додааст.

**Асоси иттилоотӣ** ва омории таҳқиқотро маълумоти омории расмӣ, хусусан, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотномаҳои муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат ва ғ. ташкил додаанд.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ манбаъҳои электронии шабакаи Интернет, маводи таҳқиқотҳои эмпирикӣ, иттилооте мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар ҷараёни мониторинг ва коркарди иттилооти муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбии ба даст омаданд. Як қатор тавсияҳои таҳияшуда дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани

пурсишҳои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ ба даст омад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар корбасти чунин методҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба мисли: методҳои абстраксияи илмӣ, муносибати диалектикӣ, дедуксияаву индуксия, таҳлилу ҷанбаст, методҳои оморӣ, пурсиши иҷтимоӣ, ва дигар асос ёфтааст.

**Соҳаи таҳқиқот** ба ихтисоси . 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ **Соҳаи таҳқиқот** ба ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) бандҳои: 1. Коркарди проблемаҳои илмӣ идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунию ташкили истеҳсолот; 4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ, рақамигардонӣ ва «ҳукумати электронӣ» дар низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; 7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патент, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.); 9. Фарҳанги ташкил ва идоракунӣ. Таъсири фарҳанги ташкилӣ ба рафтори иқтисодию иҷтимоии кормандони ташкилот. Идоракунии захираҳои меҳнатии ташкилот. Омилҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва фарҳангии сатҳи зиндагии кормандон. Ташкил ва идоракунии шарикии иҷтимоӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои меҳнатӣ дар ташкилот; 13. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати шахсии ташкилот ва самаранокии он. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ.

**Марҳалаи таҳқиқот**. Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2019-2023-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Корҳои таҳқиқотӣ дар назди шуъбаи тадқиқоти институтсионалӣ ва иқтисодиёти бахши иҷтимоии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанивию хориҷиро дар соҳаи рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди далелҳо, захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои ва технолгияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишорот ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамояд.

**Навгонии илмии татқиқоти** диссертатсионӣ дар асонок кардани заминаҳои назарию амалии мукаммалгардонии механизми баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддии ва коркарди тавсияву пешниҳодот доир ба роҳҳои баланд бардоштани имиҷи мусбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки рақобатпазирӣ ва рушди дарозмудати онҳоро дар шароити рушди бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олии касбии рушдёбандаи мамлакат муаяйн менамояд, мебошад.

**Натиҷаҳои асосии илмие, ки ба ҳайси навгонӣ пешниҳод мешаванд, инҳо мебошанд:**

1. Дар мафҳуми имиҷи ташкилот тавзеҳот дода шудааст: имиҷ ин симои (образ) муассисаҳо, ташкилотҳо, инчунин, ҷузъҳои алоҳидаи сохтории он мебошад, ки хусусиятҳои муайян дошта ба хосиятҳои воқеии ташкилоти мушаххас асос меёбад, ки маҳсулоти он барои истеъмолкунандагон ва ё дарккунандагон арзиши нафънокии ҷамъиятиро доро мебошад. Моҳияти иқтисодии имиҷро муаллиф ҳамчун дороии

ғайримоддӣ, ки тасвири динамикӣ дошта, ба ташкилот арзишҳои иловагӣ меорад, арзёбӣ намудааст.

2. Ҷанбаҳои субъективию объективии ташаккули имиҷ, нақш ва аҳаммияти асосии он барои муайян кардани робитаҳои сабабу оқибат ва конунмандиҳои ташаккул, инкишоф ва трансформатсияи симои мусбатро, ки чун дороии ғайриимоддии зояндаи даромад мебошад тавзеҳ дода, зарурати таҳияи механизмҳои ташкилу идоракунии онро асоснок намудааст.

3. Хусусияти имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун субъекти бозори хидматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятдошта муаяйн гардидааст, ки пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои маҳсулоте, ки вай ҳамчун моли квазибозорӣ истеҳсол мекунаду таъсири мусбати берунӣ ва хусусияти мақсаднок барои гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа дорад, бармеояд. Зарурат ва аҳаммияти ташаккул ва рушди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дороии ғайримоддӣ, ки дар шароити афзояндаи рақобат дар бозори хидматрасониҳои таълимӣ имкониятҳои дастрасиро ба беҳтарин захираҳо (молиявӣ, иттилоотӣ) фароҳам меорад, одам ва ғайра) доро мебошад, асоснок карда шудааст.

4. Таъсири синергетикии имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ исбот шудааст. Азбаски он унсури асосии системаи такрористеҳсоли интеллектуалии иҷтимоӣ, сармояи инсонӣ, паҳнкунандаи донишҳои нав мебошад, ҳамчун ниҳоди муҳимми ҷамъият, давлат, иқтисодиёти кишвар, соҳа ва минтақаҳои мушаххас амал мекунад. Асоснок карда шудааст, ки арзиши онҳо ҳамчун институти муҳими иҷтимоӣ дар ҳолатҳое меафзояд, ки онҳо ба ин сифатҳо сазовор бошанд.

5. Нақши стратегияҳои маркетинг дар ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудааст. Нақш ва аҳамияти «пиар» (PR-технологияҳо), таблиғ дар ташаккул ва идоракунии самараноки симои донишгоҳ, инчунин, дар ташаккули модели муносибатҳои байни донишгоҳ, давлат ва тиҷорат асоснок карда шудааст.

Омилҳое, ки ба имиҷ таъсир мерасонанд, навъҳои имиҷ нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсиф карда шудаанд.

6. Заминаҳои консептуалии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дорои ғайримоддӣ ва чанд тавсияҳои амалӣ дар заминаи ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоии гузаронидашудаи муаллиф (коркарду таҳлили андешаҳои намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии мақсадноки гуногун) асоснок шудаанд, ки ба такмили механизмҳои ташаккулу рушди имиҷ мусоидат менамояд. Механизми ташкили такмили имиҷ таҳия шудааст, ки ба он субъектҳо, объектҳо ва таъминоти захираҳои дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули имиҷ истифодашаванда, инчунин меъёр ва методологияи баҳодиҳии симои мусбати донишгоҳ дохил мешаванд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

-муқарарот ворид намудан ба мафҳуми имиҷи ташкилот ва моҳияти иқтисодии имиҷ, ҳамчун дороии ғайримоддӣ, ки ба ташкилот арзишҳои иловагӣ меорад;.

- таснифоти ҷанбаҳои субъективию объективии ташаккули имиҷ, ки дар асоси таҳияи механизмҳои ташкилу идоракунии он қарор меград;

тавсифу таснифи хусусияти имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун субъекти бозори хидматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятдошта, ки дар шароити шиддат гирифтани рақобат тамоюли афзоянда пайдо мекунад;.

- исбот намудани таъсири синергетикии имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун ниҳоди муҳимм, ки ба густариши системаи такрористеҳсоли интеллектуалии иҷтимоӣ, сармояи инсонӣ, паҳншавии донишҳои мусоидат менамояд; ,.

- асоснок намудани нақши стратегияҳои маркетинг дар ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва густариши тамсилаи муносибатҳои байни донишгоҳ, давлат ва тиҷорат;

- коркарди заминаҳои консептуалии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дорои ғайримоддӣ ва тавсияҳои амалӣ дар самти мукаммалгардонии еханизмҳои ташаккулу рушди имиҷ мусоидат менамояд.

**Муҳиммияти назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки коркарди асосҳои консептуалии ташаккул ва баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ асосҳои назариявии дороиҳои ғайримоддиро такмил дода барои ғанӣ гардонидани асосҳои ғоявии коркарди стратегия ва барномаҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити тезу тунд шудани рақобати миёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шароити бозори рушдёбандаи хидматрасониҳои таҳсилотии мамлакат хидмат менамояд. Натиҷаҳои таткиқоти диссертатсионӣ асосҳои методологии истифодаи «робита бо мардум»-ро дар ташаккули самаранок ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин интихобу таҳлили нишондиҳандаҳои сифативу миқдории имиҷи онҳоро мушахасс менамояд.

**Натиҷаҳои амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки маҷмуи муқаррароти методие таҳия шудааст, ки асосро барои ташаккулу рушди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва роҳҳи ташкилу идоракунии онро бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалие, ки дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, дар раванди омодасозӣ ва хондани лексияҳо доир ба курси “Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ”, “Иқтисоди таҳсилот”, “Менеҷменти сифат” барои магистрҳои факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Истифодаи амалии методу механизми баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои соҳаҳои таҳсилоти олӣ, ки дар диссертатсия асоснок шудаанд,

имконият медиҳад, ки муассисисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шаклгирии тасаввуроти мусбати ҷомеа оид ба тавсифоти ҷолибият ва афзалиятҳои асосии онҳо мусоидат намояд. Ҳамчунин барои шаклгириву рушди чунин сифатҳои муҳимми ғайримоддӣ ба мисли шухрати муассиса, поквиҷдонии кормандон, рақобатпазирӣ, имкониятҳои инноватсионӣ, эътимотнокии истеъмолкунандагону шарикон ва ғ. хидмат намояд.

**Саҳми шахсии довталаб**. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошта шуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона тавсияҳои методиро доир ба такмили механизми ташшаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун омили ғайримоддии рушди онҳо, алгоритм ва марҳалаҳои асосии ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳи гузаронидани мониторинг ва таҳлили мунтазами иттилооти ҷамъкардашуда пешниҳод намудааст

**Тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбатро гирифтанд:

- семинарҳои назариявии шуъбаи “таҳқиқоти институсионалӣ ва иқтисодии бахши ҷамъиятӣ” – и Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, кафедраи маркетинги ДМТ;

- конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “**Нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии Тоҷикистон**” (5 декабри соли 2019, ИИД АМИТ, Душанбе, 2019);

- конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон: тағйироти сохтории иқтисодиёти миллӣ” (19 июни соли 2020, ИИД АМИТ, Душанбе, 2020);

- конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии дар мавзуи “Рушди инноватсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ИИД АМИТ, Душанбе, 2021;

- конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии дар мавзуи “Трансформатсияи индустриалии минтақаҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»” (ИИД АМИТ , душанбе, 27.05.2022);

**Интишор натиҷаҳои диссертатсия** Доир ба мавзуи таҳқиқот 11 корҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар феҳрасти маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА – и Ҷумҳурии Тоҷикистони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва мазмуни диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 182 саҳифаи матни компютерӣ, 32 ҷадвал ва 10 расмро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИИ ТАҲҚИҚОТИ ИМИҶИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

## 1.1. Имиҷ дар низоми дороиҳои ғайримоддии ташкилот: моҳият ва заминаҳои ташаккули он

Ибораи "дороиҳои ғайримоддӣ" дар охири асри XIX аз ҷониби олимони хориҷӣ истифода шудааст. Дар фаъолияти иқтисодӣ он аз нимаи дуюми асри бист бо мақсади тавсифи захирае, ки нафъ ва ё фоидаи иловагӣ ба даст меорад, истифода мешуд. Пайдоиши санадҳои ҳуқуқии дахлдор, институти моликият, бахусус институти моликияти зеҳнӣ, инчунин фаъолсозии таҳаввулоти хусусияти илмию методӣ дар соҳаи дороиҳои ғайримоддӣ боиси афзоиши таваҷҷуҳ ба ин навъи дороӣ дар сохторҳои иқтисодӣ гардид.

Дороиҳои ғайримоддӣ арзишҳое мебошанд, ки барои пешбурди фаъолият иқтисодию тиҷоратӣ истифода мешаванд, аммо шакли ҷисмонӣ надоранд. Дороиҳои ғайримоддӣ дар шакли моддӣ ифода карда намешаванд, онҳо одатан дар ҳамвории ҳуқуқҳои моликият мавҷуданд. Ба ибораи дигар онҳо гарчанд ифодаи ҷисмонӣ надоранд, аммо ҷузъи муҳимми ҳар як ташкилот буда, пардохтпазирӣ ва устувории онро инъикос мекунанд ва имкон медиҳанд, ки ташкилот нафъ ба даст орад. Дороиҳои ғайримоддӣ бояд ба хусусиятҳои зер мувофиқат кунанд:

- надоштани шакли ҷисмонӣ;

- татбиқ дар равандҳои гуногуни фаъолияти ташкилот (масалан, метавонад барои ташкили равандҳои идоракунӣ ё истеҳсолӣ талаб карда шавад);

- на камтар аз як сол дар гардиш будан;

- аз онҳо дар вақти ҷорӣ метавон нафъ ба даст овард ва татбиқи ҳадафҳои молиявиро дар доираи банақшагирии стратегӣ таъмин намуд;

- бақайдгирии дуруст (агар ташкилот онро ба таври қонунӣ ба расмият надароварда бошад, онҳоро дороиҳои пурра номидан душвор аст);

- дороиҳои ғайримоддиро метавон ба шахсони дигар дод.

Моҳияти дороиҳои ғайримоддӣ дар адабиёти иқтисодӣ шарҳ дода шудаанд. Масалан дар луғати калони иқтисодӣ[2] дороии ғайримоддиро ҳамчун "хароҷоти давраи дарозмуддати корхонаҳои дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ки даромад ба даст меоранд: ҳуқуқҳои истифодаи қитъаҳои замин, захираҳои табиӣ, патентҳо, литсензияҳо, ноу-хау, маҳсулот барномавӣ, хароҷоти ташкилӣ, тамғаҳои молӣ ва ғ. тамғаҳои молӣ" тавсиф дода шудааст. Ё ин ки дар дигар луғати иқтисодӣ[3] ин мафҳум ҳамчун "дороиҳое, ки шакли ҷисмонӣ надоранд (масалан, гудвилл, тамғаҳои молӣ, патентҳои дорои арзиши пулӣ)" муаяйн карда шудааст. Дар луғати энсиклопедии молияву қарзӣ[4] "патентҳо, литсензияҳо, ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин, объектҳои табиат, ҳуқуқи муаллифӣ, коркард дар соҳаи ташкили истеҳсол ва паҳнкунии маҳсулот, тамғаҳои молӣ, маҳсулоти барномавӣ," ноу-хау" ва дигар натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ" ҳамчун дороии ғайримоддӣ муаяйн карда шудааст.

Таҳаввулоти мафҳумро ташаккули стандартҳои касбӣ равшан нишон медиҳад. Масалан, тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ 38) дороиҳои ғайримоддӣ "дороиҳои ғайримонетарӣ, ки шакли моддиву ашёӣ надошта, зери назорати ташкилот қарор мегирад, ки аз он фоидаи иқтисодӣ ба даст меорад"[5]. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ чунин сохтори дориҳои ғайримоддиро номбар намудааст: тамғаҳои тиҷоратӣ, номҳои фирмавӣ; таъминоти барномавӣ; иҷозатномаҳо ва франшизаҳо; ҳуқуқҳои муаллифӣ, патентҳо ва дигар

---

[2] Большой экономический словарь [Текст] / А.Б. Борисов. - М.: Книжный мир, 1999. - С. 440.

[3] Вечканов Г.С. Микрои макроэкономика. Энциклопедический словарь [Текст] / Г.С. Вечканова, Г.Р. Вечканова. - СПб: Лань, 2000. - С. 186.

[4] Финансово-кредитный энциклопедический словарь [Текст] / Под общ. ред. А.Г. Грязновой. - М.: Финансы и статистика, 2004. - С. 649.

[5] МСФО 38 «Нематериальные активы» [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: https://www.audit-it.ru/articles/msfo/a1029271/1032473.html., кушода (санаи муроҷиат 20.02.2022).

ҳуқуқҳои моликияти зеҳни, саноатӣ, ҳуқуқҳои хидматрасонӣ ва амалиёт; ретсептҳо, формулаҳо, лоиҳаҳо, тарҳҳо ва ғ.

Олими ғарб Брукинг Э. муаммои вобастагии мутақобилаи имиҷ ва рақобатпазириро муайян намуда, таъкид намудааст, ки сармояи зеҳнӣ «бартариҳои рақобатиро афзун менамояд»[6]. Вай ба чунин сармояи зеҳнӣ ишора мекунад: «дороиҳои инсонӣ (дониш, таҷриба, малака, қобилияти навоварӣ, фарҳанги умумӣ, арзишҳои корпоративӣ); моликияти зеҳнӣ (ҳуқуқ ва имтиёзҳо); дороиҳои инфрасохторӣ (патентҳо, иҷозатномаҳо, тамғаҳои молӣ, шабакаҳои электронӣ, пойгоҳи итилоотӣ); дороиҳои бозорӣ (низоми муносибатҳои боэътимоди дарозмуддат ва мутақобилан судманд бо шарикон ва мизоҷон)».

Дороиҳои ғайримоддӣ аксар вақтҳо бо мафҳумҳои «сармояи зеҳнӣ» ва «моликияти зеҳнӣ» алоқаманданд. Мафҳуми «моликияти зеҳнӣ»-ро мутахассисон барои ифодаи ҳуқуқ ба натиҷаҳои мушаххаси фаъолияти эҷодии зеҳнии шахс дар ҳама гуна соҳа – истеҳсолӣ, илмӣ, адабӣ, ҳунар ва ғайра истифода мебаранд. Муносибати умумӣ, ки усулҳои муайян кардани сифати ташкилотҳо, инчунин натиҷаҳои фаъолияти онҳо низ ба моликияти зеҳнӣ дохил мешаванд, низ паҳн шудааст. Масалан, олими рус Остапенко Г. дар доираи моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ ба «воситаҳои фардикунонии шахси ҳуқуқӣ, маҳсулот, иҷрои кор ё хидматрасонӣ»-ро баррасӣ намудааст[7]. Ба андешаи коршиносон, дороиҳои ғайримоддӣ вобаста ба шакли мушаххаси фаъолият метавонанд аз 5 то 98% ҳиссаи моликияти корхонаҳои муосирро дар бар гиранд[8]. Аксар вақтҳо, ин дороиҳо пайдоиши маркетингӣ дорад, онҳо бо ташаккули имиҷ, бренд алоқаманданд.

---

[6] Брукинг Э. Интеллектуальный капитал [Текст]: Пер. с англ. / Под ред. Л.Н. Ковалик. - СПб.: Питер, 2001. - С. 31.

[7] Остапенко Г. Управление интеллектуальной собственностью [Текст] / Г. Остапенко. - М.: Дашков и К, 2015. - 76 с.с.34

[8]Христофорова И.В. Проблемы капитализации предприятий сферы услуг в периодстановления сервисного общества в России: маркетинговый аспект [Текст]: монография / И.В. Христофорова. – М.: ГОУВПО «МГУС», 2017. – С 67

Дар асоси ҷамъбасти гуфтаҳои дар боло зикршуда гумон менамоем, ки ҳамаи унсурҳои дороиҳои ғайримоддӣ дар ниҳояти кор дар имиҷу шуҳрати ташкилот инъикос меёбанд. Исботи ин фарзия ва коркарди илман асоснокшудаи стратегия ва тактикаи ташаккули имиҷи ташкилот, аз ҷумла муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, пеш аз ҳама интихоб ва истифодаи категорияи аппарати возеҳи таҳқиқотро тақозо менамоянд. Бо дарназардошти ин, мафҳумҳои ба монанди «имиҷ», «шуҳрат», «сиёсати имиҷӣ» ва ғайраҳо аҳаммияти калидӣ доранд, чунки он мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии баррасишавандаи моро ташкил мекунад. Бинобар ин, фаҳмидан ва аниқ кардани ин мафҳумҳоро нисбатан муфассалтар баррасӣ менамоем.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ ва амалӣ оид ба идоракунии имиҷи субъектҳо ва ташкилотҳои гуногун гарчанде таҳқиқоти ҳаматарафа вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо ба андешаи мо, наметавон тасдиқ кард, ки дар фаҳмиши категорияи имиҷ ва дар ҷанбаи методологии он ҳамфикрӣ дида мешавад. Пеш аз ҳама дар этимологияи ин истилоҳ лаҳзаҳои баҳснок вуҷуд доранд.

Имиҷ – «image» аз забони англисӣ пайдо шудааст. Дар забони тоҷикӣ одатан маънои «тимсол» -ро дорад. Дар анъанаҳои илмӣ ва психологӣ мафҳуми «тимсол» ҳолномаи назарии худро дорад, чунки он ҳамчун категорияи махсусгардонидашудаи забони психологӣ истифода мешавад. Масалан, дар психология мафҳуми «тимсол» ба маънои васеи калима ҳамчун тасвири субъективии олам ё унсурҳои он бо дар бар гирифтани худ субъект шарҳ дода мешавад.[9] Умуман, таҳқиқи имиҷ дар самти психологӣ объекти таҳқиқоти психологҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ гардид. Онҳо қонунмандиҳои равандҳои дарки иҷтимоӣ ва инъикоси субъектии тасвири беруниро ба шуури одамон мавриди таҳқиқ қарор дода, асоснокkунии назарию-амалии имиҷро инкишоф доданд. Агар мо, мафҳуми имиҷро дар

[9] Перелыгина Е.Б. Психология имиджа [Манбаи электронӣ]. - Ҳолати дастрасӣ: http://vneshnii-oblik.ru/psyhologiya/pereligina-imidg.html., кушода (санаи муроҷиат: 12.05.2023).

ҷанбаи психологӣ баррасӣ намоем, он гоҳ дар ҷанбаи таносуби категорияҳои «имиҷ» ва «тимсол», яъне дар ҷанбаи инъикоси аввалин ва дуюмини тавсифоти объект мушкилоти дигар пайдо мешаванд. Ин масъалаҳои имиҷро мушкил мегардонад, бинобар ин дар адабиёт якчанд муносибати ихтилофнок вобаста ба фаҳмиши ин категория вуҷуд доранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар «Энсиклопедияи калони шӯравӣ» ва «Фарҳанги калони тафсирии забони русӣ» оид ба калимаи «имиҷ» сухане гуфта нашудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин категорияи нисбатан нав мебошад. Дар «Фарҳанги муосири калимаҳои хориҷӣ» калимаи «имиҷ» - ро чунин муайян кардаанд: «тимсоли мақсаднок ташаккулёфтаи ягон шахс, ҳодиса ё предмет, ки тавсифоти муайяни арзишнокро таҷассум мекунад ва барои расонидани таъсироти ҳиссиётӣ-психологӣ ба касе ё чизе бо мақсади тарғиб, реклама ва ғайраҳо нигаронида шудааст».[10] Ва дар «Фарҳанги психологӣ амалӣ» имиҷ ҳамчун «тимсоли дар шуури омма пайдошуда ва дорои хосияти стереотипии тобиши ҳиссиётии касе ё чизе муайян карда шудааст».[11] Аз ин ҷо дида мешавад, ки тафсири имиҷ дар фарҳангҳо мухолифи якдигар мебошанд. Агар дар якумин ба сунъӣ будани имиҷ-маҳсулоти муҳити берунӣ ва фаъолият диққат дода шавад, дар дуюмин ин тавсифот ботил мешавад. Умумияти ин муайянкуниҳо такя намудан ба категорияи тимсол аст.

Мафҳуми «имиҷ» дар адабиёти илмӣ шуруъ аз миёнаҳои асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст. Ва иқтисоддонони ба соҳибкорӣ машғул ин категорияро истифода кардаанд. Масалан, иқтисоддони амрикоӣ Болдуинг дар нимаи дуюми асри XX дар муомилоти корӣ истилоҳи «имиҷ»-ро ҷорӣ намуд ва фоиданокии онро барои бизнес асоснок кард. Дар он солҳо В. Гарденер ва С. Леви дар мақолаи худ «Маҳсулот ва брэнд» истилоҳи «имиҷ»- ро истифода карданд ва онро ҳамчун «маҷмуи донишҳо, тасаввурот ва пешакӣ объектҳои иҳотакунандаи худро сарфаҳм

[10]. Булыко А.Н. Современный словарь иностранных слов [Текст] / А.Н. Булыко. – М., 2005. – С. 215
[11] Словарь практического психолога [Текст] / С. Головин – М., 1997. – С. 134.

рафтани одам муайян намуданд».[12] Дар солҳои 70-уми асри гузашта дар нашрияҳои алоҳидаи даврони шӯравӣ низ истилоҳи «имиҷ» пайдо шуда буд. Аммо онро ҳамчун категорияи манфӣ тавсиф намуда, чун роҳи қаллобонаи сиёсати буржуазӣ ва воситаҳои ахбори оммаи онҳо баррасӣ мекарданд, ки бо мақсадҳои идеологӣ бар зидди ҷомеаи сотсиалистӣ истифода мебаранд. Бинобар ин, муносибат ба «имиҷ» ҳавасмандии олимони шӯравиро бедор накард.

Дар ҳоли ҳозир мафҳуми «имиҷ» аз тарафи мутахассисони соҳаи маркетинг баррасӣ карда мешавад, яъне он дар доираи маркетинг рушд меёбад. Ва барои ҳамин бисёр ашхоси донандаи назария ва амалияи маркетинг ва реклама муайянкунии худии имиҷро пешниҳод менамоянд.

**Ҷадвали 1.1. - Тафсири категорияи имиҷ дар адабиёти иқтисодӣ**

| Муаллифон | Тафсири имиҷ |
|---|---|
| В.М. Шепел – мутахас-сиси соҳаи сотсиология, идоракунӣ ва имиҷ-шиносӣ | «Имиҷ сиришти ё партави фардие мебошад, ки онро воситаҳои ахбори омма, гурӯҳи иҷтимоӣ ё тавассути кӯшишҳои худи шахс бо мақсади ҷалб намудани диққати дигарон ба вуҷуд меоранд». |
| Ф. Котлер | Имиҷро ҳамчун «дарки ширкат ё молҳои он аз тарафи ҷомеа» муайян мекунад. |
| О.С. Виханский – мутахассиси соҳаи менеҷмент | «Имиҷи ҳодиса тасаввуроти устувор оид ба хусусиятҳо, сифатҳо ва аломатҳои махсуси барои ҳамин ҳодиса хос мебошад» |
| Касаткин С. Мастер общения – СПб.: Питер, 2001 | Имиҷи ташкилот маҷмуи механизмҳои идоракунандаи рафтори иштирокчиёни муносибатҳои иҷтимоии ташкилот мебошад, ки идрок, сарфаҳмравӣ ва ҳиссиётро нисбат ба фаъолияти муассиса дар бар мегирад. |
| Мирсаидов А.Б., Ҳасанзода Н. | Имиҷ ҳамчун дороии ғайримоддӣ тасвири динамикӣ ва мавзун дошта, ба объект арзишҳои иловагие медиҳад, ки онҳо ба моҳияти воқеии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва даромади иловагӣ овардани он асос ёфтаанд. |
| А.П. Федоркина, Р.Ф. Ромашкина | Имиҷ ҳамчун «ҳодисаи иҷтимоӣ-психологии инъикоскунандаи на танҳо таъсири бошуурона ба он, балки бешууронаи қисматҳои рӯҳии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, мақсаднокии рафтори онҳо ва инчунин ташаккули симоҳое мебошад, ки имрӯзҳо аз тарафи оммаи мардум тақозо карда мешаванд». |
| Перелигина Е. Б. Мафҳуми имиҷ (аз китоби «Психологияи имиҷ» – М.: Аспект Пресс, соли 2008) | Имиҷ тимсоли рамзии субъект, ки дар раванди ҳамкории байнияkдигарии субъект-субъект пайдо мегардад. Имиҷ – тимсоли дорандаи аҳаммияти иҷтимоӣ мебошад. |

[12] Корпоративный имидж и его природа [Электронный ресурс]. – Режим доступа: // http://rudocs.exdat.com/docs/index-127590.html?page=14., открытый (дата обращение 15.05.2023)

**Идомаи ҷадвали 1.1.**

| Муаллифон | Тафсири имиҷ |
|---|---|
| Феофанов О. | Имиҷ тимсоли ба ҳодиса атокунандаи тавсифоте мебошад, ки берун аз моҳияти воқеии он, берун аз он муайяннокии сифатие қарор доранд, ки дар амалияи ҳамкории бевосита ошкор мешаванд. |
| Косолапов Н. А. | Имиҷ тимсоле мебошад, ки дар чашмони оммаи васеъ ба таври сунъӣ сохта шудааст ва бо тинати ҳақиқӣ ягон умумияте надорад. |
| Шепел В. | Имиҷ сиришт, яъне он шакли дар ҳаёт зоҳир шудане мебошад, ки ба туфайли он «ба одамон» хосияти сахттаъсиркунанда нишон медиҳад. |

**Сарчашма:** Муаллиф аз рӯйи асарҳои Шепель В.М. Имиджелогия. Секреты личного обаяния. –М., 1994. – С 8.; Котлер Ф. Основы маркетинга. – СПб., 2001. – С.307; Виханский О.С. Менеджмент. – М., 2005.; Зверинцев А.Б. Формирование имиджа. – СПб.: 2007; Косолапов Н.А. Политико-психологический анализ социально-территориальных систем. –М., 2004. – С. 200 тартиб додааст.

Ҳамин тавр, шарҳҳои гуногуни мафҳуми имиҷ дида мешаванд. Аммо онҳо бо мухолиф будан ба якдигар фарқ мекунанд ва метавон гуфт, ки ҳамдигарро комил менамоянд. Дар ин ҷо низ муаллифони гуногун ба ҳайси мафҳуми такягоҳӣ асосан мафҳумҳои «тимсол», «афкор», «ягонагии аломатҳои монандӣ», «тасаввурот» ва ғайраҳоро истифода мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёт мафҳуми байни «имиҷ» ва «тимсол»-и объекти таҳқиқшавандаро ҷудо мекунанд.[13] Тазаккур дода мешавад, ки имиҷ дар худ тасаввурот дар бораи объектеро таҷассум менамояд, ки дар натиҷаи фаъолияти мақсадноки як қатор қувваҳои берунӣ ба таври сунъӣ ташаккул ёфтааст. Ва зери мафҳуми «тимсол» ҳолати натиҷаи фаъолии худи рӯҳияи аъзои коллектив фаҳмида мешавад. Вале, ба андешаи мо, ин муносибат маҳдудияте дорад, ки онро наметавон ба ҳайси асос барои таҳқиқи имиҷи ташкилот истифода кард. Дар ин ҷо коркарди психологии сусти категория вуҷуд дорад. Бинобар ин, кӯшиш менамоем, ки муносибати худро нисбат ба муайян кардани моҳияти категорияи «имиҷ» ташаккул диҳем.

Тазаккур бояд дод, ки шарҳи имиҷ, ки аз тарафи аъзои Академияи имиҷшиносии Федератсияи Россия (А.И.Панасюк, Е.А. Петрова ва

[13] Казаринова Н.В. Межличностное общение [Текст] / Н.В. Казаринова, В.Н. Куницына, В.М. Погольша. – СПб., 2002. – С. 32

дигарон) пешниҳод карда мешавад, ба сохтори консептуалии он нисбатан наздик мебошад.[14]. Тибқи ақидаи Панасюк А.И. дар мамлакатҳои англисизабон истилоҳи «image» ба маъноҳои зер истифода мешавад: «инъикос дар вазъияти рӯҳии инсон дар шакли тимсоли тавсифоти ин ё он объект ё ҳодиса». Аз ин ҷо истилоҳи «image» дар адабиёти касбӣ ҳамчун «тимсол» шарҳ дода мешавад. Ва «тимсол» дар худ маҷмӯи тавсифоти «моддӣ» ва «олӣ»-и объектро таҷассум менамояд, ки дар тасаввуроти инсон инъикос меёбад. Дар адабиёти илмӣ нисбат ба таносуби мафҳумҳои «имиҷ» ва «тимсол» ду нуқтаи назари мухолифи ҳамдигар дида мешавад.

Муаллифони алоҳида ин категорияҳоро ҳамчун ду категорияи гуногуни бо ҳам муттаҳиднашаванда иброз медоранд. Категорияи тимсол ҳамчун натиҷаи фаъолии рӯҳии худи субъекте тавсиф карда мешавад, ки дар натиҷаи азхудкунии иттилоот оид ба объект ва коркарди он ташаккул меёбад. Дар мавриди имиҷ метавон гуфт, ки он ҳамчун натиҷаи фаъолияти берунии имиҷии субъектҳо тавсиф ёфта, ба субъекти дигар вогузор карда мешавад. Як гурӯҳ муаллифон тимсол ва имиҷро монанд карда, калимаи «имиҷ»-ро мустақиман чун «тимсол» тарҷума мекунанд.

Мо ҳар ду нуқтаи назарро якҷо мекунем. Ба андешаи мо, имиҷ дар худ дар ҳақиқат баъзе аз тимсолҳои объектро таҷассум мекунад, ки дар натиҷаи фаъолии рӯҳияи инсон, яъне субъект нисбат ба объекти мушаххас ташаккул меёбад. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи тимсоли объектро метавон ҳамчун имиҷи он шарҳ дод. Масалан, дар психология тимсол ҳамчун инъикоси тавсифоти гуногуни навъе ҳориқа (феномен) дар рӯҳияи инсон фаҳмида мешавад. Дар ҷанбаи психологии чунин инъикос баъзе равандҳои муттаҳидкунӣ вуҷуд дорад, чунки дар ин раванд фаъолии худи рӯҳияи инсон бо ҳамдигар якҷо, яъне печида мешаванд. Одамон дар раванди дарки олам, на танҳо ба таҷрибаи фардӣ ва савияи дониш, балки қобилияи

[14] Панасюк А.И. Имидж: определение центрального понятия имиджелогии. Доклад на открытом заседании Президиума академии имиджелогии 26.03.2004 [Электронный рессурс]. – Режим доступа: http://www.academim.org., открытый (дата обращение 20.05.2023); и Петрова Е.А. Имиджелогия: проблемное поле и направления исследования [Электронный рессурс]. – Режим доступа: http://www.academim.org., открытый (дата обращение 20.05.2023).

ангезиши рӯҳия такя менамоянд, ки бо ҷавоб додан ба таъсироти берунӣ алоқаманд мебошанд. Натиҷаи чунин инъикосёбӣ тимсол мебошад ва дар ин ҷо, дар байни натиҷаи фаъолӣ ва ангезишпазирӣ монеа гузоштан ғайримумкин аст. Бинобар ин, ҳамчун ҳодисаи мустақили рӯҳияи инсон муқобили ҳамдигар қарор додани имиҷ ва тимсол, ки тавсифоти имиҷикунонии объектро инъикос мекунанд, фоида надорад. Аммо, чунон, ки олими ватанӣ Бобоҷонов Р.М қайд намудааст, дар замони муосир дуршавии иҷтимоӣ ба як мушкили мубрами ҷомеа табдил ёфтааст, ки ба руҳияи инсонӣ таъсир мерасонад. Ин аз он бармеояд, ки одамон ва асосан ҷавонон бештар ба масъалаҳои муоширати воқеӣ ва муҳити зист маҳдуд шуда ба ҷаҳони виртуалӣ рӯ меоранд.[15] Бинобар он, дар замони муосир истифодаи моҳиронаи ҷаҳони виртуали барои эҷоди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нафъи бештар меорад.

Ҳамин тавр, имиҷ дар раванди аз тарафи руҳияи инсон коркард шудани ягон тимсоли объект, ки ҳамчун натиҷаи маҷмуи муайяни хосиятҳои объектро дарк кардани одам баромад мекунад, ташаккул меёбад. Вале на ҳамаи тимсоли объект, ки дар рӯҳияи инсон ташаккул меёбад имиҷ мебошад. Барои муайян кардани диалектикаи ин ду категорияи бо ҳам алоқаманд кӯшиш менамоем, ки ба мафҳуми «имиҷ» равшанӣ андозем, яъне тавсифоти нисбатан муҳимми «имиҷ»-ро, ки ба он муайянкунии сифатӣ медиҳанд, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Имиҷ ҳамчун хориҷаи психологӣ дар худ таассуроти баҳогузории рӯҳияи субъекти иҷтимоии (фардӣ, гурӯҳӣ ё оммавӣ) барои онҳо то дараҷае аҳаммиятноки ҳодисаҳои олами беруниро таҷассум мекунад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки имиҷ ҳодисаи барои инсон, субъект аҳаммиятнок мебошад. Аҳаммиятнокӣ аз ҳавасмандии субъект аз якҷо амал кардан бо эҳтиёҷоти дар натиҷаи таассуроти баҳогузории инсон сарчашма мегирад. Вақте ки, ҳодисаи олами берунӣ барои инсон аҳаммият ё арзиш надошта

---

[15] Бобоҷонов Р.М. Проблемы социального отчуждения и развитие человеческого потенциала Республики Таджикистан [Текст] / Р.М. Бабаджанова. - Душанбе: Минтрудсоцзащиты населения РТ, НИИ ТСЗН РТ, ПРООН в Таджикистане, 2012. - 170 с.

бошад, имиҷи ин ҳодиса барои субъект пайдо намешавад. Бинобар ин, метавон тасдиқ кард, ки раванди ташкили имиҷ дар худ амалкарди якҷоро дар сатҳи эҳтиёҷот, манфиатҳо ва (ё) арзишҳои байни объект ва субъект таҷассум менамояд.

Ҳамон тавр, ки мебинем, тавсифоти дар боло овардашуда фарқи муҳимми байни тимсоли объект ва имиҷи онро нишон медиҳад: тимсол инъикоси параметрҳои берунӣ ва дохилии объект ба рӯҳияи субъект буда, имиҷ натиҷаи кори рӯҳия бо тимсол мебошад.

Ҳамин тавр, онтологияи имиҷ дар ақида оид ба объект ва баҳогузории он ифода меёбад. Олим-муҳаққиқ А.И. Панасюк қайд карда буд, ки барои ташаккули имиҷ инҳо нокифоя мебошанд: «қабул кардани ин ё он тавсифоти объект (инсон, предмет, ҳодиса), дар рӯҳияи худ кам ташаккул додани тимсоли ин объект, боз зарур аст, ки ба ин тимсол (дақиқтараш ба пртотипи ин тимсол) муносибати муайян пайдо гардад, баҳогузории муайяни ин тимсол ба вуҷудояд, ақидаи муайян оид ба прототипи ин тимсол ба миён ояд. Яъне, чунин бармеояд, ки имиҷ на ҳамон қадар тимсол, ки ҳар қадар муносибат ба тимсол, ҳамон қадар ақида оид ба тимсол (прототипи тимсол) аст».[16]

Ҳангоми таҳлили муҳтавои имиҷ масъалаи вобаста кардани имиҷи ташаккулёфта бо фаъолияти амалии субъект зарур мебошад. Имиҷ ҳамчун мулоҳизаи баҳогузории манфиатдорӣ-арзишмандии андеша дар шакли рушдёфтаи худ соҳиби иқтидори амали воқеӣ мебошад, чунки андеша қобилият дорад, ки на танҳо дар доираи амалӣ-дигаргуншавии мавҷудияти худ гузариш намояд, балки метавонад дар динамикаи имиҷ низ амалӣ гардад. Масалан, вақте ки интиқолдиҳандаи имиҷ гурӯҳи иҷтимоие мебошад, ки ба имиҷи андешаҳои ҷамъиятӣ вобаста аст, он гоҳ қобилият дорад, ки қувваи тавонои созанда (дар як вақт инчунин вайронкунанда) гардад. Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаи амалии фаъолияти андеша М.С. Горшков

---

[16] Панасюк А.И. Имидж: определение центрального понятия имиджелогии. Доклад на открытом заседании Президиума академии имиджелогии 26.03.2004 [Электронный рессурс]. – Режим доступа: http://www.academim.org., открытый (дата обращение 20.05.2023)

мавҷудияти се сатҳи худифодакунии қудрати моҳиятии андешаро ёдовар мешавад:

Аввалан, андеша худро чун мулоҳизаи баҳогузорӣ-арзишмандии ифодакунандаи муносибати маънавӣ зоҳир мекунад. Баъдан, он сифати андеша-мавқеъ ва андеша-мақсади таҳрикро мегирад. Сониян, андешаи «суботкорона» қобилият дорад, ки тавассути муносибати амалӣ амал намуда, бо натиҷаи таҷассуми иқтидори дар сатҳои қаблӣ дар амалҳои марбута ва корҳои рафторӣ ҷамънамудааш омехта гардад.[17].

Ғайр аз ин, имиҷ метавонад ҳамчун ҳодисаи дорои ду тараф мавриди баррасӣ қарор гирад: а) он маънавӣ мебошад; б) он хориқаи маънавӣ-амалӣ аст.

Имиҷи андеша метавонад дар ҳар яке аз ин шаклҳо зуҳур намояд. Дар ин ҷо низ ба ҳайси шакли аввалия имиҷи андеша чун мулоҳизаи баҳогузорӣ ва имиҷ чун хориқаи маънавӣ амал мекунад. Вобастагии субъектӣ-объектии имиҷ хосияти муҳимтарини он мебошад: онро ҳамчун муносибати субъектӣ-объектӣ ва чун натиҷаи он баррасӣ намудан мумкин аст. Ба ҳайси объекти имиҷ баъзе ҳодисаҳо, равандҳо, хориқаи олами объективӣ ё субъективии нисбат ба субъект берунӣ амал мекунанд. Маҳз аҳаммиятнокӣ ва оммавияти ҳодиса онро ба объекти имиҷ табдил медиҳад. Оммавият ё дастрасии иттилоотии объект барои дар майдони дарки субъект, инсон қарор доштан имконият фароҳам месозад. Агар дилхоҳ ҳодиса ба меъёрҳои дар боло номбаршуда ҳамзамон ҷавобгӯ набошад, он наметавонад боиси таассуроти баҳогузории субъектҳои иҷтимоӣ гардад ва аз ин рӯ, объекти имиҷ шудани он мумкин нест.

Аммо гурӯҳи алоҳидаи муаллифон муносибати дигари ҷудо кардани меъёрҳои объектиро пешниҳод менамоянд. Масалан, Петрова Е.А. танҳо як меъёр, яъне меъёри оммавиятро ҷудо мекунад. Тибқи андешаи ӯ «имиҷ танҳо ҳамон вақт пайдо мешавад, ки объект-интиқолдиҳандаи имиҷ

---

[17] Панасюк А.И. Имидж: определение центрального понятия имиджелогии. Доклад на открытом заседании Президиума академии имиджелогии 26.03.2004 [Электронный рессурс]. – Режим доступа: http://www.academim.org., открытый (дата обращение 20.05.2023)

«оммавӣ» гардад, яъне вақте ки субъекти дарки бевосита ё бавоситаи он вуҷуд дошта бошад. Мисол, барои пайдо шудани имиҷи намояндаи халқ ақаллан як нафар интихобкунанда зарур мебошад».[18]

Аз нуқтаи назари мо, дар муносибати пешниҳодгардида аҳаммияи ҳодиса пинҳон аст, дар мисоли боло манфиати интихобкунанда мебошад.

Дар васеъ гардонидани моҳияти имиҷ ҷудо кардани объект ва субъекти имиҷ масъалаи муҳим мебошад. Объектҳову субъектҳои имиҷ дар расми 1.1. оварда шудааст.

1. Хосияти фардӣ (индивидуалӣ): ба объектҳои фардии имиҷ шахсиятҳои алоҳидаи намояндагикунандаи дилхоҳ соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ, сардорони (роҳбарони) ҳам мусбат ва ҳам манфии дар соҳаи фаъолияти худ муваффақият ба дастоварда ва инчунин одами одӣ – «одами сари роҳ» дохил мешаванд;

2. Объектҳои институтсионалии имиҷ: ташкилотҳои иҷтимоӣ аз қаҳвахонаи хурд сар карда, то корпоратсияҳои бузург, давлат ё ташкилоти байналмилалӣ ва эҳтимол он объектҳое, ки комилан табиати институтсионалӣ доранд, масалан «коррупсия» ё «адлия» мебошанд.

3. Гурӯҳи алоҳидаи объектҳои имиҷро объектҳои дорои хосияти омехтаи фардӣ-институтсионалӣ ташкил мекунанд, яъне объектҳое, ки дар онҳо моҳияти тавсифоти имиҷӣ ҳамчун хӯлаи ҷудонашавандаи параметрҳои институтсионалӣ ва фардӣ-шахсиятӣ ба вуҷуд меоянд.

4. Табиати олӣ (идеалӣ): сохторҳои гуногуни ғоявӣ ва арзишмандӣ, назарияҳои илмӣ, мафкураи динӣ, тасвирҳои мифологӣ ва ғайраҳо.

Ҳамон тавр ки дар боло қайд намудем, ба субъектҳои (интиқолдиҳандагони) имиҷ метавонанд фардиятҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаи оммавӣ дохил шаванд. Ба шумори охирӣ дар гурӯҳбандии Г.Блумер, шунавандагон ва издиҳом мансуб мебошанд.

[18] Петрова Е.А. Имиджелогия: проблемное поле и направления исследования [Электронный рессурс]. – Режим доступа: http://www.academim.org., открытый (дата обращение 20.05.2023).




**Расми 1.1. - Объектҳову субъектҳои асосии имиҷ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Таҳқиқи вобастагии субъектӣ-объектии имиҷ барои муайян кардани робитаҳои сабабӣ-натиҷавӣ ва қонунмандиҳо ҳам дар ташаккул ва ҳам дар дигаргуншавии имиҷ аҳаммияти зиёд дорад. Танҳо бо такя кардан ба параметрҳои объект ё субъекти он наметавон тавсифоти комили имиҷро ба даст овард. Барои шарҳ додан ва муайян кардани тамоюлот ва пешгӯйии он омӯзиши он аз ҳар тараф тақозо карда мешавад: динамикаи имиҷ метавонад ба динамикаи объект ва динамикаи субъект ва ё динамикаи якҷояи онҳо вобаста бошад. Ҳангоми ин дар ҳар як ҳолати мушаххаси динамикаи имиҷ метавон омили пешбар, яъне ё субъективӣ ва ё объективиро ҷудо кард. Гарчанде имиҷ муносибати субъектӣ-объектӣ ҳисоб ёбад, раванди ташаккули он ҳамчун хориқаи тартиби нисбатан мураккаб мебошад. Пеш аз ҳама, дар рафти динамикаи имиҷӣ силсилаи ҳаётии имиҷи объекти мушаххас амалӣ мегардад. Дар ин ҷо ҳам ба назар гирифтан зарур аст, ки динамикаи имиҷии фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ вуҷуд дорад.

Дар ин раванд, гурӯҳи аввалин динамикаи имиҷии фардӣ мебошад. Динамикаи имиҷӣ раванди иттилоотӣ буда, дар мавқеи субъектӣ дорои

сохтори мураккаб мебошад. Азбаски худи субъекти имиҷ ҳамеша субъекти динамикаи имиҷӣ мебошад, он иттилооти оид ба объект дохилшавандаро коркард мекунад ва дар бораи объект тасвир-тасаввурот ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, ба ҳайси субъекти динамикаи имиҷӣ субъектҳои берунӣ низ амал мекунанд. Субъектҳои беруниро вобаста аз сатҳи таъсир ва вазифаҳои онҳо ба се навъ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- субъектҳое, ки объектҳои имиҷиро такмил мекунанд;
- субъектҳои иҷрокунандаи фаъолияти махсусгардонидашуда ё касбии имиҷ ба манфиати субъектҳои заминавӣ, ки аксар вақтҳо онҳоро субъектҳои технологии динамикаи имиҷӣ меноманд;
- субъектҳо–миёнаравҳои робитавии субъекти имиҷ, ки ин мақомро дар марҳалаҳои қаблии динамикаи имиҷӣ ба даст овардаанд.

Навъи якум ифодакунандаи объектҳои имиҷии дорои муҳтавои субъектӣ мебошанд. Ба инҳо шахсиятҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои иҷтимоӣ ва омма мансубанд. Субъектҳоеро, ки объектҳои имиҷиро таҷассум мекунанд (ташкилкунандаи муҳтавои субъектии онҳо) М.А.Шишкина субъектҳои заминавии динамикаи имиҷӣ номидааст. Ӯ мафҳуми субъекти заминавии PR-ро ҷорӣ намуда, онро ба таври зер муайян кардааст: «сабаби истифодаи субъекти заминавии PR чунин аст: якум, маҳз ҳамин субъект барои саршавии фаъолияти PR ҳамчун асос амал мекунад, дар он эҳтиёҷот барои муносиб гардонидани фазои робитавӣ пайдо мегардад, ташаккул ё дигаргуншавии имиҷ ба амал меояд ва муҳити мусоиди иҷтимоӣ-робитавӣ таъсис дода мешавад. Дуюм, маҳз субъекти заминавӣ, чун қоида параметрҳои аввалини фаъолияти PR-ро, ки субъектҳои дигар онро тағйир дода наметавонанд муқаррар мекунад. Масалан, агар сухан дар бораи имиҷи сиёсат равад, ба ҳайси параметрҳои аввалин метавонанд маълумоти антропометрии ӯ, аз қабили ҷинс, синну сол, миллат, ҷойи таваллуд, баромади иҷтимоӣ, миҷоз ва ғайраҳо амал намоянд. Сеюм, субъекти заминавӣ барои ин чунин ном гирифтааст, ки он аксар вақтҳо ба ҳайси фармоишгари фаъолияти PR амал карда,

фармоишро ба расмиёт медарорад, шартномаро ба имзо мерасонад ва охирро маблағгузорӣ мекунад».[19]

Дар замони муосир имиҷ ҳолати махсуси лоиҳакашишуда ба манфиати ташкилотҳо буда, ба хусусиятҳои фаъолият, қонунмандиҳои дохилӣ, арзишҳо, сифатҳо ва тавсифоти тимсол асос ёфтааст. Ин тимсол ба шуури одамон ва шарикон ба таври мақсаднок ворид карда шуда, ба интизориҳо мутобиқат мекунад ва барои ширкатро аз мушобеҳҳои худ фарқ кардан кумак мерасонад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда метавон чунин хулоса намуд:

Якум, имиҷ ҳодисаи иҷтимоие мебошад, ки на танҳо дар сатҳи як одам вуҷуд дорад, балки бояд ба гурӯҳи одамон (истеъмолкунандагон, мизоҷон ва дигарон) маълум буда, барои аъзоёни ин гурӯҳ аҳаммият дошта, боиси ҳавасмандӣ гардида, диққатро ҷалб намояд.

Дуюм, имиҷ якдафъина, муқарраргардида ва ташаккулдода нест. Он хосияти мунтазамӣ дорад. Хосиятҳои имиҷ дигаргун мешаванд ва тибқи тағйирёбии худи интиқолдиҳанда ё ивазшавиҳои шуури ҷамъиятӣ шакли худро дигар мекунанд.

Сеюм, имиҷ аз рӯйи табиати худ дорои хосияти фаъолӣ мебошад. Он қобилият дорад, ки ба шуур, ҳиссиёт, фаъолият ва кирдори ҳам фардиятҳои алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ, истеъмолкунандагон ва таъминкунандагон таъсир расонад. Ва дар натиҷаи он одамон ба ин ё он мол, ташкилот, шарикон ва ғайраҳо афзалияту бартарӣ дода метавонанд.

Тазаккур бояд дод, ки имиҷ барои ташкилотҳои калон ва хуб машҳуршуда аҳаммияти бузург дорад. Ин ташкилотҳо ба аҳли ҷомеа маълум буда, дар маркази таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори омма қарор доранд. Бинобар ин, ташкилотҳои бузург ҳамеша бо афкори ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд. Ин кор барои таъмини рафтори мусоиди аҳли ҷомеа нисбат ба ташкилот нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, имиҷи ташкилот дар худ дарки маҷмуии ширкатро аз тарафи аҳли ҷомеа таҷассум мекунад.

---

[19] Шишкина М.А. Паблик рилейшнз в системе социального управления [Текст] / М.А. Шишкина. – СПб, 1999. – С. 77-78.

## 1.2. Хусусиятҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва механизмҳои ташаккул ва рушди он

Тавре ки дар параграфи қаблии диссертатсия қайд намудем, имиҷ дар худ тимсоли умумӣ ва тасаввуротеро таҷассум менамояд, ки инсон оид ба объекти мушаххас ҳосил мекунад. Пайваста бо рушд ёфтани бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва муҳити рақобатӣ дар он нақши имиҷи муассисаҳои ин соҳа сифати гиреҳӣ пайдо мекунанд. Бинобар он ин параграф ба муайян намудани хусусиятҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сохтор ва методҳои арзёбии он бахшида мешавад. Бахши таҳсилоти олӣ қисми таркибии соҳаи таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷомеаи муосири мамлакат сарчашма ва тавлидгари донишҳои нав буда, дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ нақши рӯзафзун бозида, истиқлолияти илмию зеҳнии ҷомеаро густариш медиҳанд.[20] Фаъолияти муассисаҳои бахши таҳсилоти олии касбӣ барои тибқи эҳтиёҷоти ҷомеа ва давлат омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва инчунин қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии аҳолӣ ҷиҳати рушди зеҳнӣ ва маънавӣ нигаронида шудааст. Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъди муассисаҳои таълимӣ» омадааст, ки «муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инҳо муассисаҳои таҳсилотӣ ва таҳсилотӣ-илмие мебошанд, ки тибқи стандартҳои муайян ва самтҳои таҳсилот ва сатҳҳои маърифатӣ-тахассусӣ барномаҳои таҳсилотӣ-касбии таҳсилоти олиро амалӣ месозанд, таълим, тарбия ва омодагии касбии шаҳрвандонро тибқи истеъдод, шавқу ҳавас, қобилият ва талаботи меъёрии соҳаи таҳсилоти олӣ таъмин мекунанд ва инчунин фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникиро анҷом медиҳанд».[21]

---

[20] Бобоҷонов Р.М. Маориф дар шароити истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.М. Бобоҷонов // Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. (Душанбе, 2-майи с. 2014. Маркази Тадкикоти Стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.) – Душанбе: «Эр-граф», 2015. - С.97-101.

[21] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъди муассисаҳои таълимӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5. моддаи. 338.

Дар шароити дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ-иктисодии ҷомеа ва рушди муносибатҳои бозорӣ тамоюли умумии коҳиш ёфтани маблағгузории буҷетӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушоҳида мегардад. Акнун, тавсиаи ин бахш асосан бо роҳи рушди фаъоли маҳсулот/хидматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ таъмин карда мешавад. Азбаски тибқи модаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъди муассисаҳои таълимӣ» ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иҷозат дода шудааст, ки тибқи Оинномаи худ метавонанд фаъолияти пулакиро дар соҳаи таҳсилот ва дигар соҳаҳо ба роҳ монанд, бинобар ин, дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои бозорӣ ва мутаносибан ташаккули бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ рӯ ба инкишоф ниҳодаанд.

Баробари таъсис ёфтан ва рушд кардани бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ рақобати байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва агентҳои гуногуни ин бозор тараққӣ кард. Ин онҳоро водор сохт, ки дар бозор нисбатан фаъолона амал намоянд, мавқеи бозории сазоворро ишғол карда, сифати маҳсулоти таҳсилотиро баланд бардоранд. Ҳолат ва тамоюлоти тағйирёбии талаботро ба хидматрасониҳо ва эҳтиёҷоти онҳо дар бозори меҳнат мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Дар ҳоли ҳозир, махсусан пас аз ташкил кардани Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо тамоюли қувват гирифтани муборизаҳои рақобатӣ ва инчунин талабот ва хоҳиши истеъмолкунандагони хидматрасониҳо нисбат ба худи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва маҳсулоти таҳсилотии онҳо баланд гардид. Ва ин роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро маҷбур месозад, ки бо роҳи истифодаи механизмҳо ва воситаҳои гуногун диққати гурӯҳҳои мухталифи истеъмолкунандагонро ҷалб намоянд. Аз ин рӯ, барои ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки оид ба ташаккули имиҷи худ корҳои мақсаднокро анҷом диҳад. Дар айни замон зарурати аз тарафи онҳо ташаккул додани имиҷ бо сабабҳои зерин муайян карда мешавад:

- ➢ рақобати байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии як минтақа дар мубориза барои қабули донишҷӯён ва нигоҳдории ҳайат;
- ➢ ташаккули имиҷи мусбат ва шуҳрат барои ин муассисаҳо (донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва ғайраҳо) имконоти васеъ ба захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва инсонӣ фароҳам меорад;
- ➢ ин муассисаҳо ҳангоми шароити дигари баробар имиҷи мусбатро ба даст оварда, барои кормандон– категорияи омӯзгорон ва профессорон нисбатан ҷолиб гардида, имкони таъмини устувор ва ҳифзи иҷтимоӣ, қаноатмандӣ аз меҳнат ва рушди касбиро дарёфт менамоянд;
- ➢ имиҷи мусбати устувор самараи аз тарафи муассиса ба даст овардани қувваи муайянро медиҳад, боварро ба он чизе, ки дар муассиса мегузарад, аз ҷумла ба равандҳои инноватсионӣ бештар менамояд;
- ➢ бо мураккабии интихоби самтҳо ва дурнамои худмуайянкунии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дархостҳои гуногун ва эҳтиёҷоти таҷрибаи иҷтимоӣ.

Аз тарафи олимони ватанӣ Рауфӣ А., Шарифов З. дуруст таъкид шудааст, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, нерӯи пешбарандаи рушди иқтисодии корхонаҳоро рақобатпазирӣ ташкил медиҳад.[22]. Воқеан пайваста бо рушди бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ танҳо муассисаҳои рақобатпазири таҳсилоти олии касбӣ қобилиятнок дониста мешаванд. Он муассисаи олии касбӣ, ки истеҳсол ва пешниҳоди нисбатан хуби маҳсулот/хидматрасониҳои таҳсилотиро тибқи эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ таъмин мекунанд, рақобатпазир хоҳанд шуд. Баробари пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва таъмини сатҳи устувори сифати онҳо раванди корҳо оид ба бунёди имиҷи худӣ оғоз меёбад.

Ҳамин тавр, алоқаи имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ бо рақобатпазирии он ба ҳама маълум аст. Ҳамон тавр, ки дар параграфи пеш

[22] Рауфӣ А. Рақобатпазирӣ ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи тараққиёти иқтисодиёт [Матн] / А. Рауфӣ, З Шарифов // Ахбори АИ ҶТ. Силсилаи иқтисодиёт. – 2010. - №???. - С. 4-15

қайд намудем, вазифаи асосии имиҷ ташаккули муносибати мусбат нисбат ба ташкилот, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилотӣ мебошад.

Бо ташаккул ёфтани муносибатҳои мусбат дар натиҷаи алоқаҳо ва баҳогузории иҷтимоӣ, пас аз онҳо пайдо шудани бовар ва дар навбати худ, интихоби боварибахши истеъмолкунанда ҳатмист, ва ин занҷири психологие мебошад, ки дар натиҷаи муносибатҳои мусбат ба амал меояд. Баъд аз он, ки имиҷи мусбат ташаккул ёфт, ҳамон замон баланд шудани обрӯ ва зимнан эътибору таъсир сар мешаванд. Имиҷи мусбат барои рейтинги баланди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омили муҳим мегардад, ки ин барои иттилооти гуногунранги фаъолияти оммавӣ хеле зарур мебошад.

Бо дарназардошти он, ки соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи неъмати ҷамъиятӣ ва қисми сохтории неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок мебошад, як қатор хусусиятҳои фарқкунанда дорад, бинобар ин дар адабиёти иқтисодӣ оид ба хосияти истеъмоли таҳсилот фикри дақиқ вуҷуд надорад. Ҳамон тавр ки маълум аст, тибқи меъёрҳои истеъмоли неъматҳои иқтисодиро (молҳо ва хидматрасониҳоро) ба гурӯҳҳои зер тақсим намудан мумкин аст:

– неъматҳои хусусӣ, ки бевосита аз бозор харидорӣ карда мешаванд;

– неъматҳои ҷамъиятӣ, ки дар низоми сиёсии давлат истеҳсол ва ба таври ройгон истифода карда мешаванд;

– неъматҳои фосилавӣ ё омехта, ки дорои хосияти тақсимоти бозорӣ ва ғайрибозорӣ мебошанд.

Хидматрасониҳои таҳсилотӣ, махсусан хидматрасониҳои бахши таҳсилоти олии касбӣ омехта мебошанд, чунки унсурҳои неъматҳои хусусӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегиранд. Дар баробари ин дар адабиёти иқтисодӣ оид ба хосияти хидматрасониҳои таҳсилотӣ афкори ихтилофнок вуҷуд доранд. Масалан, тибқи ақидаи Якобсон Л.И.[23] таҳсилот ба неъмати дорои арзиши махсус мансуб мебошад. Истеъмоли ин неъматҳои хусусиро ҷомеа

[23] Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора [Текст] / Л.И. Якобсон. – М., 1996. – С. 39.

умуман мехоҳад, ки барои тамоми аъзои худ ҳатмӣ гардонад. Барои чунин неъматҳо имконоти зиёди ниҳоят мусбат хос мебошанд. Маҳз ҳаминҳо мақсаднокии маблағгузории ҷамъиятии онҳоро боис мегарданд. Олим-муҳақиқ С. Фишер[24] қайд менамояд, ки ғамхории давлат оид ба истеъмоли неъматҳои муҳим ва зарурӣ ҳамкорӣ бо соҳаи бизнесро истисно намекунад. Муҳақиқ А. Ҷ. Стиглитс[25] муассисаҳои соҳаҳои таҳсилоти олӣ, баъди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба неъматҳои ҷомеанамо (бардурӯғ) мансуб медонад.

Ба афкори дар боло овардашуда оид ба хосияти истеъмолии таҳсилот, он дар аксари таҳқиқоти илмӣ ҳамчун неъмати омехтаи дар худ якҷокунандаи хусусиятҳои неъмати ҷамъиятӣ ва хусусии тоза баррасӣ карда мешавад. Ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ хидматрасонии таҳсилотӣ аз рӯйи хосияти якҷои истеъмол, надоштани хосияти камвоқеъшавандагӣ, хосияти паҳншавандагӣ доштан ва тамомнашаванда будан (истеъмоли иттилоот боиси пайдоиши иттилооти нав ва донишҳои нав гардида, ҳангоми ин имконоти аъзои дигари ҷомеаро барои ҳамзамон бо мақсадҳои худ истифода кардани ҳамон як иттилоот маҳдуд намекунад).

Аз нуқтаи назари имкони истисно кардан ва дараҷаи истифодаи ин неъмат, таҳсилот ҳамчун маҷмӯи хидматрасониҳои таҳсилотӣ ба таври қатъӣ ҷудогона истеъмол мегардад ва инчунин ба таври коллективӣ мавриди истифода қарор мегирад. Нақши давлат дар пешниҳоди таҳсилот ҳамчун неъмати муҳим дар он зоҳир мегардад, ки давлат ин хидматрасониро танзим мекунад. Ин хусусиятҳои бунёдии хидматрасониҳои таҳсилотӣ ба имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи махсус медиҳанд. Аз як тараф масъалаи ташаккули имиҷи ин муассисаҳоро мураккаб ва мушкил мегардонад ва аз тарафи дигар, аз нуқтаи назари ҷамъиятӣ, сохтани имиҷи муассисаҳои таҳсилотӣ чун омили рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат ниҳоят муҳим мебошад.

---

24 Фишер С. «Экономика», «Дело» [Текст] / С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи. – Москва, 1993. – С. 343.

25 Стиглиц Дж. «Экономика государственного сектора» [Текст] / Дж. Стиглец. – Москва: Инфра-М, 1997. – С. 134.

Бинобар ин, дар адабиёти иқтисодӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои он муайянкуниҳои гуногуни имиҷ дар муассисаҳои ин соҳа вуҷуд доранд. Масалан, олим-муҳақиқ Пискунов М.С. имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро чун тасвири ҳиссиётии обурангдодашудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда, қайд менамояд, ки «аксар тавсифоти таъйиншудаи бошуурона ташаккулёфтаи дорои мақсади муайян барои расонидани таъсири психологии самтнокии муайян ба гурӯҳи мушаххаси аҳли ҷомеа мебошад».[26]

Олим В.М. Шепел[27] ба тавсифоти асосии имиҷи муассисаҳои таҳсилотӣ инҳоро мансуб менамояд:

– тимсоли роҳбар қобилияти ӯ, арзишҳои тавсифоти иҷтимоӣ-психологӣ ва ғайраҳо;

– тимсоли ҳайати кормандони муассисаи таҳсилотӣ – ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маълумоти иҷтимоӣ, фарҳанг, салоҳияти касбӣ, тавсифоти шахсиятӣ ва ғайраҳо;

– афкори ҷамъиятӣ, муҳити атрофи иҷтимоӣ оид ба сифати таҳсилот, нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ, хислати берунӣ ва ғайраҳо.

Ҳамон тавр ки муҳаққиқ И.Р. Лазаренко[28] қайд мекунад масъалаи бунёди имиҷи муассисаҳои таҳсилотӣ ҳамеша вуҷуд дошт, аммо дар ҳоли ҳозир он ба таври сареҳу равшан зоҳир мегардад. Ин ҳолат бо раванди таҳсилот ва рушди навъҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коҳиш ёфтани донишандӯзии хонандагон, мавҷуд набудани дарки мақсадҳо, муҳтаво, инноватсияи педагогӣ аз тарафи падару модарон ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

---

[26] Пискунов М.С. Имидж образовательного учреждения: структура и механизмы формирования [Текст] / М.С. Пискунов // Стандарты и мониторинг в образовании. - 1999. - №5. – С.45-55.

[27] Шепель В.М. Имиджелогия: секреты личного обаяния [Текст] / В.М. Шепель. – М.: ЛИНКА-ПРЕСС, 1997. – С. 121

[28] Лазаренко И.Р. Формирование имиджа образовательного учреждения как управленческое новшество [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.informika.ru/text/magaz/pedagog/pedagog_9/stat8.html., открытый (дата обращение 13.06.2022

Дар имиҷ ҳамеша ду тараф вуҷуд дорад: а) муносибати аудиторияи берунӣ ва истеъмолкунандагони хидматрасонӣ нисбат ба он, ки ба онҳо имиҷи додашуда равона шудааст; б) имиҷ дар тасаввури худи интиқолдиҳандаи имиҷ, яъне маҳз муассисаи таҳсилотӣ.

Хосияти ду тараф доштани имиҷ мутаносибан ду хулосаро ба вуҷуд меорад: Хулосаи якум, ҳангоми мувофиқ омадани афкори тарафайн натиҷаи мусбати ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ зоҳир мегардад, агар дар байни ин тарафҳо мухолифат вуҷуд дошта бошад, он гоҳ натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд. Хулосаи дуюм, барои ташаккул додани имиҷи хоҳишӣ муассисаи таҳсилотӣ бояд манфиат ва эҳтиёҷоти аудиторияро, истеъмолкунандаеро, ки имиҷи додашуда ба он равона шудааст таҳқиқ намояд ва ба назар гирад.

Табиист, ки имиҷ ва шуҳрати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз чандин қисми таркибӣ пайдо мешаванд, дар шуури омма солҳои дароз боқӣ мемонанд, байни худ алоқаи мустақим доранд. Ба андешаи мо, шуҳрат ҷамъбасти сохта шудани имиҷ мебошад. Бояд қайд кард, ки сифати имиҷ на танҳо умедворкунандаи рӯҳист, балки комилан ба инвеститсияи моддӣ монанд аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар оянда метавонад онро дарёфт намояд. Бинобар ин, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ эҷоди имиҷи ташкилот яке аз мақсадҳои стратегии идоракунӣ ба шумор меравад. Он хеле муҳим буда, онро на камтар аз ҷорӣ намудани технологияи нав, устуворгардии ҳолати молиявӣ ва тавсиаи бозорҳои фурӯш баррасӣ менамоянд. Азбаски имиҷ ба муносибати истеъмолкунандагон, шарикон ва доираи васеи ҷамъият ба ӯ таъсири калон мерасонад, бо ин роҳ сармояи иҷтимоиеро дарёфт менамояд, ки барои ӯ арзиш ва фоидаи иловагӣ меоранд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки шуҳрати калонро соҳиб мегарданд, дар масъалаи ҷалби сармоя, кирояи кадрҳои беҳтарин, ҳисси бовар ба худ ва ҷаззобият аз рақибони худ пеш мегузаранд.

Метавон ҷузъҳои доимӣ ва тағйирёбандаи имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҷудо кард, ки онҳо дар расми 1.2. оварда шудаанд.

**Ҷузъҳои доимӣ ва тағйирёбандаи имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

**Ҷузъҳои доимӣ**

– аниқ муайян кардани вазифа ва консепсияи муассисаи таҳсилот;
– муҳити рӯҳияи некбинона ва хайрхоҳона;
– салоҳиятнокии педагогӣ, иҷтимоӣ ва идоракунандагии кормандон;
– тимсоли ташаккулёфтаи роҳбарияти донишгоҳ;
– сохтори ташкилии муносиб ва фарҳанги ташкилот
– сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ;
– фаъолияти сохторҳои инфрасохтори иҷтимоӣ;
– ташкили алоқа ва ҳамкорӣ бо стейкхолерҳо;
– қоидаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
– шарикии иҷтимоии ташкилот; муассиса;
– мавҷуд будани рамзи берунӣ ва ғ..

**Ҷузъҳои тағйирёбанда**

– муҳтавои вазифа ва бартариҳои муассисаи таҳсилотӣ;
– намудҳои маҳсулот / хидматрасониҳои таҳсилотӣ;
– заминаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори муассисаи таҳсилотӣ.

**Расми 1.2. - Ҷузъҳои доимӣ ва тағйирёбандаи имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Зимнан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ташаккул ё бунёд кардани имиҷи мусбати устувор зарур аст, ки пеш аз ҳама ба ҷузъҳои таркибии доимӣ ва тағйирёбандаи қисматҳои имиҷ диққати ҷиддӣ диҳанд. Аз мавқеи идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қисматҳои таркибии нишондодашударо ба блокҳои зер гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

➢ роҳатбудани муҳити муассиса: некбинӣ ва муҳити солим дар коллектив, расонидани кумаки иҷтимоӣ-психологии саривақтӣ ба иштироккунандагони раванди таҳсилот ва ғайраҳо;

➢ сифати маҳсулот/хидматрасониҳои таҳсилотӣ: саҳми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар рушди омодагии таҳсилотии

донишҷӯён, ташаккули сармояи зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва инчунин равшану возеҳ дидани мақсадҳои таҳсилот ва шаклгирии онҳо дар вазифаҳои муассисаи таҳсилотӣ, алоқаҳо бо ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ғайраҳо;

- усули мусбати даркшавандаи муассиса: сохтори самараноки ташкилӣ ва фарҳанги воло, мавҷудият ва амалкарди инфрасохтори гуногун ва ғайраҳо;
- тимсоли мусбати роҳбар ва ҳайати кормандони муассиса, салоҳиятнокии педагогӣ, иҷтимоӣ ва идоракунандагии кормандон;
- хосияти равшани берунӣ (мавҷудияти нишонаҳои берунӣ, одатҳо ва ғайраҳо).

Имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ якчанд хусусият дорад. Бояд тазаккур дод, ки соҳаи таҳсилот ва хидматрасониҳои таҳсилотӣ самараи мусбати берунии ниҳоят калон доранд. Ғайр аз ин, хидматрасониҳоро пеш аз ҳама, ба монанди истеҳсолоти воқеӣ на ин ки таҷҳизот ва воситаҳои истеҳсолот, балки инсон – омӯзгорон, ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод мекунанд. Бинобар ин, барои муассисаҳои таҳсилотӣ, пеш аз ҳама, имиҷи дохилии муассиса, ташкилот, фарҳанги ташкилот ва инчунин имиҷи роҳбарони асосии ташкилот, ҳайати кормандон, ки дар ташаккули шахсият, одоб ва рафтори солими шаҳрвандон таъсир мерасонанд, нақши муҳим доранд. Ҳолати иҷтимоӣ-психологии коллектив ба имиҷи ҳар яке аз ҳайати кормандон вобаста мебошад. Имиҷи ҳайати кормандон дар худ тимсоли ҷамъшуда ва ҷамъбасткунандаи ҳар як кормандро таҷассум мекунад, ки хусусиятҳои нисбатан хоси ӯро ошкор месозад (ба расми 1.3. нигаред).

Имиҷи ҳайати кормандон пеш аз ҳама, дар асоси тамоси мустақим бо кормандони ташкилот ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, ҳар як кормандро метавон ҳамчун «симо» -и ташкилот баррасӣ намуд ва тибқи он умуман оид ба ҳайати кормандон андеша кард. Илова бар ин, чунон, ки олимони ватани қайд намудаанд, бояд “се омил дар меҳвари сиёсати идоракунии

иқтидори кадрӣ - кор оид ба ҷалби мутахассисони ботаҷриба ба соҳаи маориф, шароити зарурӣ барои такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон ва такмил додани механизмҳои иҷтимою иқтисодии идоракунии иқтидори кадрии муассисаҳои таҳсилоти олӣ қарор гирад”[29]




**Расми 1.3. - Хусусиятҳои хоси ҳайати кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва тағйирёбандагии асосии онҳо**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Имиҷ аз рӯйи табиати худ, ҳамеша барои ҳавасманд гардонидани ҳиссиёти мусбат нигаронида шудааст, бинобар ин, он хидматрасониҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ пешниҳод мекунанд, воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ мебошанд. Бо дарназардошти он, ки натиҷаи таҳсил аксар вақтҳо дар замон ҷудо карда шудааст ва метавонад аз тарафи худи муҳассилин фаҳмида нашавад, хусусиятҳои зерини имиҷро ба назар гирифтан зарур аст: а). ҳаматарафа (умумӣ) будан, ки дар яксон кардани муносибатҳо, принсипҳо ва омилҳои илмӣ ва инчунин дар стандартикунонии талабот, нишондиҳандаҳои босифатӣ, истифодаи технология ва методҳои таълим ифода мeёбад; б) беҳамтоӣ (беназирӣ), ки дар интихоби муассисаҳои таҳсилотӣ, ихтисоси дар бозори меҳнат дархостшаванда ва баландкунандаи сатҳи рақобатпазирии мутахассис зоҳир мешавад.

[29] Саидова М.Х. Факторы, влияющие на использование кадрового потенциала в учреждениях высшего профессионального образования Республики Таджикистан [Текст] М.Х. Саидова, М. Назири // Экономика Таджикистан. – 2021. - № 4. - С. 65-72.

Вобаста ба он, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ омили муҳими рақобатпазирии онҳо ва манбаъи даромади иловагӣ мебошад, бинобар он такмили механизмҳои ташаккули имиҷ муҳим мебошад. Дар адабиёти илми шарҳи гуногуни моҳияти механизм вомехуранд. Масалан, бархе муаллифон механизмро ҳамчун тамсилаи алоқаҳои мутақобилаи ҷузъҳои сохтории ташкилот вобаста ба ноил гаштан ба ҳадаф, муаяйн менамоянд.[30] Дар адабиёти иқтисодӣ бештар чунин муқарароти муосири мафҳуми механизми иқтисодӣ маъмуланд: маҷмуи сохтори ташкилӣ ва шаклу методҳои мушаххаси идоракунӣ, инчунин меъёрҳои хуқуқие, ки бо ёрии онҳо дар шароити мушаххас қонунҳои иқтисодию иҷтимоӣ, раванди такрористеҳсол амалӣ гардонида мешавад.[31] . Мо низ ин муаяйнӣ мафҳуми "механизми иқтисодӣ"-ро тарафдори мекунем.

Механизми ташкилии ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – ин системаи бисёрзинагӣ унсурҳои асосии ба ҳам алоқаманд, инчунин усулҳо ҳамкории мутақобилаи онҳо, ки дар зери таъсири онҳо тасаввурот дар шуури истеъмолгарони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, стейкхолдерон доир ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вуҷуд омада ба беҳтар намудани иқтидори иктисодӣ ва фарҳангии онҳо мусоидат менамояд. Вобаста ба ин механизмҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар гурӯҳбандии иҷтимоӣ, ҳамчун механизми заминавӣ, ки ба категорияи муайяни иҷтимоӣ мансуб намудани фарди дарккунанда, инчунин тамоми механизмҳои идроки иҷтимоӣ - муайянкунӣ, эмпатия, инъикоси завқи иҷтимоӣ-психологӣ, равона шудааст, барассӣ намуд.

Объекти механизми ташкилиро имиҷ ва рақобатпазирӣ ташкил медиҳад. Субъектҳоро унсурҳои сохтории зерсистемаҳо, имиҷи мусбати

---

[30] Кульман А. Экономические механизмы [Текст]: пер. с фр. / под общ. ред. Н.И. Хрусталевой. - М., 1993. - 189 с.

[31] Малый энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона в современной орфографии. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://slovari.yandex.ru/dict/brokminor-/article/27/27853.html?text=%D0 %BC%D0 %B5 %D1 %85 %D0 %B0 %D0 %BD%D0 %B8 %D0 %B7 %D0 %BC&stpar3=1.8, открытый (дата обращение 18.06.2023)

муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро, гурӯҳи истеъмолгарон мақсаднок ташкил медиҳанд.




**Расми 1.4. – Механизми ташкилии ташаккули имиҷи мусбӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Предмет аз маҷмуи усулҳо, унсурҳо, дастгирии захиравӣ ва ҷанбаҳои амалии таъминоти ташкилии ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат мебошад. Сохтори механизми ташкилии ташаккули имиҷи мусбӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар расми 1.4. оварда шудааст.

Ҳадафи асосии механизми ташкилӣ эҷоди раванди ташаккул ва инкишофи имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Вазифаи асосии механизми ташкилӣ фароҳам овардани заминаи самарабахш ҳамкорӣ бо истеъмолгарони мақсаднок ва сохтани тасаввурот бо дарназардошти ҳамаи унсурҳо.

Бо истифода аз таъминоти захиравӣ, ба мисли таъйиноти захираҳои зеҳнӣ, кадрӣ, моддию техникӣ, методӣ, молиявӣ, тадқиқотӣ ва таҳлилӣ, гурӯҳҳои истеъмолгарони мақсадноку манфиатдор ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ андешаҳои мавҷударо оид ба имиҷи донишгоҳ, афзалиятҳо ва интизориҳои марбут ба он муайян мекунанд. Минбаъд, иттилооти гирифташуда бо истифода аз дастгирии захираҳои дар боло тавсифшуда, усулҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва эҷодӣ барои сохтани имиҷи муассисаҳо бо омӯзиши муфассали ҳама унсурҳо истифода мешавад.

Механизми ташкилии таҳияшуда имкон медиҳад, ки бо аудиторияҳои мақсаднок муошират намуда, имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии кабӣ бо дарназардошти эҳтиёҷот ва имконоти онҳо бунёд гардад.

Дар навбати худ, бе истифодаи механизми маркетинг ноил шудан ба имиҷи мусбат ғайримумкин аст. Механизми маркетингии ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – ин маҷмуи фаъолиятҳои маркетингӣ, аз ҷумла усулҳои таъсири маркетингӣ, аудити берунӣ ва дохилӣ, арзёбии маркетингии муҳити берунӣ ва дохилӣ, воситаҳои маркетингӣ барои таъсиррасонӣ ба ташаккули бевоситаи имиҷ мебошад.

Хусусияти бисёрҷанбаи раванди ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавҷудияти механизми муайяни маркетингро дар назар дорад. Механизми маркетингии ташаккули имиҷ маҷмуи воситаҳо ва усулҳо, инчунин маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба идоракунии самараноки имиҷ дар шароити рақобати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудаанд. Мақсади механизми маркетинг ташаккул ва инкишофи имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ мебошад.

Субъектҳои таъсир ба ташаккули имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мақомоти гуногуни идоравӣ, истеъмолкунандагон, шарикон, коршиносон, сармоягузорон ва дигарон,имиҷи онҳо мебошанд. Объекти идоракунӣ обрӯ ва рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки дар натиҷаи амали тарафҳои манфиатдор инкишоф меёбад.

Ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз аудити имиҷӣ оғоз меёбад. Дар марҳалаи аудити имиҷ хусусиятҳои воқеии муассисаҳои таҳсилотӣ муайян карда шуда, афзалиятҳо ва нуқсонҳои он нишон дода мешаванд. Дар зери таъсири омилҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бевосита ташаккул меёбад, ки дар доираи он мақсадҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат, принсипҳо ва фалсафаи фаъолият муайян карда, фарҳанги ташаккул меёбад, доираи истеъмолкунандагон муайян карда мешавад, стратегияи рушди маркетинг, сиёсати имиҷ, инчунин воситаҳои маркетинг барои идоракунии имиҷ таҳия карда мешаванд. Дар натиҷа баланд шудани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва садоқати истеъмолкунандагон, афзоиши даромад аз пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотии пулакӣ, коҳиши ҳаҷми хароҷот ва паст шудани дараҷаи хавфҳо, инчунин ташаккули имиҷи мусбат суръат мегирад.

Фаҳмидани он, ки тасвир дар ниҳоят чӣ гуна ташаккул меёбад ва он чӣ гуна таъсир мерасонад, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар татбиқи стратегияҳо ва фаъолиятҳои самараноки маркетинг кумак мекунад. Сиёсати имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо стратегияи рушди он ва миқёси бозори хидматрасонии таълимӣ - дохилӣ ё байналмилалӣ муайян карда мешавад. Мавҷудияти чунин тафовутҳо ба сабабҳои объективӣ шарҳ дода мешавад, ки далелҳои асосӣ фарқи афзалиятҳои истеъмолии довталабон ва тафовут дар тамсилаи ташаккули рейтинги донишгоҳҳо дар мамлакат ва хориҷи кишвар мебошад.

Ҳамин тариқ, механизмҳои дар боло зикршуда оид ба ташаккул ва рушди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳанд, ки захираҳо дар он самтҳои идоракунӣ вобаста ба миқёси бозори хидматрасониҳои таҳсилотии ташаккулёбанда (миллӣ ё байналмилалӣ) мутамаркиз карда шаванд, Бояд қайд кард, ки имиҷи донишгоҳҳои мамлакат ба эҷоди системаи ояндадори маориф таъсир мерасонад, ки метавонад ҷомеаи кишварро дар маҷмуъ ва ҳар як шахсро барои ҳаёт дар иқтисоди рақобатӣ омода созад.

## 1.3. Муносибатҳои методологию методӣ доир бар арзёбии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Тавре, ки дар параграфи қаблӣ қайд намудем, имиҷи мусбат танҳо дар асоси пешниҳоди хидматрасонии босифати устувори таҳсилотӣ ташаккул меёбад. Дар ин робита мо бо ақидаҳои олимони ватанӣ Саидова М.Х. ва Назирӣ М. розӣ ҳастем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд менеҷменти сифат фаъолият намуда, фаъолияти худро пеш аз ҳама ба нақша гирад ва амалӣ намудани татбирҳо (таҳия ва татбиқ)-ро ҷиҳати таъмини кафолати сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ, ташкили мониторинги баҳогузорӣ ва худбаҳодиҳии сифати хидматрасонии таҳсилот аз ҷониби ҳайати омӯзгорон, равона намояд[32].

Аммо муайян ва баҳогузорӣ кардани таҳсилоти босифати соҳа ниҳоят мушкил мебошад. Дар ин маврид коркарди методологӣ ва методии ҷанбаҳои доир намудани баҳогузорӣ ва инчунин ҷалби низоми баҳогузории коршиносии маълумот тақозо карда мешавад. Як қатор ҳолатҳои параграфи якуми диссертатсияро ба назар гирифта, бори дигар ба ёд меорем, ки «имиҷ» дар худ тимсоли мақсаднок ташаккулёбандаеро таҷассум мекунад, ки барои таъсири ҳиссиётӣ-психологӣ расонидан ба

[32] Саидова М.Х. Факторы, влияющие на использование кадрового потенциала в учреждениях высшего профессионального образования Рреспублики Таджикистан [Текст] / М.Х. Саидова, М. Назири // Экономика Таджикистан. – 2021. - № 4. - С. 61-74.

кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва истеъмолкунандагон бо мақсади баланд бардоштани нуфузу обрӯи ҷамъиятӣ ва мақоми муассиса, машҳур гардидан ва реклама равона карда шудааст. Дар ин ҷо ба вожаҳои калидии зер диққат медиҳем:

- «мақсаднок», яъне имиҷ он чизест, ки ба нақша гирифтан ва бунёд кардан мумкин аст;
- «таъсири ҳиссиётӣ-психологӣ», яъне на танҳо бо мантиқ, балки бо эҳсосот «кор кардан»;
- «таъсир ба иштироки муносибатҳо бо истеҳсол, пешниҳод ва истеъмоли хидматрасониҳои таҳсилотӣ алоқаманд», яъне ҳамон субъектҳоеро дидан зарур аст, ки ин кор барои онҳо шуруъ шудааст.

Аз ин ҷо, ба андешаи мо мафҳуми имиҷи муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбиро метавон ҳамчун ҳолати ташаккули тимсоли ҳиссиётан орододашудаи муассисаи соҳаи таҳсилоти олӣ дар шуури фарогири аъзоёни ҷомеа - истеъмолгарони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, ки манзара ва таносуби фаъолияти тарафҳои гуногуни муассисаҳо ва интиқоли онҳоро ба муҳити берунӣ инъикос менамояд, барассӣ намуд.

Бояд тазаккур дод, ки имиҷ функсионалӣ буда, пеш аз ҳама барои ҳаллу фасли самараноки вазифаҳои вогузоршуда, аз ҷумла фоидаи иқтисодӣ-моддӣ равона гардидааст, чунки муассисаи таҳсилоти олӣ ба туфайли имиҷи мусбати худ бо ҷалби истеъмолкунандагони нави хидматрасониҳо даромади иловагӣ ба даст меорад. Имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на танҳо истеъмолкунандагони хидматрасониҳоро ҷалб мекунанд, балки дар раванди омода намудани мутахассисон, кадрҳо ҳамзамон арзишҳоеро тарғиб мекунанд, ки онҳо ба он такя мекунанд. Ва ҳамин тариқ, дар ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ва минтақа, ки дар ниҳояти кор имиҷи он боз ҳам баландтар мегардад иштироки худро нишон медиҳанд. Бо дарназардошти он, ки имиҷ тасвири ҷамъбастӣ мебошад, ҷудо намудани ҷанбаҳо ва унсурҳои алоҳидаи он мувофиқи мақсад мебошад. Ин барои гурӯҳҳои

гуногуни аҳли ҷомеа ниҳоят муҳим аст. Гурӯҳҳои зерини қисматҳои имиҷро ҷудо кардан мумкин аст:

– пеш аз ҳама, имиҷи хидматрасонӣ, сифат ва хосияти хидматрасонӣ, ки истеъмолкунанда аз он фоида мегирад;

– имиҷи идоракунӣ ва молиявӣ, ки он сатҳи самаранокии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, тақсимот ва истифодаи оқилонаи воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии муассисаро тавсиф мекунад;

– имиҷи иҷтимоӣ ё ҷамъиятӣ, ки сатҳи фаъолии онро дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ҳамчун субъекти минтақа тавсиф мекунад;

– имиҷи муассиса, яъне муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун корфармо, сатҳи муроҷиати он бо кормандони худ, дастгирии ташаббусҳо (эҷодӣ ва илмӣ), пешравии касбӣ, музди меҳнат ва ғайраҳоро тавсиф мекунад.

Таҳсилоти олии касбӣ бояд ба рушди неруи инсонӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои нисбатан аҳаммиятнок ва муҳимми иҷтимоӣ мусоидат намояд. Акнун ба тарзи нав дарк кардани нақши таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун захираи стратегии иқтисодиёт, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пешравиро таъмин менамояд тағйироти системавиро дар соҳаи таҳсилоти касбӣ тақозо мекунад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дараҷаи асосӣ ва умумии таҳсилот дар таъмини сифати нави ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа омили калидӣ мегарданд. Бинобар ин, ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон имиҷ ва тимсоли ҷомеаи навини мамлакат ҳисоб мешаванд.

Барои баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва идоракунии равандҳои ташаккулу рушди он коркарди муносибатҳои методӣ доир бар ташкилу арзёбии он нақши калидӣ дорад. Имиҷ ҳамчун ҳодисаи ҳаёти иҷтимоиу иқтисодӣ дар тамоми марҳалаҳои рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ арзи ҳастӣ кардааст. Ҳар як давра маҷмуе аз имиҷҳои намунавиеро бунёд месозад, ки дар онҳо моҳияти худро ба шакли устувор ворид мекунад. Ҷамъияти истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотиро на танҳо дар ғояҳо ва фалсафа, балки дар қоидаҳои рафтор ва

тасаввуроти худ муҳим будани таҳсилот ва нақши онро дар низоми арзишҳои фарҳангӣ инъикос мекунанд.

Барои коркарди муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии имиҷ назарияи Абраҳам Маслоу, ки ӯ иерархияи талаботи заминавии инсониро бунёд кардаст, заминаи консептуалӣ маҳсуб мешавад. Ӯ он далелро баҳснопазир ҳисоб мекард, ки ҳар як инсон ба баҳогузории устувор ва чун қоида ба баҳогузории баланди арзишҳои худ ниёз дорад, ба ҳар як шахс эътирофи атрофиён ва эҳтироми худи ӯ зарур мебошад. Ба ташкилот, ки аз ҳайати кормандон иборат аст, ин сифатҳо хос аст. Дар ин ҷода хоҳиш ва кӯшиши ташкилот, ки бо мафҳуми «муваффақият» алоқаманд мебошад, ниҳоят муҳим аст. Ба он зарур аст, ки тавоноӣ, мувофиқат, салоҳиятнокӣ, қобили бовар будан ва озодии худро эҳсос намояд. Лозим ба ишора кардан аст, ки ба даст овардани ҳамаи ин категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок бидуни имиҷи мувофиқ ва мусбат баҳогузоришаванда ва мутобиқаткунанда ба интизориҳо ва тасаввуроти атрофиён, ки азхудкунии сатҳи марбутаи таҳсилотро тақозо менамояд, имконнопазир мебошанд.

Дар ҳар як муассисаи таҳсилоти касбӣ оиннома, барнома, вазифа ва кодекси иттиҳодиявӣ мавҷуд аст. Дар онҳо ҳалқаи асосӣ ташкил ва мустаҳкам кардани коллективи меҳнатӣ мебошад. Барои рақобатпазирии фаъолияти худ онҳо барномаҳои корҳои ташхисии пеш аз ҳама ба методи коршиносӣ асосёфтаро, яъне ба роҳ мондани пурсишҳо оид ба муайян кардани эҳтиёҷоти таҳсилотӣ, бунёди соҳаи касбии мутахассис, таҳлили дараҷаи қаноатмандии ҳайати кормандонро аз кори худ пешбинӣ менамояд. Дар натиҷаи он кормандон маҷмуи комили донишҳо ва малакаҳоро оид ба иҷрои вазифаи муассисаи таҳсилотӣ ва ташаккул додани арзишҳои иттиҳодиявӣ дарёфт мекунанд. Дар барномаи ташхисӣ чунин самтҳоро ҷудо кардан мумкин аст: омӯхтани истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ; тавсиаи сегменти бозор; реклама-кумак расонидан барои интихоби он чизе, ки истеъмолгарон мехоҳанд; муносибат ба истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ; афзалиятҳои стратегию, коркарди тактикаи ноилгардӣ ва ғ.

Дар пояи омӯзиши ин равандҳо ва захираҳои мавҷуда тимсоли банақшагирифташудае сохта мешавад, ки он аз алгоритми зер иборат мебошад. Аввалан, муайян кардани вазифа. Ин ҷо далели «ду тақсим кардан» -и имиҷ, ки ҳангоми пурсиши кормандон ва донишҷӯёни дар гурӯҳи буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ таҳсилкунанда дарёфт мегардад, аҷиб мебошад.

Тибқи андешаи онҳо мушкилот дар фарҳанги ташкилии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, иҷрои вазифаи иттиҳодиявӣ ва инчунин ба эҷоди «дизайни» аслии хидматрасониҳои таҳсилотӣ алоқаманд мебошад. Парадокси «ду тақсим кардан» -и имиҷ мушоҳида мегардад, чунки роҳбарият кӯшиш мекунад, ки фаъолиятро чунон ба роҳ монад, ки онро ҳам «аз дохил» ва ҳам "аз берун" дастгирӣ намояд.

Дуюм, тасаввуроти аудиторияи мақсаднок. Корҳои имиҷиро ба нақша гирифта, фаҳмидан зарур аст, ки кадом агентҳо ба ҳайси иттифоқчӣ, стейкхолдерҳо бояд ҷалб шаванд. Ба инҳо метавон дохил намуд: донишҷӯён, волидон, кордеҳон, коллективи меҳнатӣ, муассисаҳои дигар, шарикони иҷтимоӣ, ВАО.

Марҳалаи сеюм–банақшагирӣ. Дар ин марҳала коркарди чорабиниҳои мушаххас ба амал меояд.

Барои дақиқ намудани муносибатҳои методӣ доир ба арзёбии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудани сохтори имиҷи онҳо зарур аст. Бинобар он, мо дар ҷадвали 1.2. сохтори имиҷи ташкилотро пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 1.2. - Сохтори имиҷ ва баҳогузории омилҳои ташаккули он**

| Ҷузъҳо | Омилҳо |
|---|---|
| **Имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ** | Арзиши функсионалии маҳсулоти таҳсилотӣ; хидматрасониҳои иловагӣ. |
| **Имиҷи истеъмолкунанда** | Тарзи ҳаёт, сатҳи зиндагӣ; мақоми ҷамъиятӣ; характери истеъмолкунанда. |
| **Имиҷи дохилӣ** | Фарҳанги муассиса ва фазои иҷтимоӣ-равонӣ дар муассиса |
| **Имиҷи роҳбар** | Хусусиятҳои вербалӣ ва ғайривербалии рафтор; Тавсифоти психологӣ ва сифатҳои фаъолияти асосӣ; мансубияти иҷтимоӣ-демографӣ; кирдор, феълу атвор в намуди зоҳирӣ; |

**Идомаи ҷадвали 1.2.**

| Ҷузъҳо | Омилҳо |
|---|---|
| **Имиҷи ҳайати кормандон** | Салоҳиятнокии ва фарҳанги ҳайати кормандон; тавсифоти иҷтимоӣ-демографӣ; |
| **Имиҷи визуалӣ** | Сохти меъморӣ, дизайни дохилии бино; симои зоҳир ҳайати кормандон; унсурҳои тартиби (стили) хо муассиса. |
| **Имиҷи иҷтимоӣ** | Ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти муассиса |
| **Имиҷи корӣ, иқттисодӣ-хоҷагидорӣ** | Шуҳрати корӣ, нишондиҳандаҳои фаъолии иқтисодӣ-хоҷагидорӣ. |

**Сарчашма:** Муаллиф аз рӯйи асарҳои таҳқиқотии Ежов В.С., Зимин Е.Ю. Методические аспекты формирования и оценки имиджа образовательной организации Международный научно-исследовательский журнал, 2014, № 2 (44) Часть 4.Февраль, – С. 20-23 тартиб додааст.

Вобаста ба сохтори пешниҳодшуда арзёбиро метавон дар чунин пайдарпаӣ анҷом дод. баҳогузории дохилӣ; баҳогузории берунӣ ва баҳогузорӣ пас аз фосилаи муайяни вақт.

Дар таҳқиқоти ба омӯзиши тавсифоти имиҷӣ равонагардида, чун қоида мувофиқати методҳои миқдорӣ ва сифатӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Методи миқдорӣ иборат аст аз: усули фоидаи зиёдатӣ, захираҳои зиёдатӣ хамчун тағйир додани усули фоидаи зиёдатӣ, баҳодиҳӣ обрӯи корӣ бо истифода аз нишондиҳандаи фаъолияти муассисаҳо, усули квалиметрӣ, арзёбӣ дар асоси нишондиҳандаи сармоягардии бозорӣ, баҳодиҳӣ дар асоси арзиши иловашуда аз ҷониби сармояи зеҳнӣ, усули таҳлилӣ ва ғ.[33] Усули фоидаи зиёдатӣ тахмин мекунад, ки арзиши имиҷу обрӯ бо гирифтани фоидаи муассиса, ки даромади дороиҳо ва сармояҳо аз ҳисоби миёнаи соҳа болотар аст, ифода меёбад. Аммо, сарфи назар аз мавҷудият ё набудани фоидаи зиёдатӣ, муассиса метавонад имиҷ, обрӯи корӣ дошта бошад.

Методҳои сифатии арзёбии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инҳоянд:

---

[33] Зобкова, Ж.О. Комплексный подход к оценке деловой репутации предприятия [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.mce.su/archive-/doc21860/doc.pdf., открытый (санаи мурочиат 20.08.2023).

- методи коршиносӣ (экспертӣ), ки баҳодиҳиро ташкилотҳо ва ё коршиносони мустақили махсус ба ичро мерасонанд; методи тадқиқоти ичтимоӣ - омӯзиши афкорро дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бар мегирад.

Истифодаи танҳо як метод имкони намедиҳад, ки объект комил баррасӣ карда шавад, яъне аҳаммият ва алоқаи байниҳамдигарии тавсифоти ҳиссиётӣ ошкор ва муайян карда шаванд. Методи сифатӣ дар гурӯҳҳои зер пешниҳод гардидааст: 1. Мусоҳибаи гурӯҳии тамаркузёфта (фокус-гурӯҳҳо). 2. Мусоҳибаи фардӣ (умқӣ), аз ҷумла методикаи проективӣ.

Методҳои сифатӣ барои муайян кардани тавсифоти амиқ ва даркнашавандаи шуури шахсиятҳо равона шудаанд. Яъне, таъйиноти асосии методҳои сифатӣ ин муайянсозии як қатор рамзҳо, вербализатсияи тимсолҳо, ҳиссиёт ва таассурот, ошкорсозии мақсадҳо, алоқаи байниҳамдигарии эҳсосию мантиқӣ мебошад.

Методҳои сифатӣ дар таҳқиқоти имиҷ аксар вақтҳо дар марҳалаи аввалин истифода карда мешаванд ва вазифаи асосии онҳо аз ташкили заминаи шарҳ додан ва ҷадвал барои баҳогузории миқдории оянда, таъсиси фарзия барои тафтиши оянда иборат мебошад. Ин методҳо он вақт зарур мебошанд, ки агар муҳаққиқон ягон маълумоти ибтидоиро оид ба объект ё фарзия надошта бошанд.

Яке аз методҳои аввалини ташкил кардан – респондентҳоро водор месозад, ки чизи вербалӣ ё ғайривербалие таъсис диҳанд, Тести апперсепсионии мавзуии (Тести мавзуи вобастагии идрок бо тасаввурот ва таҷрибаи пештара) тағйирдода, ки аз тарафи психолог Мюррей эҷод карда шудааст, бо мақсади омӯзиши мақсадҳои дур ва амиқи рафтори истеъмолкунандагон дар ин ё он вазъият ва инчунин барои таҳқиқи имиҷи тамға ё хидматрасонии дар назди чашмони истеъмолкунанда пайдошуда мавриди истифода қарор мегирад.

Методикаи дуюм батартибгузорӣ мебошад. Ин методика шаклҳои бисёр дорад. Масалан, ба респондентҳо рӯйхати тавсифоти маҳсулот ё

рекламаи мавриди таҳқиқро тақсим мекунанд ва хоҳиш менамоянд, ки он тавсифотеро интихоб намоянд, ки барои онҳо нисбатан мувофиқ мебошад ва ё илтимос мекунанд, ки тавсифотро аз рӯйи ягон аломат (мисол, аз рӯйи дараҷаи муҳиммият) ба тартиб гузоранд, яъне гурӯҳбандӣ намоянд. Батартибдарориро (choice-ordering) ба методикаи проективӣ мансуб медонанд, ҳарчанд ки аз рӯйи тавсифоти худ ин як шакли методи миқдорӣ мебошад ва танҳо дар гурӯҳҳои хурд истифода мегардад. Хусусияти методикаи проективӣ кор бо зершуури шахсият барои ташаккул додани майдони робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меорад, яъне ҷустуҷӯйи ҷавобҳои ғайристандартӣ мебошад. Батартибдарорӣ (гурӯҳбандӣ) ҳамеша кор бо афкори мавҷудаи аз тарафи муҳаққиқ таҳлилгардида ва интихобшудаи тартиби нав мебошад.

Методикаи проективӣ имкон медиҳад, ки шуури одамро «фиреб дод» ва муҳофизати психологиро гузашт. Истеъмолкунандагон бисёр вақт шарм мекунанд, ки оид ба маҳсулоти таҳқиқшаванда фикри манфӣ дошта бошанд, чунки намехоҳанд, ки модераторро (барандаро) ранҷонанд. Аксар вақтҳо аз ҷиҳати моддӣ қобилият надоштан барои дастрасӣ ба ягон намуди хидматрасонӣ сабаби муносибати манфии истеъмолкунанда ба ин хидматрасонӣ мегардад. Бинобар ин, ҳангоми баррасӣ модератор (гардонанда) бо ёрии саволҳои мустақим наметавонад оид ба муносибати воқеии истеъмолкунандагон иттилоот ба даст орад.

Методҳои миқдорӣ дар таҳқиқи имиҷ ба мусоҳиба ва пурсиш оварда мерасонанд. Аз байни методҳо International Corporate Reputation Report-ро ном бурдан мумкин аст; бунёди соҳаи семантикии имиҷи ташкилот, ки аз рӯйи натиҷаҳои «ҷадвалбанди» - и дескрипторҳо амалӣ карда шудааст.

Методҳои миқдорӣ барои баҳогузорӣ кардани аҳаммиятнокии тавсифоти сифатӣ истифода мешаванд. Тавсифоти объектро (қатори ҳиссиётӣ-тимсолӣ) метавон ҳам дар рафти таҳқиқоти сифатии пешакӣ анҷомшуда ва ҳам дар таҳқиқоти қаблан тартибдодашуда ва барои тафтиши мувофиқатнокӣ ё муайян кардани динамикаи идрок ба муҳаққиқ пншниҳодгардида ба даст овард.

Методҳои миқдорӣ барои омӯзиши имиҷ ҷиҳати дарёфти инҳо имкон фароҳам месозанд:

- соҳаи ассотсиативӣ – робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меорад (хидматрасониҳо, ташкилот);
- тавсифоти бартарӣ доштан дар идроки ассотсиативии дарки объект;
- динамикаи нишондиҳандаҳои имиҷ;
- ба тартиб мондани мақсадҳои интихоб (хидматрасониҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, факулта ё вазъияти ҳавасмандкунӣ ва ғайраҳо);
- харитаи мавқеъсозии объекти омӯхташаванда.

Масъалаи бо имиҷи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ алоқамандро дар ду ҷанба баррасӣ намудан мумкин аст: дар таҳлили имиҷи як муассиса, аз ҷумла тарафи мусбат ё манфии он ва ё дар таҳлили қиёсӣ-муқоисавии якчанд муассиса, ки ягон намуди ихтисос ё хидматрасонии таҳсилотии монандро пешниҳод менамоянд. Ҳангоми мавриди таҳқиқ қарор додани имиҷи як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ба он ҳолате диққат дода шавад, ки имиҷи он ҳодисаи мураккаб ва бисёртарафа мебошад ва зимнан барои таҳлил ҷанбаҳои берунӣ ва дохилии имиҷро баррасӣ намудан зарур аст.

Имиҷи берунии ташкилот барои дарки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз тарафи таълимгирандагони берунӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҷанба муайян кардани он, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавқеи худро дар бозор чӣ гуна пайдо мекунад (бо ёрии пурсиши роҳбарон, шарикон оид ба бизнес, истеъмолкунандагон) мувофиқи мақсад мебошад. Дар фарқият аз имиҷи берунӣ имиҷи дохилии муассиса ба таври афзалиятнок таҳлили ҷузъҳои зерини таркибии худро пешбинӣ менамояд:

– имиҷи роҳбар ва тартиби идоракунӣ;

– фазои психологии ташкилот;

– фарҳанги иттиҳодиявӣ.

Чӣ тавре ки қайд намуда будем, дар замони муосир, дар шароити муҳити рақобати бозорӣ яке аз шартҳои асосии самаранокии дилхоҳ муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ имиҷи он мебошад, ки омили баланд гардидани рақобатпазирӣ ва дар навбати худ муайянкунандаи мавҷудияти афзалиятҳои рақобатӣ ҳисоб меёбад, яъне фоидаи муайяни муассиса дар муқоиса бо рақибони дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ амалкунанда мебошад.

Инҳо метавонанд барномаҳо ё маводи таълимии муосири илмталаб, технологияи таҳсилотии пешқадами баландистеҳсолкунанда, дар муқоиса бо рақибон хароҷоти нисбатан ками истеҳсолот, сифати нисбатан баланди маҳсулоти таҳсилотӣ, даромадҳои иловагӣ, яъне даромади барзиёд аз даромади байнисоҳавӣ ва ғайраҳо бошанд. Вале, ба андешаи мо, афзалияти асосии рақобати муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ иқтидори кадрии ҳайати кормандон ва тавсифоти миқдорию сифатии он ба ҳисоб меравaнд.

Дар таҷрибаи идоракунӣ таҳияи низоми нишондиҳандаҳо аҳамияти калон дорад, ки бо ёрии он ҳам шумораи ҳайати профессорону омӯзгорон ва ҳам миқдори вақти кории барои иҷро ё коркард зарурро тавсиф кардан мумкин аст.

Тавсифоти сифатии иқтидори меҳнатӣ бояд барои баҳогузорӣ намудани имконияти ҷисмонӣ ва психологии кормандон, ҳаҷми донишҳои умумӣ ва махсус, малакаҳои корӣ ва кордонии ба қобилият нисбат ва сифати муайяни меҳнат вобаста кардани аъзои коллектив ҳамчун субъектҳои фаъолияти илмӣ-таҳсилотӣ равона гарданд. Агар тавсифоти миқдориро бо осонӣ тавассути баҳисобгирии эҳтиёҷот, интихоб, ҷудокунӣ ва кироя кардани ҳайати кормандон муайян ва таъмин кардан мумкин бошад, лекин таъмин намудани тавсифоти сифатии он ниҳоят мураккаб мебошад, чунки дар айни замон методикаи санҷидашуда ва аз тарафи умум эътирофшуда вуҷуд надорад.

Барои баҳогузорӣ намудани ҳамаи маҷмуи тавсифоти гуногунранги иқтидори кадрӣ коркарди нишондиҳандаи синтетикии имиҷ зарур мебошад, то ки имкон диҳад бузургии иқтидор дар ҳамон ва ё дигар лаҳзаи

вақт муқоиса гардад ва таъсири омилҳои алоҳида ба бузургии умумии он ва имиҷи ташкилот муайян карда шавад.

Ин дар навбати худ барои нисбатан асоснок интихоб кардани сиёсати кадрӣ имкон хоҳад дод ва ба баланд бардоштани имиҷ ва рақобатпазирии муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳад намуд.

Барои баҳогузории миқдории (арзишии) тавсифоти сифатии иқтидори меҳнатӣ, ҳамчун омили муҳимми ташаккули имиҷ истифодаи мафҳуми «гудвилли иқтидори кадрӣ» истифода мешавад. Гудвилл (аз калимаи англисии qoodwill гирифта шуда, дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ «иродаи нек»-ро мефаҳмонад, яъне дороии ғайримоддӣ ё ҳамонандкунандае мебошад, ки ба мавҷуд будани афзалиятҳои муайяни рақобатии муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста буда, барои ӯ даромади иловагӣ меорад. Ғайримоддӣ будан дар набудани объекти моддӣ ва ҳамонандӣ дар ғайримумкин будани баррасии объект алоҳида аз интиқолдиҳандагони он, яъне аз ташкилот, ки ба он гудвилл мансуб аст, зоҳир мегардад, он дар раванди амалкарди муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ташкил ёфта, метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад.[34]

Гудвилли мусбат маънои онро дорад, ки арзиши ҷамъиятӣ ва бозории муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз арзиши дороиҳо ва қарзҳои (актив ва пассивҳо) баландтар буда, ин фарқ баҳои арзишии гудвилл ҳисоб меёбад ва гудвилли манфӣ ба баръакс будани ин далолат мекунад. Бо дарназардошти ин ки иқтидори кадрии муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ имкони истифодаи самараноки ҳамаи дороиҳои ташкилот ва амволи онро муайян мекунад, тавсифоти миқдорӣ ва сифатии иқтидори кадрӣ низ метавонад ба арзиши ҷамъиятӣ ва бозории муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ҳам аз тарафи калон ва ҳам аз тарафи хурд таъсир расонад.

Бисёр вақтҳо гудвилл ҳамчун шуҳрати кории муассиса муайян карда мешавад, ки ба арзиши он ва ҳам ба рақобатпазирии он таъсир мерасонад.

---

[34] Карпычева А.А. Многоаспектная классификация гудвилла [Текст] / А.А. Карпычева // Экономический анализ: теория и практика. - 2010. - №17. – С. 28.37.

Ба андешаи мо, интиқолдиҳандаи шуҳрати корӣ, пеш аз ҳама кормандон мебошанд, аз ин рӯ, ба тавсифоти микдорӣ ва сифатии иқтидори меҳнатии ҳайати кормандон бузургии гудвилли он ҳам вобаста мебошад. Чунин ҳисоб карда мешавад, ки гудвилл ба таври диданашаванда дар маҳсулот/хидматрасониҳо вуҷуд дорад ва ба маҳсулот/хидматрасониҳо арзиши иловашудаи муайянеро ҳамроҳ мекунад. Гудвилл ин маҷмуи чунин омилҳо, ба монанди шуҳрати корӣ, машҳур будан, қобили бовар будан, номи неки ташкилот (бренд), шинохтани тамғаи тиҷоратӣ, алоқаҳои корӣ, фоиданокии маҳалли ҷойгиршавӣ, таҷрибаи роҳбарон ва ғайраҳо мебошад, ки дар алоҳидагӣ аз ташкилот баробарнашаванда буда, имкон фароҳам меоранд, ки оид ба дар оянда зиёд шудани даромаднокии ин ташкилот дар муқоиса бо сатҳи даромаднокии миёнаи ташкилотҳои монанд хулоса барорӣ намоем. Дар ин методика муайянкунии зер мавриди истифода қарор мегирад.

Арзиши баҳоии ҳайати кормандон, яъне корманд бузургии ҳисобшавандаи баробар ба иҷрои музди меҳнати пардохтшаванда ё пешбинишавандаи корманд ба коэффитсиенти $Г_{ик}$ (гудвилли иқтидори кадрӣ) мебошад:

$S = ММ \times Г_{ик}$,

ки дар ин ҷо, S – арзиши баҳоии корманд, сомонӣ буда,

ММ – музди меҳнати пешбинишаванда ва ё пардохтшаванда ба корманд, сомонӣ мебошад.

$Г_{ик}$ - коэффитсиент (гудвилли иқтидори кадрии корманд) аст.

Гудвилли иқтидори кадрии корманд коэффитсиенте мебошад, ки баҳои воқеии фардӣ ё арзиши кормандро, на ҳамчун воҳиди корӣ, балки ҳамчун одами мушаххаси иҷрокунандаи ин ё он вазифа ва ҳалкунандаи ин ё он масъала (вазифа) инъикос менамояд. Тасаввурот дар бораи он, ки ҳангоми муайянкунии $Г_{ик}$ кадом параметрҳо ба ҳисоб гирифта шаванд, дар ҷадвали 1.3. оварда шудааст. Ба $Г_{ик}$ ҳам фазои психологӣ дар коллектив, ҳам сатҳи касбияти корманд ва ҳам вақти барои ӯ зарурӣ (маълум аст, ки

ҳар қадар бештар вақт талаб карда шавад, корманд ҳамон қадар арзишмандтар мегардад) таъсир мерасонанд.

**Ҷадвали 1.3. – Муайян кадани гудвилли иқтидори кадрӣ**

| Параметрҳо | Аҳаммияти коэффитсиент | | |
|---|---|---|---|
| Фазои психологии дар коллектив баамаломада | | | |
| - аъло | 0,2 | | |
| - қобили қабул | 0,1 | | |
| - ҳолати асабоният | 0 | | |
| Сатҳи касбияти корманд | | | |
| - баланд | 0,5 | | |
| - миёна | 0,2 | | |
| - паст | 0 | | |
| Вақти зарурӣ барои мутобиқ шудани корманд ба ҷойи нави корӣ | Аҳаммияти коэффитсиент | | |
| | барои ҳайати кормандони идоракунанда | барои докторҳо ва номзадҳои илм | барои омӯзгорони бидуни унвони илмӣ |
| - 0,5 моҳ | аз 1 то 4 | аз 0,5 то 2 | аз 0 то 1 |
| - 1 моҳ | | | |
| - 1,5 моҳ | | | |
| - 2 моҳ | | | |

**Сарчашма**: Кокарди муаллиф аз рӯи: Потуданская В.Ф., Трункина Л.В. Гудвилл трудового потенциала персонала предприятия как фактор повышения его конкурентоспособности// Креативная экономика - № 6 (54), Июнь 2011, с. 21-25

Эзоҳ: Ин коэффитсиентҳо вобаста ба мураккабии вазифае, ки дар назди ҳар як корманди мушаххас қарор дорад, бо даст гузошта мешаванд.

Аз нуқтаи назари мо, афзалияти ин методика дар он ифода меёбад, ки баҳисобгирии гудвилли иқтидори кадрии корманд, имкон фароҳам месозад, ки баҳои арзишии ӯ нисбатан дақиқ муайян карда шавад. Барои дарёфти натиҷаи нисбатан аниқ муаллифони алоҳида[35] илова бар роҳ мондани гудвилли иқтидори кадрӣ боз коэффитсиенти инъикоскунандаи арзиши воқеӣ, бозорӣ ва фардии кормандро ҳамчун одами мушаххасе, ки иҷрои ин ё он вазифаро метавонад, аз уҳдаи ҳаллу фасли ин ё он масъала мебарояд, инчунин имиҷ ва рақобатпазирии муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбиро бо баҳогузории сифатии истифода аз методҳои коршиносӣ тибқи меъёрҳои зерин пешниҳод менамоянд: салоҳиятнокии касбӣ;

[35] Тугускина Г.Н. Методика оценки человеческого капитала предприятий [Электронный ресурс]. - Режим доступа:https://www.top-personal.ru/issue.html?1936., открытый (дата обращение 22.05.2022)

сармояи зеҳнӣ ва эҷодӣ; қобилияти дарк карда тавонистани инноватсия ва иштирокунандаи навгониҳо будан; мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ; донистани якчанд ихтисосҳо; зудҳаракатии касбӣ; масъулиятшиносӣ; тавсифоти шахсиятӣ; натиҷаи корҳо ва комёбиҳо; қаноатмандӣ аз кор.

Ҳамин тавр, маҳз иқтидори кадрӣ бояд омили калидии баланд бардоштани сатҳи имиҷ ва рақобатпазирӣ, яъне муваффақияти фаъолияти самаранок эътироф гардад, бинобар ин, дар радифи сармояи асосӣ ва гардишкунанда инвеститсияи ҳайати кормандон зарур мебошад.

Барои ин коркарди стратегияи кадрии мусоидаткунандаи дарёфти ҳадафҳои имиҷ, ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва идоракунии дигаргуниҳо таъсир мерасонанд лозим буда, дар ниҳояти кор устувории молиявӣ ва мавқеи устувори муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ зарур мебошанд.

## БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИР ВА МЕХАНИЗМҲОИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 2.1. Ҳолати муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ ва имиҷи муассисаҳои онҳо

Мутобиқи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 яке аз сенарияҳои рушди мамлакатро сенарияи рушди индустриалию инноватсионӣ такшил медиҳад, ки он "бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаиислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад"[36]. Барои татбиқи рушди индустриалию инноватсионӣ ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат нақши калидӣ дорад, зеро маҳз дар муассисаҳои ин соҳа ташаккули зинаи асосии сармояи инсонӣ, ки ангезандаи рушди инноватсионӣ ва фарҳанги инноватсионии аҳолӣ мебошад, ташаккул меёбад.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ унсури асосии низоми таҷдиди зеҳну хиради ҷамъиятӣ, неруи инсонӣ, омодагӣ ва аз нав омода кардани мутахассисон ва паҳн намудани донишҳои нав мебошанд. Муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбиро ҳамчун ниҳоди дорои аҳаммияти иҷтимоӣ натиҷаҳои мусбати калони берунӣ метавон чун субъекти ҷомеа, давлат ва иқтисодиёти мамлакат, соҳаи мушаххаси минтақа ва чун маркази тамаркузи шахсиятҳо ва коллективҳо ва инчунин ҳамчун низоми мураккаби зеҳнии идоракунӣ мавриди баррасӣ қарор дод. Ба ин комплекси тавсифоти сифатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ раванди ташаккули имиҷи онҳо вобаста мебошад. Ба ибораи дигар, имиҷи онҳо дар ҳолате баланд бардошта мешавад, ки агар онҳо ҳамчун ниҳоди дорои аҳаммияти иҷтимоии ҷомеа ба ин сифатҳо сазовор бошанд. Тавсифоти ин сифатҳо дар ҷадвали 2.1. оварда шудаанд.

---

[36] Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 21.

**Ҷадвали 2.1. - Муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбии дорои ниҳоди аҳаммияти иҷтимоӣ**

| Ҳамчун субъект | Тавсифот |
|---|---|
| Ҷомеа | Марказҳои илм, фарҳанг ва маориф, ки эҳтиёҷоти зеҳнии шахсиятро қонеъ мегардонанд ва мутахассисонро омода намуда, таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ карда, донишҳои навро дар байни омма ҷорӣ менамоянд. |
| Иқтисодиёти бахши давлатӣ | Бо мақсади иҷрои фармоишоти давлатӣ (соҳавӣ) оид ба омода кардани кадрҳо ва гузаронидани таҳқиқот захираҳои давлатиро истифода мекунад. |
| Иқтисодиёти бозорӣ | Дар нақши молистеҳсолкунанда аксаран маҳсулот ва хидзматрасониҳои зеҳнӣ амал карда, ин маҳсулотро ҳам бо нархи давлатӣ ва ҳам бо нархи озоди бозорӣ (шартномавӣ) ба фурӯш мебарорад. |
| Соҳа | Дар нақши маркази омодагии махсусгардонидашудаи кадрҳо ва аз ҳисоби маблағҳои соҳа анҷом додани таҳқиқоти мақсаднок тибқи барномаҳои соҳавӣ амал мекунад. |
| Минтақа | Марказ қобилияти дар худ ва атрофи худ ҷамъкунандаи субъектҳои зеҳнӣ, истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, хайрхоҳӣ ва захираҳо мебошад, ки фаъолияти комплексӣ ва истифодаи онҳо хилофи мақсадҳои ҷомеа ва нишондодҳои давлат набуда, таҷдиди зеҳнии минтақаро таъмин менамояд. |
| Ҳамчун низоми идоракунӣ | Комплекси бисёрсоҳаи таълимӣ-илмие мебошад, ки фаъолияти маҷмуии он ба мақсадҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ ва махсуси иҷтимоӣ-иқтисодӣ тобеъ гардонида шудааст. |
| Ҳамчун объекти тамаркузи коллективҳои меҳнатӣ ва шахсиятҳои дорои зеҳнияти баланд | Ташкилоте мебошад, ки ҳадафҳои махсуси иҷтимоӣ-иқтисодии рушдро амалӣ месозад ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои умуман муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ва ҳам коллективҳои алоҳидаи шахсиятҳо ва шариконро анҷом медиҳад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар ҳоли ҳозир муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз муассисаи таҳсилотӣ-илмии буҷетӣ тадриҷан ба комплекси истеҳсолии таълимӣ-илмӣ ва соҳибкорие мубаддал мегарданд, ки ҳамкории байниҳамдигариро бо сохторҳои ғайрибозорӣ ва бозорӣ-соҳибкорӣ амалӣ менамоянд. Ҳоло бахши бозории таҳсилот ташаккул ёфтааст ва фаъолияти мустақили муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инкишоф ёфта истодааст, ки барои қисман ҳаллу фасл намудани як қатор масъалаҳои низоми таҳсилоти олӣ замина омода месозанд. Рушди ин бахшҳо, ки дорои самтнокии таҳсилоти иқтисодӣ-идоракунӣ ва гуманитарӣ мебошад, имкони фароҳам месозад, ки маблағҳои буҷети давлатии муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ асосан барои дастгирии рушди илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ ва технологияи муосир равона карда шаванд, чунки илмҳои номбаршуда суръати прогресси илмӣ-техникии мамлакатро муайян мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ тибқи эҳтиёҷоти соҳаҳои иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ якчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шуданд.

**Ҷадвали 2.2. - Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо**

| Солҳо | Шумораи муассисаҳои таълимӣ | Теъдоди донишҷӯён (ҳазор нафар) | Ба 10000 аҳолӣ, нафар |
|---|---|---|---|
| 1991-1992 | 13 | 69,3 | 124 |
| 2000-2001 | 30 | 77,7 | 127 |
| 2004-2005 | 35 | 118,4 | 175 |
| 2005-2006 | 36 | 132,4 | 191 |
| 2006-2007 | 36 | 146,2 | 207 |
| 2007 -2008 | 33 | 154,2 | 214 |
| 2008 -2009 | 33 | 156,3 | 212 |
| 2009 -2010 | 33 | 157,8 | 210 |
| 2010 -2011 | 33 | 151,7 | 202 |
| 2011 -2012 | 33 | 152,2 | 200 |
| 2012 -2013 | 34 | 150,1 | 188 |
| 2013 -2014 | 33 | 159,4 | 195 |
| 2014-1015 | 38 | 165,3 | 198 |
| 2015-2016 | 38 | 176,5 | 206 |
| 2016-2017 | 39 | 186,9 | 214 |
| 2017-2018 | 39 | 195,7 | 219 |
| 2018-2019 | 39 | 209,8 | 232 |
| 2019-2020 | 40 | 229,6 | 249 |
| 2020-2021 | 41 | 239,5 | 244 |
| 2020-2021 бо % нисбат ба солҳои 1991-1992 | 315,4 | 345,5 | 196,7 |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории Тоҷикистон: 20 соли истиқлоли давлатӣ, соли 2011, саҳ. 102-103; Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, саҳ. 55

Қайд кардан бамаврид аст, ки соли 1991 дар ҷумҳурӣ 13 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вуҷуд дошт, ки дар онҳо 69,3 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекарданд. Дар соли таҳсили 2020-2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба 41 адад расид, яъне дар давраи солҳои 1991-2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 28 воҳид зиёд

гардид. Дар ин давра мутаносибан шумораи донишҷӯён низ зиёд гардида, аз 69,3 ҳазор нафар то 239,5 ҳазор нафар расид, яъне зиёдшавӣ 170 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар давраи мавриди таҳқиқ шумораи донишҷӯён ба ҳар 10000 нафар аҳолӣ аз 124 то 244 нафар ё бештар аз 2 маротиба зиёд гардид (ба ҷадвали 2.2. ва расми 2.1. нигаред).




**Расми 2.1. - Динамикаи шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёни онҳо**

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории Тоҷикистон: 20 соли истиқлоли давлатӣ, соли 2011, саҳ. 102-103; Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, саҳ. 55

Зиёдшавии шумораи донишҷӯён дар ҷумҳурӣ асосан бо афзудани эҳтиёҷоти ҷомеа ва талаботи аҳолӣ ва агентҳои бозори меҳнат ба мутахассисони нави мувофиқаткунанда ба низоми бозории иқтисодиёт ва инчунин зарурати ташаккули низоми нави миллии инноватсионӣ ва бозори дохилии хидматрасониҳои таҳсилотии мутобиқаткунанда ба стандартҳои байналмилалӣ алоқаманд мебошад.

Инкишофи шабакаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад. Ҳамон тавр, ки дар боло қайд кардем, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вилоятҳои ҷумҳурӣ ҳамчун маркази дар атрофи худ ҷамъкунандаи субъектҳо ва захираҳои зеҳнӣ ва истеҳсолӣ-

тиҷоратӣ амал намуда, субъектҳои ноҳияҳоро бо кадрҳои баландихтисос таъмин карда, таҷдиди зеҳнии минтақаро амалӣ месозанд.

**Ҷадвали 2.3. - Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёни онҳо тибқи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015- 2021**

| Минтақаҳо | 2015 | | | 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Теъдоди муас-сисаҳои таълимӣ** | **Теъдоди донишҷуён, (ҳазор нафар)** | **дар %** | **Теъдоди муас-сисаҳои таълимӣ** | **Теъдоди донишҷуён, (ҳазор нафар)** | **дар %** |
| Ҳамагӣ дар мамлакат | 38 | 186,9 | 100,0 | 41 | 239,5 | 100,0 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| ВМКБ | 1 | 4,5 | 2,5 | 2 | 3,7 | 1,5 |
| Вилояти Хатлон | 6 | 29,5 | 15,7 | 6 | 50,0 | 20,8 |
| Вилояти Суғд | 7 | 40,7 | 21,7 | 7 | 47,7 | 19,9 |
| НТҶ | 1 | 2,2 | 1,13 | 1 | 3,5 | 1,4 |
| ш. Душанбе | 24 | 109,9 | 58,8 | 25 | 134,6 | 56,2 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021. саҳ. 85; Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, с. 56

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.3. дида мешавад, дар давраи солҳои 2015-2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 3 адад ва шумораи донишҷуёни онҳо беш аз 31% зиёд шудааст. Афзоиши шумораи донишҷӯён аслан аз ҳисоби афзудани шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии вилояти Хатлон сурат гирифтааст: шумораи донишҷуён дар давраи таҳлилӣ 1,6 баробар зиёд шудааст. Аз шумораи умумии донишҷӯёни дар ҷумҳурӣ таҳсилкунанда соли 2021 20,8%-и онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон рост меояд, ки нисбат ба соли 2015 ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷуёни мамлакат 5,1 фоиз зиёд шудааст. Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Суғд 19,9%-ро ташкил додааст, аммо ҳиссаи онҳо нисбат ба соли 2015 ба 1,8 фоиз кам шудааст. Аз 41 адад муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ беш аз 60%-и онҳо дар шаҳри Душанбе фаъолият дошта, мутаносибан

56,2%-и ҳамаи донишҷӯёни ҷумҳурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахт таҳсил мекунанд. Дар ҳақиқат, дар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ (Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд) иқтидори илмӣ-педагогӣ ва заминаи моддӣ-техникии барои фаъолияти ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур тамаркуз дода шудаанд. Масалан, аз рӯйи шумораи биноҳои таълимӣ, кафедраҳо, синфхонаҳо, кабинетҳои лингафонӣ, озмоишгоҳҳо, хобгоҳҳо ва ғайраҳо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон дар ҳолати хуб қарор доранд (ба ҷадвали 2.4. нигаред). Ин қисматҳо ва таҷҳизонии онҳо бо маводи илмӣ ва таълимии муосир шарт ва омили муҳими баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2.4. - Инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

| Минтақаҳо | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Шаҳри Душанбе |
|---|---|---|---|---|
| **Биноҳои таълимӣ** | 5 | 18 | 15 | 161 |
| **Кафедраҳо** | 21 | 79 | 76 | 222 |
| **Миқдори синфхонаҳо** | 55 | 511 | 461 | 3473 |
| **Кабинетҳои лингафонӣ** | 1 | 10 | 4 | 27 |
| **Озмоишгоҳҳо** | 6 | 65 | 25 | 553 |
| **Хобгоҳҳо** | 3 | 4 | 10 | 60 |

**Сарчашма:** Маҷмуаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, саҳ. 277-278.

Дар ҳоли ҳозир муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ буҷети худро аз ҳисоби ташкили таҳсили пулакӣ ташаккул медиҳанд. Ҳамон тавр, ки маълумоти ҷадвали 2.5. ва расми 2.2. нишон медиҳанд, шуруъ аз соли 2009-2010 таносуби донишҷӯёни тибқи шартнома таҳсилкунанда рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Масалан, дар соли таҳсили 2021-2022 аз 50,1 ҳазор донишҷӯйи ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ қабулшуда, теъдоди 35,7 ҳазор нафари онҳо тибқи шартнома, яъне ба таҳсили пулакӣ қабул шуда буданд. Аз ин чунин бармеояд, ки зиёда аз 71 фоизи шумораи

умумии донишҷӯёнро донишҷӯёни шартномавӣ ташкил менамуданд. Дар давраи солҳои 2010 -2022 шумораи қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар умум қариб 1,7 баробар зиёд гардид, шумораи донишҷӯёни шартномавӣ беш аз 2,2 баробар афзоиш ёфт, ҳамин тавр дар давраи таҳқиқшаванда зиёдшавии шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ асосан аз ҳисоби донишҷӯёни шартномавӣ ба амал омада буд. Шумораи қабули довталабон ба гурӯҳҳои буҷетии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамагӣ ба 8,2% афзудааст. Умуман дар давраи мавриди таҳлил ҳиссаи донишҷӯёни шартномавӣ дар шумораи умумии донишҷӯён 16,3 фоиз зиёд шуд.

**Ҷадвали 2.5. – Қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Ҳамагӣ теъдоди донишҷӯйи қабул карда шуда | Аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Буҷетӣ | Шартномавӣ | Бо % |
| 2009—2010 | 29556 | 13339 | 16217 | 54,9 |
| 2010 -2011 | 28621 | 12159 | 16462 | 57,5 |
| 2011 -2012 | 31354 | 12719 | 18635 | 59,4 |
| 2012 -2013 | 38738 | 13921 | 24817 | 64,1 |
| 2013 -2014 | 41641 | 16202 | 25439 | 61,1 |
| 2014-2015 | 35475 | 13397 | 22078 | 62.2 |
| 2015-2016 | 38710 | 12590 | 26120 | 67,4 |
| 2016-2017 | 48076 | 14988 | 33088 | 68,8 |
| 2017-2018 | 49470 | 13956 | 35514 | 71,8 |
| 2018-2019 | 54294 | 15304 | 38990 | 71,8 |
| 2019-2020 | 63115 | 15194 | 47921 | 75,9 |
| 2020-2021 | 53889 | 13945 | 39944 | 74,1 |
| 2021-2022 | 50131 | 14412 | 35719 | 71,2 |
| 2020-2021 бо % нисбат ба солҳои2009-2010 | 169,4 | 108,2 | 220,3 | 16,3 бф |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 саҳ. 238 ва саҳ. 126.; Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023 саҳ. 124

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатро аз рӯйи фаъолияти таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, молиявӣ-иқтисодӣ ва байналмилалӣ баҳогузорӣ менамояд. Дар айни замон дар ҷомеаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ машҳур будан ва самаранокии кори онҳо аз нуқтаи назари сатҳ ва ҳаҷми фаъолияти илмии он тавассути рейтингҳо баҳогузорӣ карда мешавад.




**Расми 2.2. – Динамикаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 саҳ. 238 ва саҳ. 126.; Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023 саҳ. 124

Вазъият дар бозори таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки ғамхории ҷиддиро аз тарафи давлат талаб мекунад, ҳоло таъсири вазъи демографии мамлакатро аз сар гузаронида истодааст. Дар ҳоли ҳозир тамоюли афзоиши пешгузарандаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар муқоиса бо суръати афзоиши хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мушоҳида мегардад. Агар дар давраи солҳои 2015-2021 шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ 15,6% зиёд шуда бошад, хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамагӣ 2,4% афзоиш ёфтааст. Дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи хатмкардаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шумораи аҳолии доимӣ аз 1,28 то 1, 14, яъне 0,14 фоизӣ поён рафтааст. Бояд гуфт, ки чунин тамоюлот дар оянда метавонад дар самти қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ муаммо созад. Соли 2021 шумораи донишҷӯёни ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохилшуда теъдоди 50,1 ҳазор нафарро  ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли 2015 ба 30,1% зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2.6. – Динамикаи шумораи хонандагони хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба муассисаҳои низоми таҳсилоти касбӣ дохилшуда (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **Соли 2021 бо % нисбат ба с 2015** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9126,6 | 9313,8 | 9506,3 | 9886,8 | 115,6 |
| муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пурраро хатм карданд | 110,2 | 111,9 | 119,4 | 118,5 | 114,7 | 116,3 | 112,9 | 102,4 |
| Бо % нисбат ба шумораи аҳолӣ | 1,28 | 1,27 | 1,33 | 1,32 | 1,23 | 1,23 | 1,14 | - 0,14 бф |
| Шумораи донишҷӯёни ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабулшуда | 38,5 | 42,7 | 46,6 | 51,4 | 60,4 | 61,9 | 50,1 | 130,1 |
| Бо % нисбат ба шумораи хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 34,9 | 38,1 | 39,0 | 43,3 | 52,6 | 53,2 | 44,3 | 9,4 бф |
| Шумораи донишҷӯёни ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қабулшуда, ҳазор нафар | 24,6 | 24,1 | 25,3 | 27,0 | 26,0 | 27 | 28,7 | 116,6 |
| Бо % нисбат ба шумораи хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 22,3 | 21,5 | 21,2 | 22,8 | 22,6 | 23,2 | 25,4 | 3,1 бф |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, саҳ. 73-83; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, с. 49,53, 55

Ҳисса ва ё таносуби шумораи донишҷӯёни ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул кардашуда нисбат ба шумораи умумии хонандагони дар соли 2021 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро хатмкарда 44,3%-ро дар муқобили 34,9%-и соли 2015 ташкил дод, ки ин 9,4 фоиз зиёд гардидааст.

Соли 2021 теъдоди 25,4%-и шумораи хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёна умумӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил шудаанд, ки дар муқоиса бо соли 2015 ба 3,1 фоиз зиёд шудааст (ба ҷадвали 2.6. нигаред).

Дар ҳоли ҳозир дар ҷумҳурӣ 9886,8 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки назар ба соли 2015 теъдоди 1335,6 ҳазор нафар зиёд мебошад, вале афзоиши табии аҳолӣ тамоюли камшавиро гирифтааст (дар давраи солҳои 2015-2021 камшавии табиии аҳолӣ ба ҳар 1000 нафар аз 22 то 21,8 кам шудааст). Аммо, афзоиши умумии шумораи аҳолӣ боиси ҳамон афзоиши шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ синни 17-сола (довталабон) намегардад. Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, яъне синфи 11 бинобар зиёд гардидани муҳоҷирати меҳнатии берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ва аз таҳсил саркашӣ намудани духтарон сол то сол коҳиш ёфта истодааст. Ин равандҳо дар деҳоти ҳудуди ҷумҳурӣ бештар ба назар мерасанд. Ин тамоюлот метавонанд дар оянда ба камшавии шумораи қабули донишҷӯён боис гардад.

Бо инкишоф ёфтани таҳсили пулакӣ қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тавонистанд, ки захираҳои молиявии худро таъмин намоянд. Ва дар баробари ин метавон қайд намуд, ки манбаи асосии аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд гардонидани ҳайати профессорону омӯзгорон воситаҳои ғайрибуҷетӣ ҳисоб меёбанд. Аммо солҳои охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Дар яке аз паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардида буд, ки «дар ҳафт соли гузашта тамоюли иҷтимоии буҷети давлатӣ ҳифз гардида, ҳаҷми хароҷот барои соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна ба андозаи 35 фоиз афзоиш ёфт ва 23 миллиард сомониро ташкил кард. Дар ҳафт соли оянда бо ин мақсад, яъне ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби ҳамаи

сарчашмаҳои маблағгузорӣ бешаз 70 миллиард сомонӣ равона карда мешавад»37.

Ҳамон тавр, ки аз маълумоти ҷадвали 2.7. дида мешавад, ҳиссаи хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф, махсусан пас аз соли 2011 тамоюли зиёдшавиро 70ора два ба рушди соҳаи маориф равонашаванда дар қисми хароҷоти ҷумҳурӣ 17%-ро ташкил мекунад.

**Ҷадвали 2.7. – Динамикаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000 -2021**

| Солҳо | Хароҷот дар соҳаи маориф, миллион сомонӣ | Бо % нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ |
|---|---|---|
| 2000 | 38,2 | 14,59 |
| 2001 | 59,4 | 15,64 |
| 2002 | 84,7 | 15,59 |
| 2003 | 112,7 | 14,59 |
| 2004 | 164,9 | 15,12 |
| 2005 | 260,0 | 18,5 |
| 2006 | 323,7 | 18,19 |
| 2007 | 437,6 | 12,52 |
| 2008 | 543,5 | 13,4 |
| 2009 | 900,4 | 15,83 |
| 2010 | 1019,5 | 15,18 |
| 2011 | 1592,4 | 18,59 |
| 2012 | 1540,6 | 16,9 |
| 2013 | 2111,6 | 18,2 |
| 2014 | 2353,9 | 17,8 |
| 2015 | 2539,3 | 15,8 |
| 2016 | 3093,7 | 16,9 |
| 2017 | 3572,6 | 16,0 |
| 2018 | 3702,6 | 15,3 |
| 2019 | 4338,6 | 18,2 |
| 2020 | 4311,4 | 17,3 |
| 2021 | 5259,9 | 17,9 |
| 2021 нисбат ба 2000 % | 137 маротиба | 3,4 бф |

**Сарчашма:** Аз рӯйи Маҷмӯаи омории «Тоҷикистон 20 соли истиқлолияти давлатӣ», соли 2011, саҳ. 15, 19, Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, саҳ.451-452 ва Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022 саҳ. 400- 407 ҳисоб карда шудааст.

37 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014 [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ:http://president.tj/ru/node/6599., кушода (санаи муроҷиат 23.09.2022)




**Расми 2.3. – Ҳиссаи хароҷоти маориф ба ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ**

**Сарчашма:** Аз рӯйи Маҷмӯаи омории «Тоҷикистон 20 соли истиқлолияти давлатӣ», соли 2011, саҳ. 15, 19, Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, саҳ.451-452 ва Маҷмӯаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022 саҳ. 400- 407 ҳисоб карда шудааст.

Дар давраи таҳлилшаванда (солҳои 2000-2021) ҳаҷми хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф аз 38,2 то 5259,9 миллион сомонӣ аз 137 баробар зиёд гардидааст. Солҳои охир ҳиссаи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф, яъне хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф ба ММД-и мамлакат дар соли 2020 миқдори 5,3%-ро дар муқобили 5%-и соли 2015 ташкил дода буд

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2023 маблағи умумии маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ аз 1092,0 то 7210,3 млн.  Сомонӣ ё бештар аз 6,6 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.8. – Динамикаи маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, млн. сомон**

| Солҳо | Маблағгузории соҳаи маориф, ҳамагӣ | Аз ҷумла, таҳсилоти олии касбӣ | Бо % |
|---|---|---|---|
| 2010 | 1092,0 | 187,7 | 17,2 |
| 2011 | 1363,7 | 232,1 | 17,0 |
| 2012 | 1608,0 | 281,0 | 17,4 |
| 2013 | 2130,8 | 337,8 | 15,8 |
| 2014 | 2576,9 | 397,7 | 15,4 |
| 2015 | 2918,7 | 477,1 | 16,3 |
| 2016 | 3146,2 | 556,2 | 17,6 |
| 2017 | 3581,2 | 632,8 | 17,6 |
| 2018 | 3863 | 606,1 | 15,7 |
| 2019 | 4404,9 | 716,5 | 16,2 |
| 2020 | 5004,7 | 781,5 | 15,6 |

Идомаи ҷадв

| Солҳо | Маблағгузори соҳаи маориф, ҳамагӣ | Аз ҷумла, таҳсилоти олии касбӣ | Бо % |
|---|---|---|---|
| 2021 | 5597,1 | 975,6 | 17,4 |
| 2022 | 6304,0 | 1110,1 | 17,6 |
| 2023 | 7210,3 | 1131,5 | 15,7 |
| Соли 2023 нисбат ба соли 2010 бо % | 660,3 | 602,8 | 0,5 банди фоиз |

**Сарчашма:** Аз рӯйи Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, саҳ.296; Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023, саҳ. 218 ҳисоб карда шудааст.

Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, аз 187,7 то 1131,5 млн. сомонӣ ё 6 баробар афзун шудааст. Дар давраи мавриди таҳлил ҳиссаи маблағгузории давлатӣ дар маблағи умумии маблағгузории давлатии соҳаи маориф аз 17,2 то 17,7 фоиз ё 0,5 фоиз зиёд шудааст.

Ҳамин тавр, ҳиссаи маблағгузории давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ тамоюли болоравиро гирифтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷӯҳи давлат ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ афзуда истодааст ва муассисаҳои ин соҳа кӯшиш доранд, ки фаъолияти худро ба талаботи марҳалаи нави рушди мамлакат мутобиқ созанд ва барои сазовор гаштан ба эъимоти давлат ва аз ин рӯ гирифтани фармоиши давлатӣ қисми зиёди онҳо ба туфайли эҷод кардани имиҷи худ имконоти молиявии худро дар шароити рақобати шадид таъмин мекунанд. Талаботи аҳолӣ, хонаводаҳо ба хидматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ низ тамоюли болоравиро гирифтааст, ки барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ даромади иловагии калон оварда истодааст ва фонди ғайрибуҷетии рушди онҳо мустаҳкам шуда истодааст. Дар соли 2020 хароҷоти хусусӣ барои пардохти таҳсилот тибқи ҳисобкуниҳои гуногун 1,3-1,5 миллиард сомониро ташкил дод.

Дар айни замон қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар минтақаҳо филиалҳо ва намояндагиҳои худро ифтитоҳ кардаанд. Таносуби калони таҳсилоти пулакӣ, талаботи устувор ба барномаҳои таълимии бакалавр (қисман магистратура), ки имрӯзҳо пайдо

шудаанд, ба рушди бозори таҳсилоти олии касбӣ ва рақобати пуршиддати бозори харидорон мусоидат кардаанд. Инчунин барои ин дар ҷумҳурӣ ташкил кардани Маркази миллии тестӣ мусоидат намуд, ки дар асоси натиҷаҳои қабули донишҷӯён ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст. Ин Марказ эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва интихоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян кард. Ва зимнан дар ин ҷо сатҳи имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии алоҳидаи ҷумҳурӣ зоҳир гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта, вақте ки ҷумҳурӣ тадриҷан иқтисодиёти худро вобаста ба муносибатҳои бозорӣ ташкил кард, талабот ба таҳсилоти олӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар давраи гузариши иқтисодиёт талабот ба мутахассисони соҳаи молия, иқтисодиёт, ҳуқуқшиносӣ ва ғайраҳо зиёд шуд. Қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, алалхусус муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пурра истифодакунандаи шакли пулакии таҳсил ба омода намудани мутахассисони мазкур машғул гардиданд. Дар оғози ин амр дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Хуҷанд пешсаф буданд ва пас аз соли 2000-ум муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе ин мақомро соҳиб шудаанд.

Ҳамон тавр, ки дар боло гуфтем, дар ҳоли ҳозир дар шаҳри Душанбе зиёда аз 60%-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва шумораи донишҷӯён мустақар мебошанд. Акнун муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, махсусан дар шаҳри Душанбе бо рақобати шиддатнок мувоҷеҳ гардида, таҷрибаи ғании маркетингии истифодаи стратегияи рақобатии худро соҳиб шудаанд ва чун қоида онҳо ҳамон як шакли барномаҳои таълими мутахассисон, пеш аз ҳама менеҷмент, иқтисодиёт ва ҳуқуқро пешниҳод менамоянд. Аммо пешниҳоди барзиёд дар бозорҳои сарбастаи хидматрасониҳои таҳсилотӣ, алалхусус дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, боиси шаклдигаркунӣ дар сохтори эҳтиёҷоти таҳсилотии аҳолӣ гардид. Дар байни эҳтиёҷоти таҳсилотии аҳолӣ ва талаботи бозори меҳнат

вайроншавии тавозун ба амал омад. Бисёре аз хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба қатори бекорон ё муҳоҷирони меҳнатӣ дохил шуданд.

Ва албатта, ин сарфи воситаҳои молиявии ҷомеа ва коҳиш ёфтани самаранокии таҳсилоти олӣ, таҷдид ва рушди сохтори иҷтимоӣ-касбии ҷомеаи мамлакат мебошанд. Масалан, тибқи маълумоти Раёсати Хадамоти давлати шуғлнокӣ дар шаҳри Душанбе, дар соли 2018 зиёда аз 600 нафар хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, асосан соҳаи гуманитарӣ барои кор муроҷиат кардаанд. Дар шароити шаҳрҳои хурд, масъалаи дастрасӣ ба таҳсил тезутунд гардид ва филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ онро ҳал карданӣ шуда, ба роҳ мондани санҷишҳо дар хона ва ҳатто бо телефон сифати таълимро коҳиш доданд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳоли ҳозир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ташаккули асосҳои иқтисодиёти инноватсионӣ ва зарурати гузариш ба рушди саноатӣ-аграрии мамлакатро гузоштааст. Аммо, мутаассифона, инфрасохтори таҳсилотии ҷумҳурӣ барои дарёфти ин ҳадаф мутобиқат намекунад. Ғайр аз ин, шумораи довталабон кам гардида, барои аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мушкилоте пеш омадааст, ки чунин шумораи зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз буҷети давлатӣ таъмин кардан мувофиқи мақсад нест. Қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таҳсил нархҳои пастро пешниҳод менамоянд ва табиист, ки ин ҳолат сифати таҳсилро коҳиш медиҳад.

Дар ин шароит иҷрои вазифа оид ба омода намудани мутахассисони ҷавон барои иқтисодиёти инноватсионӣ аз эҳтимол дур аст. То имрӯз 80%-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ танҳо иқтисодиёт, идоракунӣ ва ҳуқуқро пешниҳод карда, барномаҳои таълимии ҳамдигарро такрор мекунанд.

Имрӯзҳо вазъият хеле тағйир ёфтааст. Соли 2021 зиёда аз 26%-и ҳамаи донишҷӯёнеро, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таҳсил мекарданд мутахассисони соҳаи иқтисодиёт ташкил медоданд, ҳол он ки ин рақам дар соли 2015 миқдори 28,9% буд.

Тавре ки дида мешавад таносуби онҳо дар давраи мавриди таҳлил тамоюли камшавиро дошта, он 2,9 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳиссаи донишҷӯёни соҳаи саноат соли 2021 дар муқобили 14%-и соли 2015 ҳамагӣ 12,7 %-ро ташкил дода, он ҳам 1,3 фоиз кам гардида буд. Рушди баланд дар донишҷӯёни соҳаҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, маориф, фарҳанг ва ҳунар ба назар мерасид. Ин соҳаҳо зери дастгирии давлат ва маблағгузории давлатӣ қарор доранд, бинобар ин, бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагони ин соҳаҳо нисбатан осон аст, ки он боиси ҳавасмандии довталабон ба ихтисосҳои мазкур мебошад. Бо дарназардошти анъанавӣ будани соҳаҳои кишоварзӣ ва барзиёдии қувваи кори ин соҳа тамоюли нисбатан пасти шумораи донишҷӯён ба ин соҳаҳо мушоҳида гардида, он дар давраи таҳлилшаванда 9,1% зиёд шудааст (ба ҷадвали 2.9. нигаред).

**Ҷадвали 2.9. - Шумораи донишҷӯён тибқи ихтисосҳои соҳавӣ додани муассисаҳои таълимӣ**

| **Ихтисосҳо** | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С. 2021 ба 2015 дар % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 135,7 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| саноат ва нақлиёт | 24,9 | 25,2 | 26,3 | 29,2 | 27,7 | 33,7 | 30,5 | 139,2 |
| кишоварзӣ | 10,6 | 11,1 | 12,6 | 15,5 | 10,0 | 11,3 | 11,6 | 109,4 |
| иқтисодиёт | 51,1 | 53,6 | 55,4 | 58,4 | 59,6 | 66,5 | 62,4 | 122,1 |
| тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш | 15,9 | 17,1 | 19,0 | 19,2 | 20,9 | 23,8 | 23,8 | 149,7 |
| маориф | 67,7 | 72,6 | 74,4 | 78,9 | 102,3 | 101,0 | 102,0 | 150,6 |
| фарҳанг ва санъат | 3,3 | 3,8 | 4,0 | 4,4 | 4,7 | 5,2 | 4,9 | 148,4 |
| дигарон | 3,1 | 3,5 | 3,8 | 4,2 | 4,4 | 4,5 | 4,4 | 141,9 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, с.57

Таҳлили бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ нишон медиҳад, ки имрӯзҳо талаботи дар самти техникӣ омода намудани мутахассисони соҳиби таҳсилоти олӣ ҳанӯз аз ихтисосҳои гуманитарӣ ақиб мемонад. Масалан, соли 2021 талабот ба ихтисоси физика ва математика 1,5-2 нафар

дар як ҷой буда, ба иқтисодиёт ва идоракунӣ 5 нафар дар як ҷой рост меомад. Бозори таҳсилоти олии касбӣ тибқи сенарияи афзоиши бесобиқаи талабот ба барномаҳои таълимии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гуманитарӣ ба рушд кардан шуруъ намуд. Дар натиҷаи ин афзоиши пешгузарандаи шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии техникӣ мушоҳида мегардад.

Бо дарназардошти ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, ки «вобаста ба ин пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин барои тавсиаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» эълон карда шаванд. Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо ва дигар вазоратҳою идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд вазифадор карда мешаванд, ки нақшаи чорабиниҳоро доир ба ин масъала дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд».[38]

Бояд қайд кард, ки айни замон муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки мутлақо дар асоси шартнома фаъолият мекунанд, фаъолтар гардида, барои баланд бардоштани рақобатпазирии худ технологияҳои нави таҳсилотӣ ва низоми иттилоотиро истифода намуда, пояҳои бозории худро тибқи шиори «ихтисос бо нархи паст» ба роҳ мондаанд. Баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои фаъолият намудан технологияи нусхабардорӣ кардани фаъолиятро ба таври васеъ мавриди истифода қарор додаанд. Онҳо ҳамчун категорияи алоҳидаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ояндаро пешбинӣ карда наметавонанд, чунки ҳадафҳои воқеии онҳо тамоман дигар аст, яъне пайгирии мақсаднок барои ҳаҷми фурӯш – аз рӯйи

[38] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ:http://www.president.tj/ru/node/21977., кушода (санаи муроҷиат 23.09.2023)

шумораи донишҷӯёни шартномавӣ (пулакӣ), ҷустуҷӯйи усулҳои бо ҳар роҳ нигоҳ доштани шумораи донишҷӯён, ки дар навбати худ боиси коҳиш ёфтани талабот ва назорати донишҳо мегарданд.

Дар ин ҷо воситаҳои зиёди пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотии худ ба бозори истеъмолот истифода мешаванд. Аслан низоми таҳсилоти пулакӣ дар худ системаи фаъолияти соҳибкориро бо тамоми таваккалҳо ва буҳронҳои хоси он таҷассум менамояд.

Вақте ки муассисаҳои таҳисилоти олии касбӣ аз буҷет маблағгузорӣ мешаванд, ҳолати онҳо самти тамоман дигарро мегирад. Ҳангоми мавҷуд будани воситаи буҷетии кафолатнок барои пардохти музди меҳнати ҳайати профессорону омӯзгорон, нигоҳдории хобгоҳҳо, китобхонаҳо, дастгирии молиявии заминаи моддӣ-техникии таҳсилот, илм ва ғайраҳо шакли зоҳиршавии аҳаммиятнокии иҷтимоии хидматрасониҳои таҳсилотӣ пурзӯр мегардад.

Умуман рақобати байни маблағгузории низоми пулакӣ ва низоми буҷетӣ дар назди худ ҳеҷ гуна асоси ҷиддие надоранд, ки мо дар бораи дурнамои рушди онҳо сухан ронем. Масалан, дар масъалаи омода намудани мутахассисони ҷавон, алалхусус кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ бидуни рақобат рушд мекунанд. Кори асосӣ аз он иборат аст, ки раванди баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун омили ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолият оғоз намуд, чунки сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун неъмати дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама дар натиҷаи аз тарафи давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ баҳогузорӣ шудани сатҳи мутобиқати дониш, кордонӣ ва малакаи мутахассисон ба талаботи бозори меҳнат, ки онҳо метавонанд дар оянда ҷойи намоёнро ишғол кунанд, муайян карда мешавад.

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки сифат на тибқи баҳоҳои дохилии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (масалан, аз рӯйи ҷамъбасти имтиҳонҳо), балки дар асоси баҳоҳои берунӣ – маҳсулнокӣ ё самаранокии меҳнат, зина ба зина аз рӯйи мансаб боло рафтани хатмкунандаҳо,

дархостшавандагии онҳо дар бозори меҳнат ва инчунин қаноатмандии мутахассисони ҷавон аз натиҷаҳои таҳсил муайян карда мешавад. Ин қисматҳо ҳангоми ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асос ҳисоб мешаванд.

## 2.2. Арзёбии заминаҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 «дурнамои рушди дарозмуҳлати низоми маорифи ҷумҳурӣ бояд дар принсипҳо ва талаботҳои асосии зер асос ёбанд: сифат ва миқёси таҳсилоти касбӣ бояд рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин намояд; байни низоми маориф ва бозори меҳнат бояд алоқаи зич бошад, ки мувозинаи пешниҳоди мутахассисони дараҷаҳои мухталифро аз рӯи талаботи бозори меҳнат таъмин кунад; бунёди иқтидори инноватсионӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд ва г.”[39] Аз ин присипҳо бармеояд, ки дар замони муосир соҳаи мароиф, бахусус соҳаи таҳсилоти касбии сатҳи олӣ бояд ба яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ миллӣ табдил ёбад ва дар низоми иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ҷойгоҳи устувор дошта бошад.

Тавре ки дар параграфи қаблӣ қайд намудем, ҳангоми тамоюли умумии коҳишёбии нисбии маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ афзоиши ҳаҷми ин соҳа, пеш аз ҳама тавассути рушди фаъоли хидматрасониҳои пулакӣ таъмин карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки зиёда аз 60%-и сарчашмаҳои захираҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби фурӯши озоди маҳсулот/хидматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул меёбад.

---

[39] Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030. – Душанбе, 2016. – С. 52.

Ҳамин тавр, бозори хидматрасониҳои таҳсилотии тараққикунанда боиси рушди рақобат дар байни агентҳои асосии ин бозор - муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардид. Дар натиҷаи кори механизмҳои бозорӣ майлу хоҳиши муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои дарёфти мавқеъ дар бозор, баланд бардоштани сифати барномаҳо ва маҳсулоти таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан ҳаҷми талабот ба маҳсулоти таҳсилотӣ ва рафтори рақибон фаъол гардиданд.

Дар айни замон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ шиддат гирифтани муборизаи рақобатӣ ва зарурати дар асоси принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ ташкил кардани фаъолияти худро хуб дарк кардаанд. Алалхусус, афзуншавии талаботи истеъмолкунандагони хидматрасониҳо нисбат ба худи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳбарони муассисаҳоро маҷбур месозад воситаҳоеро мавриди истифода қарор диҳанд, ки барои ҷалби диққати истеъмолкунандагон мусоидат намоянд.

Барои арзёбии ҳолат ва имиҷи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори хидматрасониҳои таҳсилоти оли сатҳи консентратсияи ин бозор индекси Херфиндал — Хиршманро (IHH) истифода мебарем:

$$I_{HH} = S_1^2 + S_2^2 + S_3^2 + \cdots + S_п^2$$

ин ҷо:

**I**$_{HH}$- индекси Херфиндал — Хиршман;

**S**$_1$ — ҳиссаи аз ҳама баландатарини муассисаҳо;

**S**$_2$ — ҳиссаи муассисаи дигар,

**S**$_n$- ҳиссаи муассисаи аз ҳама пастарин.

Барои ҳисоб кардани ин индекс ҳиссаи донишҷуёни ҳар як муассисаро дар шумораи умумии донишчуён дар мамлакат муаяйн менамоем. Ҳар қадаре, ки ин нишондиҳанда баланд аст, ҳамон қадар вазъи монополӣ ва эътибори муассисаҳо баланд мебошад. Бозори монополияш баланд ҳамон бозорест, ки дар он индекси Херфиндал — Хиршман аз 1800 баланд мебошад. Азбаски муассисаҳои таҳсилоти таърихан ташаккулёфтаву миёни мардуми мамлакат маълум ва соҳибимиҷ

аслан дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе воқеъ аст, мо барои таҳлилу арзёбии бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва ташаккули имиҷи онҳо муассисаи таҳсилоти олии пойтахтро, ки миёни ҷомеаи мамлакат маъмултарин мебошад, интихоб намудем.

**Ҷадвали 2.10. - Сатҳи консентратсия бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ш. Душанбе дар соли таҳсили 2019-2020 ва 2022-2023**

| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | *2019- 2020* | | | *2022- 2023* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи донишҷӯён | S | $S^2$ | Шумораи донишҷӯён | S | $S^2$ |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 23422 | 17,9 | 320,41 | 22709 | 18,9 | 358,1 |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ | 9979 | 7,6 | 58,1 | 9345 | 7,7 | 59,7 |
| Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | 10291 | 8,9 | 62,3 | 10695 | 8,9 | 79,5 |
| Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 5696 | 4,3 | 18,5 | 4145 | 3,4 | 11,6 |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур | 10058 | 7,9 | 62,41 | 8948 | 7,4 | 54,9 |
| Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 5357 | 3,10 | 16,8 | 3564 | 2,9 | 8,5 |
| Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон | 3937 | 3,0 | 9,0 | 4118 | 3,4 | 11,6 |
| Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 20521 | 15,9 | 252,8 | 17441 | 14,5 | 210,6 |
| Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон | 6919 | 5,3 | 28,1 | 6984 | 5,75 | 33,1 |
| Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайъмумин Раҳимов | 6751 | 5,17 | 26,7 | 3685 | 3,1 | 9,6 |
| Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | 2303 | 1,76 | 3,1 | 1667 | 1,33 | 1,7 |
| Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов | 390 | 0,29 | 0,08 | 382 | 0,32 | 0,10 |
| Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | 5068 | 3,8 | 14,7 | 5280 | 4,42 | 19,5 |

**Идомаи ҷадвали 2.10.**

| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | *2019- 2020* | | | *2022- 2023* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи донишҷӯён | S | $S^2$ | Шумораи донишҷӯён | S | $S^2$ |
| Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам | 978 | 0,75 | 0,56 | 773 | 0,64 | 0,41 |
| Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | 514 | 0,39 | 0,15 | 492 | 0,41 | 0,17 |
| Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологии «МИСиС» дар шаҳри Душанбе | 970 | 0,74 | 0,54 | 724 | 0,60 | 0,36 |
| Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 8664 | 6,6 | 43,8 | 9326 | 7,7 | 59,7 |
| Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон | 1498 | 1,15 | 1,31 | 1522 | 1,25 | 1,56 |
| Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2171 | 1,66 | 2,75 | 3225 | 2,7 | 7,2 |
| Филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе | 550 | 0,42 | 0,17 | 427 | 0,35 | 0,12 |
| Хадамоти амният ва кори ҳарбӣ | 4399 | 3,37 | 11,37 | 4383 | 3,7 | 13,6 |
| Ҷамъ | 130381 | 100,0 | 933,65 | 119835 | 100,0 | 941,62 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020, с 76-79, 86; Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023, саҳ. 132-133

Чи тавре, ки маълумоти ҷадвали ҷадвали 2.10. нишон медиҳад дар бозори хидматрасониҳои таҳсилоти олии пойтахт монополия вуҷуд надорад, зеро индекси Херфиндал _ Хиршман соли 2022 941,62-ро ташкил додааст, ки аз меъёри монопол (1800) қариб 2 баробар паст мебошад. Аммо дар донишгоҳои бузурги мамлакат ҳиссаи донишҷуён дар шумораи умумии донишҷуён баландтар мебошад. Масалан, ин нишондиҳанда дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 18,9 %. Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ- 14,5 %, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба

номи академик Муҳаммад Осимӣ - 7,7 % ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино – 8,9 % - ро ташкил додааст. Дар умум дар ин донишгоҳҳои таърихӣ ва дорои имиҷ қариб 50%-и донишҷуёни пойтахт таҳсил менамоянд. Бинобар он, ҳар гуна навӣ, ҳодисоти инноватсионӣ ва мукаммалгардии технологияи таҳсилот дар ин донишгоҳҳо тарҳи тағйироти сифатии соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат, дигар муассисаҳои таҳсилоти олиро муаяйн менамояд ва умуман қонунмандии рушди бозори таҳсилоти олии касбии мамлакатро тавсиф медиҳад.

Дар мавриди андешидани тадбирҳо доир ба баланд намудани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои онҳо зарур аст, ки сегменти бозори таҳсилоти олии касбиро, ки талаботи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва бозори меҳнат муаяйн намудааст, мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Чунон ки рақамҳои ҷадвали 2.9 - и праграфи қаблӣ нишон медиҳад дар шаш соли охир, яъне дар давраи солҳои 2015-2021 шумораи умумии донишҷӯён 30,1% зиёд шудааст. Ин афзоиш аз ҳисоби зиёдшавии донишҷӯёни соҳаҳои хидматрасонӣ афзудааст. Масалан, дар ин давраи таҳлилӣ шумораи донишҷӯёни соҳаи маориф- 51,1, хадамоти амният ва кори ҳарбӣ 43,8%, фарҳанг ва санъат – 32%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш – 31,1% афзудааст. Ба андешаи мо сабаби афзоиши нисбатан баланд дар ин соҳаҳо дар он аст, ки хатмкунандагони онҳо пас аз хатми он метавонанд ҷои кор ёбанд, зеро, ин соҳаҳои бахши иҷтимоӣ ба бахши давлатии иқтисодиёт мансуб буда, рушди онҳо аслан ба маблағгузории буҷети давлатӣ сурат гирифта истодааст ва бинобар он, афзоиши шумораи мшғулин низ мушоҳида мешавад. Афзоиши шумораи донишҷуёни соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт нисбатан паст мебошад. Масалан, шумораи донишҷӯёни саноат ва нақлиёт – 11,5 %, иқтисодиёт – 16,8 %. Дар соҳаи кишоварзӣ шумораи донишҷӯён 5,5 % паст шудааст.

Чунон, ки дар боло қайд намудем, тамоюли хидматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва шумораи донишҷуёнро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ тамоюл ва сохтори шуғлнокӣ муайян менамояд.

**Ҷадвали 2.11. - Динамикаи шуғлнокии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | С.2021 ба 2015,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт | 2379,7 | 2385,3 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 | 2533,5 | 106,4 |
| Аз он ҷумла | | | | | | | | |
| Кишоварзӣ | 1704,0 | 1694,8 | 1685,3 | 1698,9 | 1507,3 | 1525,6 | 1535,3 | -9,9 |
| Саноат | 72,6 | 70,9 | 99,3 | 14,1 | 96,7 | 96,7 | 101,9 | 140,3 |
| Сохтмон | 66,5 | 67,1 | 101,6 | 101,4 | 100,8 | 101,9 | 98,3 | 147,8 |
| Нақлиёт | 56,8 | 56,0 | 43,6 | 62,1 | 61,3 | 61,3 | 58,6 | 103,1 |
| Маориф | 209,3 | 220,5 | 231,5 | 235,0 | 242,1 | 247,1 | 256,0 | 122,3 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 98,3 | 104,7 | 114,3 | 114,9 | 115,4 | 116,7 | 120,9 | 122,9 |
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 36,3 | 36,5 | 44,8 | 47,3 | 44,5 | 45,1 | 50,5 | 139,1 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, с. 88-89

Маълумоти ҷадвали 2.11. шаҳодат медиҳад, ки дар панҷ соли охир шумораи машғулин дар саноат 40,3% зиёд шудааст, ки коэффитсиенти пешрафт ва ё сатҳи суръати афзоиши он нисбат ба сатҳи суръати афзоиши шумораи донишҷӯёни ҳамин соҳа ба 1,25 (140,3/111,5) баробар мебошад. Яъне, ин тамоюл метавонад минбаъд шумораи донишҷӯёни соҳаҳои саноатро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёд намояд. Шумораи машғулин дар соҳаи нақлиёт дар ин давраи таҳлилӣ 7.9% зиёд шудааст. Аммо дар соҳаи кишоварзӣ, бинобар он паст будани музди меҳнати кормандони ин соҳа, шумораи машғулин 10,5% кам шудааст. Ин тамоюли мусбат аст, зеро пайваста бо рушди индустриалии соҳаҳои кишоварзии мамлакат бояд интиқоли захираҳои меҳнатӣ ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт сурат гирад. Дар давраи панҷ соли охир шумораи машғулини соҳаи маориф, тандурустӣ ва хидматҳои иҷтимоӣ 22% зиёд шудааст. Шумораи машғулин дар бахши давлатӣ - мақомоти давлатӣ ва мудофиа; суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ 39% зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, алоқамандии миёни бозори хидматрсониҳои таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат аён аст ва

тамоюли бозори меҳнат тарҳи бозори хидматрасониҳои таҳсилотиро муаяйн менамояд. Бинобар он дар муҳити рақобатии бозори хидматрасониҳои таҳсилоти касбӣ зарурати баланд бардоштани дороиҳои ғайримоддӣ – имиҷи муассисаҳои таҳсилоти оли касбӣ, ки ба интихоби истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати интихоби донишгоҳҳо таъсир мерасонад, ба миён меояд.

Аҳаммияти ин масаъла дар он аст, ки дар бозори хидматрасониҳо суръати афзоиш ва ҳиссаи хидмарасониҳои маориф сол аз сол афзуда истодааст. Тибқи маълумоти ҷадвали 2.12. ва расми 2.4. дар давраи солҳои 2010-2021 ҳаҷми хидматрасонии пулакӣ дар соҳаи маориф аз 512 то 2125,2 млн сомонӣ расидааст, яъне дар ин давра беш аз 4 баробар афзудааст. Ин афзоиш аслан аз ҳисоби хидматрасониҳои муассисаҳои давлатӣ сурат гирифтааст: ҳаҷми хидматрасониҳои соҳаи марориф, ки ба моликияти давлатӣ асос ёфтааст, 5,7 баробар зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.12. - Динамикаи ҳаҷми хидматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ аз рӯи шаклҳои моликият, млн. сомонӣ**

| Солҳо | Хидматрасонии пулакӣ, ҳамагӣ | Аз он ҷумла дар соҳаи маориф | аз онҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | моликияти давлатӣ | моликияти ғайридавлатӣ |
| 2010 | 5374,5 | 512,0 | 204,3 | 307,7 |
| 2011 | 6773,2 | 602,6 | 261,4 | 341,2 |
| 2012 | 8661,6 | 732,5 | 329,4 | 403,1 |
| 2013 | 9558,5 | 829,2 | 378,1 | 451,1 |
| 2014 | 10099,9 | 903,4 | 419,8 | 483,6 |
| 2015 | 9615,8 | 990,2 | 481,8 | 508,4 |
| 2016 | 10033,7 | 1173,8 | 633,4 | 540,4 |
| 2017 | 10884,0 | 1354,8 | 775,7 | 579,1 |
| 2018 | 12130,8 | 1576,5 | 878,6 | 697,9 |
| 2019 | 12983,6 | 1761,1 | 1035,4 | 725,7 |
| 2020 | 13205,2 | 1841,1 | 1100,2 | 740,9 |
| 2021 | 15165,3 | 2125,2 | 1181,5 | 943,7 |
| С. 2021 ба 2010 дар % | 284,9 | 415,1 | 578,3 | 306,6 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, с.374

Хидматрасониҳои бахши моликияти хусусӣ дар ин давраи таҳлилӣ 3 баробар зиёд шудааст. Бояд қайд намуд, ҳиссаи бештари хидматрасониҳои соҳаи маорифро бахши хидматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил

менамояд. Аз тарафи дигар, афзудани ҳаҷми тамоми хидматрасониҳои пулакӣ, ки дар умум аз 5374,5 то 15165,3 млн. сомонӣ ва ё 2,8 баробар афзудааст, талаботи мувоффиқи самаранокро дар бозори хидматрасониҳои таҳсилоти касби эҷод намуда тарҳи фаъолияи муассисаҳои таҳсилоти касбиро дар тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои хидматрасониҳои иқтисодиёт муаяйн менамояд.




**Расми 2.4 - Динамикаи ҳаҷми хидматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (млн. сомонӣ)**

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, с.374

Тағйироти қатъии макромуҳит ва бозори хидматрасониҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар он муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд, боиси азнавсозии рафтори иқтисодии онҳо гашта истодааст ва роҳбарияти онҳо маҷбур шуданд, ки манбаъҳои дигари тиҷоратиро ҷустуҷӯ намоянд. Ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва идоракунии он ба ҳайси захираи муҳимми мавқеъёбии самаранок дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ амал мекунад.

Ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии бо сатҳу сифати ҳайати профессорон-омӯзгорони, ки маҳз аз фаъолияти онҳо сифати таҳияи барномаҳои таълимӣ, пешниҳоди хидматрасониҳои

таҳсилотӣ ва ниҳояти кор тайёр намудану хатми мутахассисони соҳибкасб алоқамандӣ дорад.

**Ҷадвали 2.13. - Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2015/16 | 2016/17 | 2017/18 | 2018/19 | 2019/20 | 2020/2 | 2021/22 | 2022/23 | 2022/23 бар 2015/16. % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 8707 | 8857 | 8724 | 9061 | 9417 | 9406 | 9890 | 10048 | 115,4 |
| ғайр аз ин, кормандони ҳамкор | 1902 | 2224 | 2082 | 2391 | 2798 | 2615 | 2592 | 2641 | 138,8 |
| аз он ҷумла | | | | | | | | | |
| номзади илм | 2251 | 2847 | 2261 | 2409 | 2487 | 2505 | 2710 | 2958 | 131,4 |
| доктори илм | 547 | 663 | 645 | 627 | 504 | 650 | 705 | 765 | 139,8 |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с.212

Тибқи маълумоти ҷадвали 2.13. дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат соли хониши 2022/23 10048 нафар омӯзгори ихтисосҳои гуногун фаъолият доштанд, ки нисбат ба соли хониши 2015/16, 15,4% ва ё 1341 нафар зиёд шудаанд. Шумораи кормандони ҳамкор ва ё дуҷоякор низ дар ин давраи таҳлилӣ 38,8% ва ё 739 нафар зиёд шудааст, ки ин оид ба норасии кадрҳои худи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шаҳодат медиҳад. Дар давраи таҳлилӣ шумораи номзадҳои илм 707 нафар в ё 31,4%, шумораи доктори илм 218 нафар ва ё 39,8% зиёд шудааст. Дар айни замон, яъне, соли хониши 2022/23 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат 765 доктори илм ва 2958 номзади илм фаъолият менамоянд ва онҳо миёни донишгоҳҳо нобаробар тақсим шудаанд.

Барои тасдиқи аҳаммияти ин омил, яъне иқтидори зеҳнӣ дар ташаккулу рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, чунон ки дар боло қайд намудем, мо муассисаҳои асосии таҳсилоти касбии пойтахт - ш. Душанберо ба ҳайси интихоби генералӣ қабул намудем. Аз ҷадвали 2.2.5. бармеояд, ки айни замон дар муассисаҳои асосии таҳсилоти олии касбии ш. Душанбе, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, шумораи омӯзгорони дорои унвони илмӣ (номзад ва докторони илм) ба ҳисоби миёна 33,1%-ро ташкил додааст. Аз рӯи ин нишондиҳанда дар миёни муассисаҳои

таҳсилоти олии касбии пойтахт Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷои аввалро ишғол менамояд: шумораи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дар шумораи умумӣ, ки 1314 нафар мебошад, 48.3 %-ро ташкил додааст, ки ба 635 нафар рост меояд. Ҷои дуюмро филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, ки шумораи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дошта 47,5%-ро ташкил додааст. Ҷои сеюм ба Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон рост меояд, ки нишондиҳандаи таҳқиқшаванда 39,5%-ро ташкил додааст. Дар ҷои чорум Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (33,9%) ва дар ҷои панҷум Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (32,4%) қарор гирифтаанд. Боқи дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шумораи омӯзгорони дорои унвони илмӣ аз 30% поин мебошад, ки ба талаботи стандарти муассисаҳои олӣ чандон рост намеояд.

**Ҷадвали 2.14. - Ҳиссаи омӯзгорони соҳиби унвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон дар соли таҳсили 2021/2022**

| Муассисаҳо | Ҳамаи омӯзгорон | Аз он ҷумла | | Ҷойгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | омӯзгорони дорои унвони илмӣ, нафар | дар % | |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 1314 | 635 | 48,3 | 1 |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ | 592 | 177 | 29,9 | 7 |
| Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 307 | 91 | 29,6 | 8 |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 423 | 137 | 32,4 | 5 |
| Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 307 | 90 | 29,3 | 9 |
| Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон | 216 | 69 | 31,9 | 6 |
| Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 956 | 212 | 22,2 | 10 |
| Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон | 432 | 171 | 39,5 | 3 |
| Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | 927 | 314 | 33,9 | 4 |
| Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шахри Душанбе | 61 | 29 | 47,5 | 2 |

**Идомаи ҷадвали 2.14.**

| Муассисаҳо | Ҳамаи омӯзгорон | Аз он ҷумла | | Ҷойгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | омӯзгорон и дорои унвони илмӣ, нафар | дар % | |
| Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 502 | 101 | 20,1 | 11 |
| Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 203 | 38 | 18,7 | 12 |
| Ҷамъ | 6240 | 2064 | 33,1 | |

**Сарчашма:** Омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 с. 210-213.

Аммо агар мо мушаххастар ба шумораи докторони ва номзадҳои илм дар алоҳидагӣ назар намоем, мавқеи донишгоҳҳо ранги дигар мегирад. Чӣ тавре ки маълумоти ҷадвали 2.15. нишон медиҳад, шумораи бештари докторони илм, яъне 141 нафар дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият доранд. Яъне, дар Донишгоҳи милли Тоҷикистон беш аз 33% докторони илми муассисаҳои таҳқиқшавандаи пойтахт (12 адад) кору фаъолият менамоянд.

**Ҷадвали 2.15. - Шумораи омӯзгорони соҳиби унвони илмии муассисаҳои асосии таҳсилоти олии касбии ш. Душанбе дар соли таҳсили 2021/2022**

| Муассисаҳои таълимӣ | Док-торони илм | Шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 д. и рост меояд | Ном-задо-ни илм | Шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 н.и рост | Шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори соҳибунвон рост меояд | Ҷогоҳи онҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 141 | 166 | 494 | 47,4 | 36,8 | 3 |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ | 16 | 623 | 161 | 61,9 | 56,3 | 5 |
| Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 21 | 271,2 | 70 | 81,3 | 62,6 | 8 |

**Идомаи ҷадвали 2.15.**

| Муассисаҳои таълимӣ | Докторони илм | Шумораи донишҷӯён е, ки ба 1 д. и рост меояд | Номзадони илм | Шумораи донишҷӯён е, ки ба 1 н.и рост | Шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори соҳибунвон рост меояд | Ҷогоҳи онҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 38 | 264,7 | 99 | 101,5 | 73,4 | 10 |
| Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 16 | 334 | 74 | 72,3 | 71,4 | 9 |
| Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон | 10 | 393 | 59 | 66,7 | 57,0 | 6 |
| Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 60 | 342 | 152 | 135 | 96,7 | 12 |
| Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон | 60 | 115,3 | 111 | 62,3 | 40,4 | 4 |
| Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | 84 | 122,5 | 230 | 44,7 | 32,7 | 2 |
| Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | 13 | 39,5 | 16 | 32,1 | 17,7 | 1 |
| Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 17 | 509,6 | 84 | 103,1 | 84 | 11 |
| Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23 | 94,4 | 15 | 144,7 | 57,1 | 7 |
| Ҷамъ | 424 | 272,9 | 1565 | 953 | 79,4 | - |

**Сарчашма:** Ҳисоб карда шуд аз рӯи: Омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 с. 210-213

Дуюмин донишгоҳе, ки нисбат ба дигар донишгоҳои интихобшуда докторони илмаш бештар аст (84 нафар), Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино мебошад. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар ҷои сеюм қарор доранд: дар ин донишгоҳҳо

мувофиқан 80 нафар доктори илм бо мактабҳои илмии худ фаъолият мекунанд. Ин меъёр – афзудани ҳиссаи доктори илм дар шумораи омӯзгорони аз он шаҳодат медиҳад, ки дар донишгоҳҳо пайваста бо густариши раванди илмию татқиқотӣ хидматрасониҳои илмӣ афзуда, таъсири мустақими худро ба болоравии сифати таҳияи барномаҳои таълими ва пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотӣ, ки заминаи асосии имиҷи хидматрамониҳои таҳсилотиӣ мебошад, мерсонанд.

Зимнан бояд таъкид намуд, ки новобоста ба сатҳи музди меҳнат, консентратсияи докторони илмро дар ин донишгоҳои номбаршуда имиҷи таърихан пайднамудаи онҳо муаяйн намудааст. Дар мавриди сӯҳбат аксари докторони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва  Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ифтихор аз бузургӣ ва шухрати таърихии ин донишгоҳҳо ва мактабҳои илмии онҳо  ёдовар мешаванд.  Донишгоҳи  аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ низ шуҳрати имиҷи таърихан ташаккулёфта доранд. Аммо, дар ин донишгоҳҳо вобаста ба солҳои тӯлони кор накардани шуроҳои диссертасионӣ ва нисбатан мушкил будани мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ  шумораи докторон кам шудааст ва минбаъд пайваста бо фаъолияти шурои диссертасинии назди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи докторон зиёд  хоҳад шуд.

Нақши номзадҳои илм ҳамчун ҷузъи пешбари ҳайати омӯзгорон дар ташкили хидматрасониҳои таҳсилот ва баланд бардоштани сифати онҳо хеле бузург мебошад. Чунон ки аз маълумоти ҷадвали 2.15. бармеояд 31% номзадҳои илми муассисаҳои таҳқиқшаванда ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 14,6% дар  Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино !0%- ва 10% ба  Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осими рост меояд.

Ба андешаи мо, муҳимтарин нишондиҳанда ва меъёри нисбӣ, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хеле шафофу дақиқ муайян

менамояд шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ рост меояд, мебошад. Тибқи ин нишондиҳандаи нисбӣ Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе таъсисгари он, яке аз донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон аст, ҷои аввалро миёни муассисаҳои таҳқиқшавандаи пойтахт ишғол намудааст. Дар ин муассиса ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ 17,7 нафар донишҷуй рост омадааст, ки ин меъёри ба меъёри донишгоҳҳои машҳури ҷаҳон мувофиқ аст. Дар ҷойи дуюм Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино қарор дорад, ки ин нишондиҳанда 32,7 донишҷӯйро ташкил додааст. Дар ҷойи сеюм Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (36,8) ва дар ҷои чорум Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон (40,4) қарор гирифтааст.

Бо истифода аз методи фосила муассисаҳои таҳсилоти олии пойтахтро аз рӯи нишондиҳандаи ҳиссаи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон ва шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ рост меояд, масофаи ишғоли онҳоро нисбат ба нишондиҳандаи максималӣ ҳисоб менамоем. Нишондиҳандаи максималии ҳиссаи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгоронро 48,3% (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ва шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори соҳибунвон 17,7 нафарро (Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе) қабул намудем. Аз маълумоти ҷадвали 2.15. бармеояд, ки дар қимати ҳар ду нишондиҳанда Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе баландтарин мебошад: фосилаи ҳиссаи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон нисбат ба қимати максимали ба 0,98, яъне қариб ба қимати максималӣ баробар аст ва фосилаи шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ рост меояд ба 1 баробар аст, аз ин ҷост, ки индекси интегралӣ аз ҳама баландарин миёни дигар муассисаҳои қиёсшаванд мебошад.

**Ҷадвали 2.16. - Қимати фосилаи омӯзгорони соҳиби унвони илмӣ ва шумораи донишҷуён ба ҳар омӯзгори соҳибуновон нисбат ба қиммати максималӣ**

| Муассисаҳои таълимӣ | Қимати фосилаи ҳиссаи омӯзгорони дорои уновони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон | Қимати фосилаи шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ рост меояд | Индекси интегралӣ (ҷамъи сутуни 2 ва 3) | Ҷойгоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | 1,0 | 0,48 | 1,48 | 2 |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ | 0,62 | 0,31 | 0,93 | 5 |
| Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | 0,61 | 0,29 | 0,90 | 7 |
| Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | 0,67 | 0,24 | 0,91 | 6 |
| Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон | 0,60 | 0,25 | 0,85 | 7 |
| Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон | 0,66 | 0,31 | 0,97 | 4 |
| Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | 0,46 | 0,18 | 0,64 | 9 |
| Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон | 0,81 | 0,43 | 1,24 | 3 |
| Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | 0,70 | 0,54 | 1,24 | 3 |
| Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | 0,98 | 1,0 | 1,98 | 1 |
| Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон | 0,41 | 0,21 | 0,62 | 10 |
| Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,38 | 0,31 | 0,69 | 8 |
| Ҷамъ | 0,68 | 0,22 | 0,9 | - |

**Сарчашма:** Ҳисоб кард шуд аз рӯи рақамҳои ҷадвалҳои 2.14. - 2.15.

**Эзоҳ:** Қимати максимали аз рӯи Ҳиссаи мӯзгорони соҳибунвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон – 48,3%;, аз рӯи шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори соҳибунвон рост меояд – 17,7 нафар

Дар ҷойи дуюм Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қарор дорад: қимати фосилаи ҳиссаи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон ба 1 ва қимати фосилаи шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ рост меояд, 0,48, индекси умумӣ ба 1,48 баробар

мебшад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ҷои сеюмро ишғол намудаанд: индекси интегралии нишондиҳандаҳо дар ҳар дуи онҳо 1,24 баробар мебошад. Индекси интегралии дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии таҳқиқшаванда аз 1 поин аст. Ҳамин тариқ аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахт, ба меъёр ва ё сатҳи зарурии ҳиссаи омӯзгорони дорои унвони илмӣ дар шумораи умумии омӯзгорон ва шумораи донишҷӯёне, ки ба 1 омӯзгори дорои унвони илмӣ рост меояд, ноил нашудаанд. Ин ҳолат албатта ба ташаккули имиҷи онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Заминаҳои асосии истеҳсолу пешниҳоди хидматрасониҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро индустрияи онҳо, асосҳои моддию теҳникии онҳо муайян менамояд. Чӣ тавре ки рақамҳои ҷадвали 2.17. нишон медиҳад, дар миёни донишгоҳҳое, ки дар рафти таҳлили қиёсӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти касбии пойтахт чун коргонаи беҳтарин ҷудо шудаанд, бо заминаҳои моддию техникии нисбатан хуб таъмин мебошанд. Масалан, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ки дорои 52 бинои таълимӣ ва 909 синфхона мебошад, бо ин нишондиҳанда аз дигар донишгоҳҳо хеле баланд аст. Аз рӯи нишондиҳандаи миқдори синфхонаҳо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 680 адад, хобгоҳ 8 адад, миқдори компютерҳо, миқдори пайвасти онҳо бо интернет 800 адад, бунгоҳи тиббӣ 2 адад, китобхона 9 адад ва толори варзиш 5 ададро ташкил додааст ва миёни дигар донишгоҳҳои қиёсшаванда баландтарин мебошад.

**Ҷадвали 2.17. - Сатҳи таъминоти модию теҳникии донишгоҳҳои маъруфи пойтахт**

| | **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** | **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ** | **Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон** | **Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино** |
|---|---|---|---|---|
| Бинои таълимӣ | 20 | 10 | 7 | 52 |
| Миқдори синфхонаҳо | 680 | 247 | 133 | 909 |

Идомаи ҷадвали 2.17.

| | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ | Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино |
|---|---|---|---|---|
| Лаборатория | 114 | - | 7 | 58 |
| Илмӣ-методи ва технопарк | 104 | 5 | 1 | 5 |
| Хобгоҳ | 8 | 8 | 3 | 7 |
| Бунгоҳи тиббӣ | 2 | 2 | 1 | - |
| Китобхона | 9 | 3 | 2 | 2 |
| Толори варзиш | 5 | 2 | 1 | 3 |
| Шумораи компютерҳо | 2520 | 1430 | 653 | 1100 |
| аз он ҷумла бо интернет пайваст | 1031 | 800 | 240 | 300 |
| Синфхонаҳои компютер | 52 | 18 | 22 | 8 |

**Манбаъ:** Омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 с. 204-206

Бо ин нишондиҳандаҳо Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ дар ҷои дуюм ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ҷойи сеюмро ишғол намудааст. Ба назари мо, дар замони муосир, ки рушди технологияи иттилоотию иқтисодиёти рақамӣ бесобиқа рушд ёфта истодаанд, таъминоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо технолгияҳои иттилоотӣ ва лабараторияву синфхонаҳои муосир муҳимтарин самти инкишоф ва ташаккули имиҷи муассисаҳо мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба 100 нафар донишҷӯй 10,7 компютер ва миқдори бо интернет пайвасти онҳо 4,4 ададро ташкил додааст. Дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ин нишондиҳандаҳо нисбат ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баланд мебошад. Дар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон миқдори компютерҳо ба 100 нафар донишҷӯй 9,43 ва ва миқдори бо интернети пайвасти онҳо 3,47 ададро ташкил додааст. Ин нишондиҳандаҳо дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино нисбат ба дигар донишгоҳҳои муқоисашаванда поинтар мебошад. Бо нишондиҳандаҳои ба 100 нафар донишҷӯй рост омадани миқдори лаборатория ва синфхонаҳои компютерӣ (мувофиқан 0,48 ва 0,22) дар

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон  нисбат ба дигар донишгоҳҳо баланд мебошад.

**Ҷадвали 2.18. - Сатҳи таъминоти модию теҳникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии маъруфи пойтахт**

| Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ба 100 нафар донишҷу рост омадааст | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Миқдори компютерҳо | аз он ҷумла бо интернет пайваст | Лаборатория | Синфхонаҳои компютерӣ |
| Донишгҳи милли Тоҷикистон | 10,7 | 4,4 | 0,48 | 0,22 |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ | 14,3 | 8,0 | - | 0,18 |
| Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон | 9,43 | 3,47 | 0,07 | 0,32 |
| Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | 5,36 | 1,46 | 0,28 | 0,04 |

**Сарчашма:** Ҳисоб кард шуд аз рӯйи рақамҳои ҷадвалҳои 2.10 ва 2.16.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои дар боло оварда шуда нишон медиҳад, ки дар ҷомеа, миёни истеъмолгарони ҷомеа (аҳолӣ, корхонаҳо, кордеҳон) дар замони муосир эътибор ва имиҷи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино нисбат ба дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пойтахт ва ҳатто мамлакат баландтар мебошад.

## 2.3. Имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун қисмати асосии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Муҳимтарин омиле, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар ниҳояти кор таъмин менамояд, маҳсулот ва хидматрасониҳои таҳсилотӣ мебошад. Илова бар ин дар ҷаҳони муосири иттилотию густариш ёфтани иқтисодиёти дониш боз имиҷи хидматрасониҳои машваратӣ, илмӣ, экспертӣ ва ғайраҳо, ки маҳсулоти таҳсилоти алоқамандии зич дорад меафзояд.  Бинобар он имиҷи муассисаҳои

таҳсилотӣ олии касбӣ ба тамоми фаъолияти хидматрасониҳои он, ки дар расми 2.5. оварда шудааст, вобастагӣ дорад.




**Расми 2.5. - Ташаккули имиҷи умумии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Бояд қайд кард, ки имиҷи муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ функсионалӣ аст ва он мақсади ягона набуда, балки ҳамчун дороии ғайримоддӣ барои ҳаллу фасли самараноки дарёфти фоидаҳои иқтисодӣ-моддие хидмат менамояд, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пас аз ҷалб кардани истеъмолкунандагони иловагӣ ва ё хидматрасониҳои нав ба даст меорад. Дар ҳақиқат имиҷи мусбати донишгоҳ на танҳо диққати истеъмолкунандагонро ба худ ҷалб менамояд, балки асос намуда, арзишҳое меорад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ онҳоро дар раванди омода намудани кадрҳо, шаффофияти муассисаи таҳсилотӣ ва иштироки худро дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат нишон медиҳад. Имиҷ ба ҳайси тимсоли ҷамъбасткардашудаи муассисаи таҳсилоти олӣ амал мекунад.

Ҳамон тавр, ки дар боло қайд намудем, қисмати асосии имиҷ имиҷи хидматрасониҳои эътимоднок (асоснок) мебошад. Бо дарназардошти ин, вазифаи муассисаи таҳсилоти олӣ ташкили хидматрасониҳои таҳсилотии самаранокест, ки ҷавобгӯйи ҳамаи талаботи муосир бошад. Баланд бардоштани имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ кори ниҳоят ҷиддиро тақозо менамояд, чунки хидматрасониҳои таҳсилотӣ дорои як қатор тавсифоти махсус, ба монанди даркнашавандагӣ, ҷудонашавандагӣ,

ноуствории сифат, нопойдорӣ (зудгузарӣ) ва набудани тасарруфкунӣ мебошанд[40], ки онҳо дар ҷадвали 2.19. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.19. - Хусусиятҳои хидматрасониҳои таҳсилотӣ, ки дар тарҳи раванди ташаккули имиҷ муаяйн менамоянд**

| Хусусиятҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|
| **Даркнашавандагӣ** | Ин маънои онро дорад, ки хидматрасониҳои таҳсилотиро нишон додан мумкин нест, яъне то ба даст овардан онҳоро дидан, маззаи онҳоро чашидан, бо даст ламс кардан, шунидан ва ё эҳсос намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, то ба даст овардан, дараҷаи номуайянии он барои истеъмолкунанда зиёд мегардад. |
| **Ҷудонашавандагии хидматрасониҳо** | Онро ифода менамояд, ки хидматрасониро наметавон аз сарчашмаи он, яъне новобаста ба он, ки онро одам ё мошин (дастгоҳ) пешниҳод кардааст ҷудо намуд. Агар дар аудитория донишҷӯён набошанд профессор хидматрасониро пешниҳод карда наметавонад. Ҳангоми истеҳсоли (иҷрои) хидматрасонӣ ҳамеша истеъмолкунандаи он ҳузур дорад ва ҳамкории мутақобила бо таъминкунанда (омӯзгор) ҳатмӣ мебошад |
| **Зуд тағирёбии сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ** | Сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ ниҳоят тағйирёбанда мебошанд. Ин хосият аз он вобаста мебошад, ки онро кӣ, кай, дар куҷо ва чӣ гуна пешниҳод менамоянд. Назорати сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ хеле мушкил аст. |
| **Нопойдории хидматрасонии таҳсилотӣ** | Маънои онро дорад, ки ин хидматрасониро бо мақсади минбаъд фурӯхтан ё истифода кардан нигоҳ доштан мумкин нест, аммо онҳо дар иттилооти таълимии маводи тақсимотӣ, китобҳо, кассетаҳо ва дискҳои электронӣ инъикос меёбанд. Ва инчунин онро бояд ба назар гирифт, ки иттилоот зуд куҳна мешаванд. |
| **Тасарруфнашавандагии хидматрасонии таҳсилотӣ** | Онро мефаҳмонад, ки ин хидматрасониҳо дар фарқият аз молҳои ҷисман вуҷуддошта моликияти касе ҳисоб намешаванд. Аз ин лиҳоз бо дарназардошти тасарруфнашавандагии муассисаи таҳсилоти олӣ, хидматрасониҳои пешниҳодкунандаи онҳо бояд барои мустаҳкам намудани имиҷ ва ҷаззобияти онҳо равона гарданд. |

**Сарчашма:** Лукашенко М.А. Образовательная услуга и ее особенности на современном этапе общественного развития// Экономика, Статистика и Информатика 5 №2, 2004, с. 5-12

Ғайр аз ин, ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ чандин хусусият хос мебошанд, ки онҳоро ба таври зайл номбар мекунем: нисбатан тӯлонӣ будани иҷро; дароз кардани муайянкунии натиҷанокии хидматрасонӣ;

[40] Панкрушин А.П. Маркетинг образовательных услуг в высшем и дополнительном образовании [Текст]: учебное пособие / А.П. Панкрушин. – М: Интерпракс, 1995. – 240 с.

мавсимӣ ё фосиладории такроршавандагии хидматрасонӣ, алалхусус дар соҳаи баланд бардоштани ихтисос; вобастагии хидматрасонӣ ба ҷойи амалисозии он ва ҷойи истиқомати таълимгирандагон; пурзӯр намудани эҳтиёҷот ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ баробари қонеъ намудани ин эҳтиёҷот.[41]

Ҳангоми коркарди стратегияи рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташаккули имиҷи онҳо хусусиятҳои махсуси номбаршуда бояд ба назар гирифта шаванд. Эҷоди имиҷ пеш аз ҳама ба кӯшишу ҳаракати худи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва қобилияти онҳо оид ба ташкили тимсоли мусбат барои истеъмолкунанда вобаста мебошад.

Амалисозии сиёсати давлатии гузариши иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба тарзи рушди инноватсионӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 муайян карда шудааст, тағйироти қатъиро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ менамояд. Зарурати омода намудани кадрҳое, ки дорои қобилият ва омодагии фаъолият дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ мебошанд, меъёри асосии амалкарди бомуваффақияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мутаносибан омили баланд бардоштани имиҷи онҳо ҳисоб меёбад. Бинобар ин, тибқи гуфтаҳои боло масъалаи дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ташкил кардани чунин раванди таҳсилотие пайдо мегардад, ки натиҷаи чаҳор соли омода намудан бояд мутахассисони ботаҷрибаи салоҳиятнок бошад.

Бояд қайд намуд, ки шояд донишҷӯ пас аз хатми таҳсил ҳамчун мутахассиси ҷавон дар раванди ҷустуҷӯйи кор ва омӯхтани ҷойҳои кории холӣ ба чунин хулоса меояд, ки дониш ва маҳорати дар зарфи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба даст овардааш дархостнашаванда мебошанд. Ба ибораи дигар, корфармоён аслан мутахассисони дорои дониши мукаммалро талаб менамоянд. Бинобар ин, ба мутахассиси ҷавон лозим меояд, ки мустақилона донишҳои навро омӯзад ва ё курсҳои

[41] Панкрушин А.П. Маркетинг образовательных услуг в высшем и дополнительном образовании [Текст]: учебное пособие / А.П. Панкрушин. – М: Интерпракс, 1995. – 240 с.

махсусгардонидашударо гузарад. Ин мушкилот барои хатмкунандагони ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хос мебошад. Вале дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки пас аз қабули довталаб ба таҳсил то хатм кардани ӯ вақти тӯлонӣ – 4-5 сол мегузарад, аз ин лиҳоз тавассути чунин давраи дурудароз пешбинӣ намудани талаботи бозори меҳнат ва корфармоён мушкил мебошад. Аммо муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дар асоси таҳқиқи пешравиҳои сохтории иқтисодиёт ва тамоюлоти тағйирёбии бозори меҳнат эҳтиёҷоти ояндаи ҷомеаро ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ пешгӯйӣ карда, бо дарназардошти ин ба барномаҳои таълимӣ ва дигар мавод ислоҳот ворид созад. Вобаста ба ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст дар мавриди таҳияи барномаҳои таҳсилотии нав ва интихоби ихтисосҳо тамоюли шуғлнокӣ ва бозори меҳнатро дар мамлакат омӯзад.

Дар давраи аз соли 2015 то соли 2021 шумораи дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ машғулбудаҳо аз 2379,7 то 2533,5 ҳазор нафар, 6,4% зиёд гардид.[42] Зиёдшавии шумораи дар иқтисодиёт машғулбудаҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани шумораи дар соҳаи хидматрасониҳо фаъолияткунандаҳо ба амал омадааст. Дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи машғулин дар соҳаи хидматрасониҳо нисбати ҳамаи машғулин дар иқтисодиёти мамлакат машғул аз 28,4% то 30,4%, яъне 2,0 фоиз зиёд гардидааст. Ҳол он ки афзуншавии шумораи дар ин соҳа машғулбудаҳо асосан аз ҳисоби зиёд гардидани шумораи дар соҳаи маориф фаъолияткунандаҳо (1,1 фоиз), тандурустӣ ва хидматрасониҳои иҷтимоӣ (0,7 фоиз) ва инчунин идоракунии давлатӣ, мудофиа ва суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ (0,5 фоизӣ) ба амал омадааст (ҷадвали 2.20.).

Ҳиссаи дар бахши воқеии иқтисодиёт машғулбудаҳо 2,0 фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ин аз ҳисоби камшавии ҳиссаи дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ машғулбудаҳо ба амал омадааст, дар давраи мавриди таҳлил 4,3 фоизӣ коҳиш ёфтааст. Дар соҳаҳои саноати коркард пешравии

[42] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 88-89.

сохторӣ мушоҳида намешавад, он дар давраи таҳлилшаванда бетағйир мондааст.

**Ҷадвали 2.20. - Дигаргуниҳои сохторӣ дар бозори меҳнат**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | 2019 | 2020 | 2021 | Таъ-ғирот, бф,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғулбудаҳо | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - |
| 1. Аз ҷумла дар бахши воқеӣ | 71,6 | 71,1 | 70,0 | 70,0 | 70,3 | 70 | 69,6 | - 2 |
| Аз онҳо: | | | | | | | | |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 64,9 | 64,5 | 60,9 | 61,1 | 61,2 | 60,9 | 60,6 | -4,3 |
| Саноати истихроҷи маъданҳо | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | - |
| Саноати коркард | 2,5 | 2,5 | 3,6 | 3,4 | 3,4 | 3,4 | 3,5 | 1.0 |
| Нерӯи барқ, газ ва таъминоти об | 0,8 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,5 | 0,5 | 1,1 | 0,3 |
| Сохтмон | 2,8 | 2,8 | 4,2 | 4,2 | 4,1 | 4,1 | 3,9 | 1,1 |
| 2.Дар бахши хидматрасонӣ | 28,4 | 28,9 | 30,0 | 30,0 | **29,7** | **30,0** | **30,4** | **2,0** |
| Аз онҳо: | | | | | | | | |
| Идоракунии давлатӣ, мудофиа, суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ | 1,5 | 1,5 | 1,9 | 2,0 | 1,8 | 1,8 | 2,0 | 0,5 |
| Маориф | 8,8 | 9,2 | 9,6 | 9,7 | 9,8 | 9,9 | 10,1 | 1,1 |
| Тандурустӣ ва хидматрасониҳои иҷтимоӣ | 4,1 | 4,4 | 4,7 | 4,7 | 4,7 | 4,7 | 4,8 | 0,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, саҳ.91-93

Инчунин дар сохтмон ҳиссаи машғулбудаҳо ба 1,1 фоизӣ афзоиш ёфтааст.

Дигаргуниҳои сохторӣ дар иқтисодиёт ба тағйироти сохтории шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ тибқи соҳаҳо таъсир мерасонад. Ҳамон тавр ки аз маълумоти ҷадвалҳои праграфи дуюми ҳамин боби диссертатсия дида мешавад, дар зарфи панҷ соли охир шумораи донишҷӯён дар соҳаҳои саноат 11,7% зиёд шудааст. Зеро, дар дигаргуниҳои сохтории машғулбудаҳо ҳиссаи саноати коркард каме зиёд гардидааст, шумораи дар ин соҳа машғулбудаҳо дар давраи солҳои 2015-2021 аз 65,6 то 86,4 ҳазор нафар ва ё 31,7 % афзоиш ёфтааст. Бо

дарназардошти он, ки солҳои охир ҳиссаи дар соҳаи кишоварзӣ машғулбудаҳо коҳиш ёфта истодааст, ин шумораи донишҷӯёни соҳаи кишоварзӣ 58% кам шудааст. Дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт мутахассисони касбӣ иқтисодӣ тақозо карда мешавад, бинобар ин дар давраи мавриди таҳлил шумораи донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ 16,8% зиёд шудааст. Тавре ки таҳлил нишон дод, солҳои охир ҳиссаи дар соҳаҳои хидматрасонӣ машғулбудаҳо (тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фарҳанг ва санъат ва соҳаҳои дигари хидматрасонӣ) афзоиш ёфтааст, аз ҳамин лиҳоз афзоиши шумораи донишҷӯёни соҳаҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маориф, фарҳанг, ва дигар соҳаҳо (43,8%) зиёд гардидааст.

Аммо бояд қайд кард, ки тағйири сохтори шуғлнокӣ дар иқтисодиёти мамлакат дар сатҳи муайян ба дигаргунсозии сохтори барномаҳои таълимӣ ва интихоби ихтисосҳо таъсир расонида наметавонад. Бинобар он такрористеҳсоли одии барномаҳои таҳсилотӣ ва ихтисосҳои анъанавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мушоҳида мешавад. Номутавозинӣ дар байни бозори меҳнат ва бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ вуҷуд дорад. Дар шароити номуайянии ҳаллу фасли эҳтимолии ин масъала ва ё номутавозинӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд барномаҳои таҳсилотии худро вобаста ба сохтори шуғлонкӣ ва фаъолияти корхонаҳои пешқадам, ки дорои технологияи муосир мебошанд равона созанд. Вазифаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз муайян кардани чунин корхонаҳо ва ҷалби онҳо дар фаъолияти омода кардани мутахассисон иборат аст. Ҳамон тавр ки мебинем, имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ҳалли масоили мазкур, асосан бо имиҷ ва сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ алоқаи зич дорад.

Дар айни замон бахши таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар давраи ниҳоят мушкил қарор дорад, чунки аввалан, раванди татбиқи стандартҳои нав давом карда, ба низоми дусатҳаи таҳсилоти олӣ, яъне барои омода кардани бакалавр ва магистратура мутобиқ шуда истодаанд, ки барои ворид шудан ба фазои таҳсилотии байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Баъдан, масъалаҳои шиддатноки бо тиҷоратикунонии ин бахш ва зиёд гардидани шумораи муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбии пешниҳодкунандаи хидматрасониҳои таҳсилотӣ бо нархҳои рақобатӣ ва усулҳои дилхоҳи мусоид алоқаманд пайдо шудаанд. Ғайр аз ин, сарбории аудитории омӯзгорон зиёд гардид, ки вақти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, худинкишофёбӣ ва худомӯзӣ ва инчунин ҳолатҳои бартари заминаи моддӣ-техникии шумораи зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро коҳиш дод. Ҳамаи ин боиси коҳиш ёфтани сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва мутаносибан паст шудани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардиданд. Дар натиҷа бозори меҳнат сифати омода кардани мутахассисони ҷавонро қабул намекунад, бинобар ин ҳамон тавр ки дар боло қайд намудем, хатмкунандагон маҷбур ҳастанд, ки аз ҳисоби воситаҳои худ «бозомӯзӣ» ва ё «азнавомӯзӣ» кунанд. Дар чунин шароит вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба сатҳи нав бароварда шаванд.

Аммо танҳо 3-4 муассисаи таҳсилоти олии кабии беҳтарини ватанӣ имкон доранд, ки ба хатмкунандагони худ таҳсилоти сифатнок ва рақобатпазир диҳанд, гарчанде онҳо ҳам дар шароити васеъ кардани фазои ҷаҳонии таҳсилоти олӣ ва шиддатнок гардидани рақобат дар ин фазо, имрӯз мавқеи худро аз даст дода истодаанд. Истеъмолкунандагони муосири хидматрасониҳои таҳсилотӣ акнун зарурати дарёфти хидматрасониҳои таҳсилотии сифатнокро фаҳмидаанд ва имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асосан аз рӯйи сифат ва кафолати хидматрасонии таҳсилотӣ, талаботи бозори меҳнат ва корфармоён ба хатмкунандагони онҳо муайян карда мешавад. Ин талаб менамояд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҳои асосӣ, бунёдӣ, прагматикӣ ва маҳорати худро, ки ба донишҷӯ имкони дар ҷаҳони зудтағйирёбанда таваҷҷуҳ карданро медиҳад, муттаҳид созанд. Барои арзёбии натиҷаи амалии ин равандҳо мо натиҷаҳои рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз давраи КОВИД-19 дар нимсолаи якуми соли

таҳсили 2020-2021 анҷом додаасту дар он 31 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат иштирок намуданд, мушоҳида намудем.

Дар натиҷаи рейтинг Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сазовори ҷойи якум (182 хол), Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (178 хол) сазовори ҷойи дуюм ва Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон (176 хол) сазовори ҷойи сеюм гардидаанд. Роҳбарияти муассисаҳои таълимии зикргардида чун рейтингҳои қаблӣ дар муддати 6 моҳи охир дар самти миқдори рисолаҳои номзадӣ ва доктории ҳимояшуда, миқдори мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) нашршуда, миқдори ихтироъ, навоварӣ ва пешниҳоди илмӣ-назарӣ, миқдори монографияҳои илмии чопшуда, шумораи муассиса, ташкилоту идораҳо, ки ба муассисаи таълимӣ ҳамкорӣ мекунанд, такмили ихтисоси омӯзгорони доимӣ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар хориҷи кишвар, шумораи компютерҳое, ки танҳо барои истифодаи донишҷӯён муайян карда шудаанд ва шумораи китобҳои дарсӣ вобаста ба теъдоди донишҷӯён корҳои назаррасеро анҷом додаанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки муассисаҳои зикргардида аз ҳисоби омӯзгорони дорои унвон ва дараҷаи илмӣ, махсусан аз лиҳози доктори илм-профессори доимӣ ва номзади илм-дотсенти доимӣ аз шумораи умумии омӯзгорон ба меъёрҳои муайяншудаи мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқат менамоянд.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар худ низоми мураккаби муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, талаботи корфармоёнро нисбат ба хатмкунандагон ва захираҳои дохилии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таҷассум менамояд. Аз ин лиҳоз имиҷи онҳо аслан дар асоси баҳогузории ин субъектҳои ҷомеа ташаккул меёбад. Сатҳи имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотии он ҳамчун қисмати асосии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба асоснокии коркарди стратегияи рушди он вобаста аст. Омӯзиши фаъолияти серҷабҳаи донишгоҳҳои рейтингашон баланд (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи славянии Россия Тоҷикистон), муаяйн намудем, ки он ҳангоми коркарди стратегияи муосири рушд ба якчанд принсип, ки дар ҷадвали 2.21. оварда шудааст, такя менамоянд.

**Ҷадвали 2.21. - Принсипҳои асосии коркарди стратегияи рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки баланд бардоштани имиҷи онро таъмин мекунанд**

| Принсипҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|
| Тамоюли муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истеъмолкунанда | муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд ҳатман нисбатан уҳдабаро буда, ба эҳтиёҷоти донишҷӯён ва корфармоён мутобиқат намояд. Эҳтиёҷоти асосии хатмкунанда ин дархостшавандагӣ аз тарафи бозори меҳнат мебошад, ки ин танҳо ҳангоми гирифтани омодагии сифатии ӯ имконпазир аст. Дар навбати худ корхонаҳо мутахассисони ҷавонеро талаб менамоянд, ки қобилияти ҳаллу фасл кардани масъалаҳоро дар доираи ниҳоят маҳдуди фаъолияти истеҳсолии худ дошта бошанд. Мувофиқ омадани интизориҳои корфармо ва сатҳи омодагии хатмкунанда дар соҳаи мушаххаси дониш барои эҷоди имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пешравӣ дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ мусоидат мекунанд. Ва он вақт муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯёни навро якҷо бо воситаҳои пулӣ (буҷетӣ ё ғайрибуҷетӣ) соҳиб мешавад, ки ба он имкон медиҳанд рушд намояд, заминаи моддӣ-техникии худро васеъ ва беҳтар созад, таҷҳизоти озмоишгоҳиро навсозӣ кунад ва барои омӯзгорон шароити муносиби меҳнатро таъмин намояд. |
| Принсипи сарвари қавӣ (краетивӣ) | Фаъолияти самараноки коллективро, ки барои дарёфти мақсадҳои муайян нигаронида шудааст ташкил намояд, танҳо сарвари босавод, қавӣ ва сахтгир метавонад дастаро муттаҳид сохта, фазои эҷодиро таъсис диҳад. |
| Принсипи коорпоративӣ | Агар ҳар як узви коллектив барои кори умумӣ масъулиятро ҳис намояд, рушди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зуд ва босифаттар амалӣ мешавад. Истифодаи қобилиятҳо, таҷриба, хиради кормандон ва ҳавасмандгардонии ташаббусҳо дар кори рушди ташкилот, баланд бардоштани самаранокии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҷаззобияти он барои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ самараи хуб медиҳанд. |
| Принсипи рақобатпазирӣ | Ба муассисаи таҳсилои олии касбӣ зарур аст, ки афзалиятҳои рақобатӣ ва ҷаззоби рақобатии худро дошта бошад. Инҳо барномаҳои таълимӣ, нархгузориҳо, шароити беҳтарини кор ва таҳсил ва хидматрасонии таҳсилотии устувор ва баландсифат мебошанд. |
| Принсипи рушди доимӣ | Беҳтарсозии муттасили сифати хидматрасониҳои таҳсилотӣ, васеъ намудани доираи онҳо, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти донишҷӯён ва корфармоёни на танҳо вуҷуддошта, балки пеш гузаштан аз интизориҳо ва манфиатҳои ояндаи онҳо. |
| Принсипи назорати системавӣ | Коркарди низоми самараноки назорати фаъолияти ҳамаи ҷузъҳои таркибии муассисаи таҳсилоти олӣ зарур аст, он бояд маҳз ба таври ҳаққонӣ, на рӯякӣ амал намояд, то ки вазъияти дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавҷударо ба тарзи воқеӣ инъикос карда, барои ислоҳи камбудиҳо имкон фароҳам созад. Дар ҳолате, ки агар низоми дохилии назорат бенатиҷа бошад, лозим меояд, ки ҷалби аудити берунии мустақил ва коршинос баррасӣ карда шавад. |

**Идомаи ҷадвали 2.21.**

| Принсипҳо | Тавсифи мухтасар |
|---|---|
| Принсипи идоракунии ба истифодаи иттилооти муҳимми воқеӣ асосёфта | Принсипи идоракунии ба истифодаи иттилооти муҳимми воқеӣ асосёфта. Қарор дар бораи амалҳои ислоҳотӣ ва тасҳеҳкунӣ нисбат ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро метавон танҳо дар асоси маълумоти дар натиҷаи мониторинг ва назорати фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба дастомада ва инчунин бо дарназардошти маълумоти таҳқиқоти маркетингӣ ва дигар таҳқиқоти расмии боваринок қабул кард. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Кузнецов В.В. Принципы и механизмы стратегии устойчивого развития вуза // Вестник РЭУ им. Г.В. Плеханова. – 2017. - № 1 (91). – С. 56-64.

Барои арзёбии имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ се донишгоҳе, ки дар рейтинги гузаронидаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои сазоворро ишғол намудааст, мо низ таҳқиқи иҷтимоии худро бо ёрии экспертҳо анҷом додем. Барои арзёбии имиҷи хидматрасониҳои таҳсилотӣ нишондҳандаҳои зер интихоб намудем:

X1- гуногуни барномаҳои таҳсилотӣ;

X2- арзиши барномаҳои таҳсилотӣ;

**X3-** сифати раванди таълим;

X4 – касбияти омӯзгорон;

X5 – таҳсилоти иловагӣ ва машваратҳо;

X6 – сатҳи фаъолияти илмӣ-татқиқотӣ;

X7 - истифодаи технологияи иттилоотӣ ва инноватсиои дар раванди таълим

Барои таҳқиқи масаълаҳои гузошташуда 5 экспертро (3 нафар аз шуъбаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 нафар аз Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) интихоб намудем. Барои экспертҳо варақаи пурсишномаҳо пешниҳод намудем. Баҳодиҳии саволҳо-омилҳоро дар низоми (шкалаи) 10-холӣ пешниҳод намуда, дар назар доштем, ки холҳои 1-3 – заифии омилҳои таҳлилшаванда, 4-6- сатҳи миёна ва аз 7 боло сатҳи баланди рушди омилҳи таҳқиқшавандаро инъикос менамоянд. Вазифаи аввали экспертҳо ба муаяйн намудан аҳамияти омилҳои гиреҳӣ дар баланд

бардоштани имиҷи муассиса равона шуда буд. Натиҷаи коркарди варақаҳои анкетӣ ва ё пурсишномаҳои донишгоҳи таҳқиқшаванда дар ҷадвали 2.22. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.22. – Матритсаи арзёбии омилҳои гиреҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқшаванда**

| Экперт-ҳо | X1 | X2 | X3 | X4 | X5 | X6 | X7 | Ҷамъ | Қимати миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** | | | | | | | | | |
| 1 | 8 | 6 | 7 | 6 | 5 | 7 | 6 | 45 | 6,4 |
| 2 | 7 | 5 | 8 | 6 | 4 | 7 | 5 | 42 | 6,0 |
| 3 | 8 | 6 | 7 | 7 | 5 | 6 | 6 | 45 | 6,4 |
| 4 | 7 | 6 | 5 | 8 | 3 | 6 | 5 | 40 | 5,7 |
| 5 | 8 | 5 | 8 | 6 | 4 | 7 | 5 | 43 | 6,14 |
| Ҷамъ | 38 | 28 | 35 | 33 | 24 | 33 | 27 | - | 6,12 |
| Ба ҳисоби миёна | 7,6 | 5,6 | 7,0 | 6,6 | 4,8 | 6,6 | 5,4 | - | 6,22 |
| **Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино** | | | | | | | | | |
| 1 | 8 | 8 | 8 | 7 | 9 | 9 | 8 | 57 | 8,14 |
| 2 | 7 | 7 | 8 | 6 | 8 | 8 | 7 | 51 | 7,28 |
| 3 | 7 | 8 | 7 | 7 | 8 | 7 | 6 | 50 | 7,14 |
| 4 | 8 | 6 | 7 | 6 | 7 | 7 | 6 | 47 | 6,71 |
| 5 | 7 | 8 | 7 | 6 | 8 | 8 | 7 | 51 | 7,28 |
| Ҷамъ | 36 | 38 | 37 | 32 | 40 | 39 | 34 | - | 7,31 |
| Ба ҳисоби миёна | 7,2 | 7,6 | 7,4 | 6,4 | 8 | 7,8 | 6,8 | - | - |
| **Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон** | | | | | | | | | |
| 1 | 6 | 7 | 7 | 6 | 6 | 7 | 8 | 47 | 6,71 |
| 2 | 7 | 6 | 6 | 7 | 7 | 5 | 6 | 44 | 6,28 |
| 3 | 5 | 7 | 6 | 7 | 5 | 6 | 5 | 41 | 5,85 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 6 | 5 | 7 | 6 | 42 | 6,0 |
| 5 | 6 | 7 | 6 | 7 | 5 | 7 | 6 | 44 | 6,28 |
| Ҷамъ | 29 | 33 | 32 | 33 | 28 | 32 | 31 | | 6,22 |
| Ба ҳисоби миёна | 5,8 | 6,6 | 6,4 | 6,6 | 5,6 | 6,4 | 6,2 | - | - |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф

Чӣ тавре ки рақамҳои ҷадвали 2.3.4 нишон медиҳад, баҳодиҳии экспертҳо ба ҳар омил гуногун мебошад. Масалан нисбат ба тамоми омилҳо қимати миёнаи холи эксперти якум дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 6,4 хол, эксперти дуюм - 6,0 ва ғ. Экспертони якум ва сеюми холи якранг доданд, ки қимати максималӣ мебошад ва ба сатҳи миёнаи

рушди омилҳо мувофиқат менамоянд. Нисбат ба ҳар омил ҳам гуногунӣ дар арзёбӣ мушоҳида мешавад. Масалан, нисбат ба омили X1 эксперти якум, сеюм ва шашум 8-холӣ, эксперти дуюму чорум – 7 хол баҳо доданд ва қимати миёнаи омили якум 7,6 холро ташкил додааст, ки ба сатҳи баланди рушди мили X1 мувофиқат менамоянд. Ин ҳолат дар дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқшаванда низ мушоҳида мешавад. Акнун мо ҷамъбаст ва ё қимати миёнаи тамоми экспертҳоро ба омилҳои таҳқиқшаванда дар ҷадвали 2.23. меорем.

**Ҷадвали 2.23. - Ҷамъбасти ҷавобҳои экспертҳо**

| Омилҳои имиҷ ва комёбиҳо | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон |
|---|---|---|---|
| Гуногуни барномаҳои таҳсилотӣ; | 7,6 | 7,2 | 5,8 |
| Арзиши барномаҳои таҳсилотӣ | 5,6 | 7,6 | 6,6 |
| Сифати раванди таълим; | 7,0 | 7,4 | 6,4 |
| Касбияти омӯзгорон; | 6,6 | 6,4 | 6,6 |
| Таҳсилоти иловагӣ ва машваратҳо | 4,8 | 8,0 | 5,6 |
| Сатҳи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ | 6,6 | 7,8 | 6,4 |
| Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва инноватсинӣ дар раванди таълим | 5,4 | 6,8 | 6,2 |
| **Сумма** | **43,6** | **51,2** | **43,6** |
| Ба ҳисоби миёна | 6,22 | 7,31 | 6,22 |
| Таносуб ба қимати максималӣ | 0,85 | 1 | 0,85 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯи натиҷаҳои ҷадвали 2.3.4.

Чуноне ки маълумоти ҷадвали 2.23. нишон медиҳад, миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии таҳқиқшаванда нишондиҳандаи интегралии омилҳои калидӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино қимати максималӣ дорад қимати миёнаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар якранг мебошад ва нисбат ба қимати максимали 0,85-ро ташкил додааст. Коэффитсенти вазни ҳар як омил дар холи умумӣ дар ҷадвали 2.24. оварда шудааст. Чунон, ки аён аст дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вазни коэффитсиенти гуногуни барномаҳои таҳсилотӣ (0,17), сифати раванди таълим (0,16) ва омили

фаъолияти илмӣ-татқиқоти омилҳои гиреҳӣ маҳсуб мешаванд ва аз ин афзалиятҳо бархурдор аст, ки экспертон арзёбӣ намудаанд. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, ки да арзёбии умумӣ холи баландтаринро соҳиб шудааст, аслан аз ҳисоби арзиши барномаҳои таҳсилотӣ (0,16), таҳсилоти иловагӣ ва машваратҳо (0,16), сатҳи фаъолияти илмӣ-татқиқотӣ холи баланд ба даст овардааст. Натиҷаҳои ҷамъбасти кори экспертҳо нишон дод, ки сатҳи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон ва сатҳи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон якранг мебошанд ва онҳо дар сатҳи миёнаи рушд қарор доранд. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз рӯи арзёбии омилҳои таҳқиқшаванда дар сатҳи рушди баланд қарор дорад.

**Ҷадвали 2.24. - Арзёбии вазни ҳар як омил дар ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| Омилҳои ташакулдиҳандаи имиҷ | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон |
|---|---|---|---|
| Гуногунии барномаҳои таҳсилотӣ; | 0,17 | 0,14 | 0,17 |
| Арзиши барномаҳои таҳсилотӣ | 0,14 | 0,16 | 0,14 |
| Сифати раванди таълим; | 0,16 | 0,14 | 0,16 |
| Касбияти омӯзгорон; | 0,14 | 0,12 | 0,14 |
| Таҳсилоти иловагӣ ва машваратҳо | 0,11 | 0,16 | 0,11 |
| Сатҳи фаъолияти илмӣ-таҳқиқоти | 0,15 | 0,15 | 0,15 |
| Истифодаи технологияи итилоотӣ ва инноватсиои дар раванди таълим | 0,13 | 0,13 | 0,13 |
| Ба ҳисоби миёна | 43,6 =1 | 51,2=1 | 43,6=1 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯи натиҷаҳои ҷадвали 2.3.5.

Аммо мо агар бо меъёрҳои донишгоҳҳои ҷаҳонӣ қиёс намоем, вазъияти онҳо дар сатҳи хеле поён қарор мегирад. Зимнан бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо қариб рушди аксари муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ниҳоят заиф буда, тағйироти сифатӣ дар онҳо мушоҳида намешавад. Роҳбарияти қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳанӯз бо гузашти 30-соли истиқлоли давлатӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ фаҳмида

наметавонанд, ки дигар ба мисли пешин фаъолият кардан номумкин буда, дигаргун шудан лозим аст.  Инро ба таври таъхирнопазир, тибқи суръати рушди ҷомеаи муосири иттилоотӣ, рушди бахши иқтисодиёти иттилоотӣ ё иқтисодиёти донишҳо амалӣ кардан зарур мебошад. Маҳз ташкили дигаргункунии сохторӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилои олӣ ва маҳсулоти таҳсилотии онҳо, пеш гузаштани суръати ин раванд дар муқоиса аз суръати тағйирот дар сохтори иқтисодиёт кафолати рушди устувор ва муттасил баланд бардоштани имиҷи онҳо мебошад.

Барои ба сатҳи сифатан нав баромадан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур аст, ки дар самти баланд бардоштани сифати маҳсулоти таҳсилотӣ ва ташаккули имиҷи мусбат силсилаи тадбирҳоро андешанд. Дар ин кор таҷрибаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон намунаи ибрат мебошад. Дар ҷадвали 2.25. тақсимоти маҷмуи чораҳое оварда шудаанд, ки ин муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои баромадан ба сатҳи сифатан нави ҷавобгӯйи талаботи муосир истифода менамояд. Ин чораҳоро метавон ба иқдоми зарурӣ тақсим кард.

**Ҷадвали 2.25. - Иқдоми зарурӣ барои баромадан ба сатҳи нави рушд**

| Иқдом | Иҷрои амалиёт |
|---|---|
| Таҳлили бозори меҳнат ва ҷойҳои кори холӣ | Омӯхтани номгӯйи хидматрасониҳои таҳсилотие, ки бояд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намояд: дар кадом ҳаҷм, рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, шумораи дохилшавандагон, динамикаи рушд, ҳайати омӯзгорон, рейтинги хатмкунандагон, нархи таҳсил ва ғайраҳо, то ки стратегияи рушди худро коркард намояд. |
| Пешгӯйии пайдошавии ҷойҳои кори холӣ дар 5-10 соли наздиктарин | Ҳамкории зич бо муассисаҳо имкон фароҳам месозад, ки эҳтиёҷоти мавҷудаи муассиса ва умуман соҳа, инчунин нақшаҳои онҳо на танҳо аз ҷиҳати сифат, балки аз ҷиҳати миқдор низ муайян карда шаванд. Мавҷуд будани чунин пешгӯйӣ барои ҳар як минтақаи алоҳида барои фаҳмидани пайдоиши эҳтиёҷоти имконпазир дар ҷомеа ва коркарди нақшаи амал тибқи «пешниҳод талаботро ба вуҷуд меорад» мусоидат менамояд. |
| Таъсис ва рушди самтҳои нави омодакунии мутахассисон | Дар мутобиқати комил бо таҳлили бозори меҳнат ва пешгӯйии пайдоиши ҷойҳои кори холии нав. «Аз ҷиҳати шуурнокӣ пеш гузаштан» -и рушди таҳсилот асоси рушди ҷомеа мебошад, чунки маҳз таҳсилот аз рӯйи моҳияти худ барои тағйироти дар пешистодаи ҷомеа асос гузошта, барои оянда кор мекунад ва дар ниҳояти кор «қисмҳои таркибии одам», хосият ва суръати инкишофи ӯро пешакӣ муайян менамояд. |

Идомаи ҷадвали 2.25.

| Иқдом | Иҷрои амалиёт |
|---|---|
| Ташкил ва рушди низоми самараноки ҳавасмандгардонӣ ва назорати меҳнати ҳайати профессорону омӯзгорон | Ин низом бояд ҳадди аксар шаффоф буда, манфиати муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро, яъне иҷрои талаботи иҷозатдодашуда ва аккредатсионӣ, манфиати омӯзгоронро, ки бояд мақсадҳоро бинанд, худро дар коллективи муттаҳид эҳсос намоянд ва ғояи умумии рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро иҷро кунанд, ба назар гирад. |
| Ташкил ва ба роҳ мондани тадбирҳо оид ба ҷалби донишҷӯён | Фаъолияти касбинтихобкунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд мунтазам, шуруъ аз синфи нуҳум ба роҳ монда шавад. Барои хонандагон ташкил кардани олимпиадаҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, марафонҳои зеҳнӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ, клубҳои ҳозирҷавобон ва ғайраҳо бо иштироки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ҷалби довталабон мусоидат мекунад. Ин барои шинохтан, баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва зиёд кардани шумораи хоҳишмандон ҷиҳати таҳсил дар ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсири судманд мерасонад. |
| Ташкили низоми мусоидат барои бо кор таъмин шудани донишҷӯён ва хатмкунандагон ва мутобиқшавии онҳо ба бозори меҳнат | Инкишоф додани муносибатҳои шартномавӣ бо корхонаҳои минтақа оид ба ташкили шароити гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва минбаъд бо ҷойи кор таъмин шудан. Фармоиши мақсадноки корхона ҷиҳати таълими мутахассисон барои корхонаи мушаххаси минтақа. Ҳангоми ташкили чунин низом хатмкунанда кафолати бо ҷойи кор таъмин шуданро дарёфт менамояд ва корхона дар навбати худ соҳиби мутахассисони зарурӣ мегардад, ки барои эҷоди имиҷи дархостшаванда ва бовариноки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд. |
| Пешниҳоди тадбирҳо маркетингии ба ҷалби донишҷӯён ва воситаҳои молиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чун аз ҷиҳати стратегӣ муҳим равонагардида | Ҷудо намудани воҳиди корӣ оид ба ташкили фаъолияти маркетингӣ ё аутсорсинг чораи зарурӣ барои аз буҳрон баровардани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Чизи асосӣ он аст, ки вазифаи мутахассис оид ба маркетинг дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷиҳати стратегӣ муҳим буда, масъулияти иҷрои он бояд ба шахс ё шуъбаи муайян вогузор гардад. Он набояд ба мисли аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки кӯшиши сусти аз вазъияти баамаломада баромаданро доранд, дар байни муовинони ректор, муовинон ва омӯзгорон тақсим шавад. |

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст.

Ҷамъбасти таҷрибаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба мо имкон дод, ки як қатор хулосаҳои назарӣ барорем. Пеш аз ҳама, гуфтаҳои олим И.М. Илинскийро ба хотир меорем. Ӯ одилона қайд карда буд, ки ғоя оид ба хосияти пешгузарии рушди таҳсилот қисмати таркибии калидии муносибати нави низоми таҳсилот мебошад. «Ин чунин сатҳи соҳибияти

эҷодии донишҳои бунёдӣ ва муҳимро пешбинӣ менамояд, ки ба одам имконият хоҳад дод на танҳо барои ивазшавии мавҷмонанд фурсат ёбад, балки ҳам истеҳсолот, техника ва технологияи нав ва ҳам роҳҳои нави азхудкунии донишҳоро ташаккул дода, пеш гузарад».[43] Дар ҳақиқат таҳсилот махсусан дар низоми таҳсилоти олии касбӣ бояд хосияти пешгузарандагӣ дошта бошад, чунки маҳз дар ҳамин раванд тартиб додан ва сохтани воқеияти нав ба амал меояд. Ҳангоми чунин рушд инкишофи пешгузарандаи сифати инсон, умуман неруи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ дар ҳазорсолаи нав таъмин карда мешавад.

Хосияти пешгузарандаи таҳсилот ба хатмкунандагон имкон медиҳад, ки на танҳо ба муҳити берунӣ ва шароити тағйирёбанда бомуваффақият мутобиқ шуда, эҳтиёҷоти шахсиятҳо, фардҳо, ҷомеа ва иқтисодиётро қонеъ гардонанд, балки ба ҳолати ҷомеа таъсири хуб расонида, инчунин бо дарназардошти диди илмӣ, пешгӯйи ояндаи наздик ва дури рушди тамаддунии мамлакат эҳтиёҷоти онҳоро пешбинӣ намоянд ва ташаккул диҳанд.

---

[43] Ильинский И.М. Путь к успеху [Текст] / И.М. Ильинский. – Москва, 2004. – С. 66.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ТАШАККУЛИ ИМИҶИ МУСБАТИ МУАССИСАҲОИ СОҲАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Такмили механизмҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилотӣ олии касбӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ як қатор хусусиятҳои махсусро дар раванди ташаккул, мониторинг ва ислоҳи имиҷи онҳо муқаррар намуд, ки аз принсипҳои бунёдии иқтисоди бозорӣ сарчашма мегиранд. Пеш аз ҳама, тиҷоратикунонии имиҷ ё истифодаи тиҷоратии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақозо карда мешавад. Бинобар ин, таҳқиқи хусусиятҳои нисбатан муҳимми муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи таҳсилот зарур мебошад. Ин имкон медиҳад талабот ва шартҳое муқаррар ва асоснок карда шаванд, ки ба назар гирифтани онҳо ҳангоми такмили имиҷ дар низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, самти ташаккул ва ислоҳи он тибқи ҳадафҳо ва вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур мебошанд. Яке аз хусусиятҳое, ки бо имконияти маҳдуди истифодаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд мебошад, таъсири миқёс ва истифодаи мустақими афзалиятҳои имиҷи калон дар раванди нархгузорист. Таҷрибаи ҳаёт нишон медиҳад, ки имиҷи мусбат метавонад барои баланд бардоштани нархи хидматрасониҳои таҳсилотии аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳодшаванда асос гардад. Аммо бояд қайд кард, ки нисбат ба истифодаи таъсири миқёс фарқияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз дигар корхонаҳои соҳаи иқтисодиёт вуҷуд дорад. Ҳамон тавр ки маълум аст, масалан, корхонаи саноатӣ мумкин аст мақсад дошта бошад, ки аз ҳисоби баланд бардоштани нарх на ин ки фоидаро ба ҳадди аксар расонад, балки баръакс баландравии нархро нигоҳ дошта, ба афзуншавии микдори фурӯш ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот комёб гардад. Он кӯшиш менамояд, ки технология, ташкили истеҳсолот ва ғайраҳоро такмил дода, бо ҳамин роҳ арзиши аслии маҳсулотро коҳиш диҳад ва аз ҳисоби ин фоидаро зиёд гардонад. Дар мавриди муассисаҳои таҳсилоти

олии касбӣ метавон гуфт, ки онҳо аз зиёд шудани қабули донишҷӯён фоидаи маҳдуд доранд, чунки амалан имкони маҳдуди шумораи гурӯҳҳои академӣ ё маҷмуи донишҷӯёни якҷо таҳсилкунанда вуҷуд дорад.

Баробари зиёд шудани шумораи донишҷӯён тағйирёбии хароҷоти шартию доимӣ, яъне камшавии ҳиссаи онҳо дар арзиши таҳсили як нафар донишҷӯ эҳсос мегардад. Аз тарафи дигар, ҳолати маҳдудсозӣ дар ҷанбаи шумораи ҳадди ақали гурӯҳи таълимӣ ба амал меояд, ки бо нуқтаи безарарӣ алоқаманд мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳисобкунии безарарӣ низ фарқ мекунад, чунки тамоюли тағйирёбии номураттаби хароҷот барои пардохти музди меҳнати омӯзгорон ва андози ягонаи иҷтимоӣ ҳангоми зиёдшудани ҳайати донишҷӯён пайдо мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инчунин имкони кофии сарфа намудани хароҷоти доимиро надоранд, чунки дар онҳо  расмиётчигӣ ва коғазбозӣ ниҳоят зиёд буда, ҳаҷм ва дар бисёр мавридҳо гардиши ҳуҷҷатҳо, алалхусус дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ ба тартиб даровардa шудаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки вақтҳои охир дастгоҳи маъмурии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёдтар шудааст. Гарчанде дар фаъолияти идоракунӣ истифода кардани технологияи нави иттилоотӣ ва воситаҳои техникаи ҳисоббарор  барои коҳиш додани дастгоҳи куҳнаю коғазбози муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имконият фароҳам созад ҳам, онҳо барои кам намудани он кӯшиш намекунанд.

Дар шароити низоми иқтисодиёти бозорӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муҳити берунии нисбатан мураккаб ва мушкил амал мекунанд. Ба сатҳи фаъолияти онҳо на танҳо механизмҳои идоракунандагии давлат (чунки дар бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ давлат субъекти асосӣ мебошад), балки инчунин бозор ва механизмҳои бозор таъсир мерасонанд. Дар ин шароит, табиист, ки ҳаҷм ва маҷмуи иттилоот зиёд гардида, барои ҷамъоварӣ, ба тартиб даровардан, коркард ва таҳлили онҳо хароҷоти зиёд тақозо мешавад ва дар асоси он қарор оид ба идоракунӣ қабул мегардад. Ҳамин тавр, новобаста ба шумораи ҳайати донишҷӯён ба дастгоҳи идоракунӣ сарборӣ зиёд мешавад. Ва ин сабаби он

гардид, ки дар ҳоли ҳозир шумораи ҳайати кормандони маъмурӣ кам намегардад ва мутаносибан миқдори хароҷоти доимӣ коҳиш намеёбад.

Ҳамаи ин ҳолатҳои номбаршуда боиси он гардиданд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аввалан дар раванди муайян кардани нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ кӯшиш мекунанд, ки шуҳрат ва имиҷи худро ба ҳисоб гирифта, мавриди истифода қарор диҳанд, яъне нархи хидматрасониҳоро баланд бардоранд. Вале баланд рафтани нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ солҳои охир нигоҳ дошта шудааст,чунки маҳдуд будани захираҳои молиявии аҳолӣ ва оилаҳои сокинони ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад. Агар ба таври воқеӣ баҳогузорӣ намоем, имрӯзҳо оилаҳои тоҷик, волидон нақши муҳим, аҳаммияти дониш ва неруи инсониро бароиояндаи фарзандони худ дарк кардаанд ва омода ҳастанд, ки дар ивази маблағҳои зиёд ба фарзандони худ ихтисоси хуб ва таҳсилоти олии касбӣ диҳанд. Дар давраи солҳои 2014-2020 хароҷоти онҳо барои таҳсилот умуман 61,2% афзоиш ёфтааст. Аммо, мутаассифона буҳрони молиявӣ - иқтисодии солҳои охир (вобаста ба КОВИД19) имконоти онҳоро маҳдуд кард. Ғайр аз ин, солҳои охир барзиёдии пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотӣ нисбат ба талабот дида мешавад.

Ҳамин тавр, раванди вобастагии нархро ба омилҳои имиҷ ва даромади оилаҳо фаъол гардонид. Дар ин шароит зарурати таҳлили даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ ва баҳисобгирии он ҳангоми муайян кардани нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ ба миён меояд. Дар айни замон тафрикаи табиии иҷтимоии ҷомеа сурат гирифтааст. Таҳлил нишон дод, ки миқдори даромади оилаҳои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба оилаҳои толибилмони таҳсилоти миёнаи касбӣ 1,5 баробар баландтар мебошад. Пурсиши дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ (500 нафар) анҷомдода нишон дод, ки дар 81,1% донишҷӯёни пурсидашуда даромади солонаи оилаҳои онҳо ҳудуди аз 10000 то 12000 сомонӣ ва 73,4% донишчуёни муасисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 5000-6000 сомониро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, сатҳи даромади оилаҳое, ки фарзандони онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

таҳсил мекунанд нисбат ба оилаҳое, ки фарзандони онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мехонанд, ба таври назаррас баландтар мебошад. Ва албатта, андозаи даромади кофӣ барои нигоҳдорӣ ва афзун намудани сармояи иҷтимоии оилавӣ нигаронида шудааст. Ва онҳо бо омодагии зиёд барои бартараф намудани монеаҳо дар роҳи таҳсилоти олиро ба даст овардани фарзандон талош мекунанд. Гурӯҳҳо тибқи даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи даромади пулии миёнаи моҳона ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомонӣ) дар ҷадвали 3.1. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.1. - Тақсимоти хоҷагиҳои хонагӣ ва аҳолӣ ба онҳо аз рӯи миқдори даромади умумии пулии ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Гурӯҳи даромадҳо | Соли 2013 | | Соли 2021 | |
|---|---|---|---|---|
| | Шумораи хоҷагиҳои хонагии таҳқиқшаванда | Аҳолӣ дар онҳо | Шумораи хоҷагиҳои хонагии таҳқиқшаванда | Аҳолӣ дар онҳо |
| Ҳамагӣ | **2952** | **17119** | **3000** | **16672** |
| - то 120,0 | 8,6 | 10,2 | 99 | 667 |
| 120,01- 160,00 | 8,7 | 10,2 | 117 | 850 |
| 160,01- 200,00 | 8,9 | 9,6 | 207 | 1467 |
| 200,01- 240,00 | 8,3 | 8,7 | 225 | 1467 |
| 240,01-280,00 | 7,2 | 7,2 | 264 | 1717 |
| 280,01- 320,00 | 6,3 | 6,0 | 264 | 1634 |
| 320,01-360,00 | 5,6 | 5,1 | 243 | 1434 |
| 360,01-400,00 | 4,2 | 3,8 | 225 | 1217 |
| 400,01- 440,00 | 4,1 | 3,5 | 162 | 850 |
| 440,01- 480,00 | 2,9 | 2,6 | 159 | 817 |
| 480,01- 520,00 | 2,7 | 2,4 | 141 | 700 |
| 520,01- 560,00 | 2,1 | 1,8 | 114 | 517 |
| 560,01- 600,00 | 2,0 | 1,8 | 105 | 500 |
| 600,01- 640,00 | 1,6 | 1,3 | 72 | 350 |
| 640,01- 680,00 | 1,3 | 1,0 | 66 | 300 |
| 680,01- 720,00 | 1,2 | 1,0 | 57 | 250 |
| 7200,01-760,00 | 1,0 | 0,8 | 51 | 233 |
| 760,01 -800,00 | 1,0 | 6,7 | 51 | 217 |
| – 800,01 *ва баландтар* | | | 378 | 1485 |

**Сарчашма:** Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқи буҷетҳои хоҷагиҳои хонагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, – С. 20; Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқи буҷетҳои хоҷагиҳои хонагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022, – С. 19.

Соли 2021 дар таҳқиқоти интихобӣ 3000 адад хоҷагии хонагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки миқдори 16672 нафарро фаро хондаанд. Ин хоҷагиҳои хонагӣ ҳамонанд буда, ҳолати умумии оилаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд. Ҳамон тавр ки маълумоти ҷадвали 3.1.1. нишон медиҳад, соли 2021 46,6% аҳолӣ соҳиби даромади пулии миёнаи моҳона ба ҳар сари аҳолӣ аз 120 то 400 сомонӣ, дар муқобили 67,2% дар соли 2013, 27,6% аз 400 то 640 сомонӣ дар муқобили 15,9% дар соли 2013 ва 8,1% дар муқобили 10,8 % дар соли 2013 аз 640 то 800 сомонӣ будаанд. Тавре ки дида мешавад, зиёда аз 70 % аҳолии ҷумҳурӣ маҳдудияти захираҳои молиявиро эҳсос мекунанд. Ва ин сабаби асосии сатҳи пасти талабот ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ мебошад.

Ба ин метавон илова намуд, ки дар асоси пурсише, ки мо дар байни аҳолии шаҳри Душанбе анҷом додем (500 нафарро фаро гирифта буд) маълум гардид, ки вазъи моддии оилаҳо ба тариқи зайл мебошад (бо фоиз аз шумораи пурсидашудагон):

- даромади дарёфтгардида танҳо барои хӯрдан мерасад – 24 %;
- даромад барои харидани либос ва пойафзол намерасад – 21 %;
- барои харидани либос ва пойафзол мерасад, аммо барои харидани техникаи калони маишӣ басанда нест – 45 %;
- даромад барои харидани техникаи калони маишӣ басанда аст, аммо барои харидани хона намерасад – 9 %;
- мушкилоти молиявиро ҳис намекунем; ҳангоми зарурат метавонем хона ба даст орем – 1 %.

Вале дар натиҷаи пурсиш мо ҳодисаи ғайриодиро мушоҳида намудем, яъне дар оилаҳои тоҷик ҳисоби хароҷот вуҷуд доштааст. Онҳо ҳатто ҳангоми миқдори ками даромад доштан, омода ҳастанд, ки хароҷоти таҳсили фарзандони худро рӯйпӯш карда, онро бар зарари дигар хароҷот барои таҳсилот сарф менамоянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар байни аҳолии ҷумҳурии мо арзиши баланди таҳсилоти олӣ қадр карда мешавад.

Баъдан барои муайян кардани таъсири имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба арзиши таҳсилот мо таҳқиқотро идома додем. Дар ин ҷо барои муайян кардани арзиши таҳсилот баҳогузории шахсии респондентро, ки нархи эҳтимолии ҳадди ақалли хидматрасониҳои таҳсилотӣ, яъне пардохти солонаро (масалан, таҳсил дар ихтисоси иқтисодӣ) хоҳиш намуда буданд, қабул намудем. Пурсиш оилаҳоеро фаро гирифт, ки онҳо ният доштанд ба яке аз калонтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе қабул шаванд. Онҳо асосан мақсад доштанд, ки ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистонн ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва ғайраҳо дохил шаванд. Аҳолӣ оид ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шаҳр на танҳо аз тариқи ВАО иттилоот доштанд, балки ин қабил иттилоотро аз хатмкунанадагони ин донишгоҳҳо, бо роҳи ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дидан ва суҳбатҳо доштан бо донишҷӯёни ин муассисаҳо ва ғайраҳо ҷамъ карда буданд. Натиҷаи пурсише, ки мо моҳи майи соли 2021 дар байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба мақсади онҳо барои ба кадом муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул шудан анҷом додем, дар ҷадвали 3.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2. - Баҳогузории умумии довталабон оид ба имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шаҳри Душанбе**

| | **ДМТ** | **ДТТ** | **ДСТР** | **ДТТ** | **Дигар муассисаҳо** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Интихоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз шумораи пурсидашудагон, нафар** | 272 | 229 | 217 | 232 | 50 |
| **Бо %** | 27,2 | 22,9 | 21,7 | 23,2 | 5 |

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст.

Аз рӯи тавзеҳи респондентҳо муайян карда шуд, ки гурӯҳи омилҳои ба баҳогузории имиҷ таъсиркунанда вуҷуд доранд. Масалан, ба омилҳои асосӣ инҳо мансуб мебошанд:

- мавҷуд будани кафедраҳои ҳарбӣ ва имкони дарёфти ихтисоси ҳарбӣ;
- имкони бо кор таъмин шудан пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- мавҷуд будани хобгоҳ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таъмин намудани донишҷӯён бо он;
- имкони дарёфти даромадҳо ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ ё маош дар отрядҳои донишҷӯён.

Аз рӯйи ин омилҳо афзалияти рақобатиро асосан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистонн ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соҳиб буданд, ки он дар баҳогузории имиҷи онҳо инъикос ёфта буд.

Ғайр аз ин, омилҳое муайян карда шуданд, ки бо ҳолати шахсӣ, бартариҳои шахсӣ ва инчунин хусусиятҳои равонии шахсияти респондентҳо, ки ҳангоми баҳогузорӣ онҳоро ба назар гирифтан мушкил буданд, алоқаманд мебошанд. Ба ғайр аз ин, баҳогузории имиҷ аз тарафи респондентҳо аз рӯйи тахассус фарқ мекунад. Масалан, баҳогузории респондентҳое, ки ба ихтисосҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ доштанд, аз баҳогузории респондентҳое, ки ба дигар ихтисосҳо (ғайрииқтисодӣ) майл доштанд фарқ мекунад. Ҳамин тавр, имиҷ раванди мураккаб мебошад, чунки истеъмолкунандагон онро бо тарзҳои гуногун, масалан, вобаста ба манфиати субъективии онҳо баҳогузорӣ менамоянд.

Барои муқоисаи имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар адабиёти иқтисодӣ як қатор низомҳо ва методҳои ченкунӣ истифода мешаванд. Ҳангоми таҳқиқот мо инчунин рейтингҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар намудем. Дар ин ҷо, методро дар мисоли баҳогузории 10 коршиноси имиҷи се муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла Донишгоҳи милли Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистонн ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додем. Коршиносон бо

дарназардошти муносибатҳои худ рейтингҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии номбаршударо муайян кардаанд. Ҳангоми ин рейтингҳои якранг ҳамчун қимати миёна муқаррар гардида, ба ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мансуб дониста шудаанд, ки рейтинги якранг ё рейтинги гурӯҳиро гирифтанд. Баҳогузории имиҷи ҳар як донишгоҳ аз рӯйи формулаи зер муайян карда шуд:[44]

$$Иi = M + Ii - Pi \quad ,$$

Иi – баҳогузории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; *М* – шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳогузоришаванда; *Pi* – рейтинги имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки коршиносон гузоштаанд. Дар ин ҷо *Ii* – баҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; *Pi* – рейтинги имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки респондентҳо гузоштаанд. Баҳисобгирии баҳогузории умумии имиҷ ҳамчун ҳисоби миёнаи одӣ аз рӯйи формулаи зерин муайян карда шудааст: I = ΣИi / N, ки дар ин ҷо *N*– миқдор (коршиносон) мебошад.

**Ҷадвали 3.3. - Намунаи баҳогузории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| Коршиносон | Рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | | Баҳогузории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ДМТ | ДТТ | ДТТ | ДМТ | ДТТ | ДТТ |
| 1 | 1 | 2 | 1,5 | 2 | 2 | 2,5 |
| 2 | 2 | 2 | 1 | 2 | 2 | 3 |
| 3 | 2 | 2 | 1,5 | 2 | 2 | 2,5 |
| 4 | 1 | 2 | 2 | 3 | 2 | 2 |
| 5 | 1,5 | 3 | 2 | 2,5 | 1 | 2 |
| 6 | 2 | 2,5 | 1 | 2 | 1,5 | 3 |
| 7 | 1,5 | 2 | 1 | 2,5 | 2 | 3 |
| Ҷамъи баҳогузории имиҷ | | | | 16 | 12,5 | 18 |
| Баҳогузории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | | | | 2,28 | 1,78 | 2,57 |

**Сарчашма:** Коркарди муалифии натиҷаи арзёбии коршиносон

Чунин методикаи одӣ барои ченкунии имиҷ ва баҳогузории рақобатпазирии он нисбат ба рақиби барои баҳогузорӣ интихобшуда

[44] Звездочкин Ю.Ю. Имидж-система университета [Текст] / Ю.Ю. Звездочкин. - Москва, 2009. – С. 68.

ниҳоят мувофиқ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир дар шароити тезутунд гардидани рақобат оид ба ташкили тимсоли мусбат ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷуръат карда истодаанд, чунки он омили асосии баланд бардоштани нархи хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва устувории молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мегардад.

Таърихи пайдоиш ва рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пешбари ҷаҳон исбот менамоянд, ки шуҳрат на танҳо категорияи ахлоқӣ-одобӣ мебошад, балки комилан моддӣ буда, он ҳамчун дорой қобилият дорад, ки даромади калон орад ва омили мустаҳкамкунандаи мавқеи рақобатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳисоб ёфта, дар шароити муборизаҳои рақобатӣ афзалияти онро таъмин намояд. Имиҷи мусбати муассиса барои довталабон, донишҷӯён ва хатмкунандагони худ аҳамияти калони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфуз ва машҳур ғайр аз эҳсоси ифтихор, инчунин дар ҷомеа мақоми баланди иҷтимоӣ дошта, дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошанд ва барои болоравии мансабӣ имкон доранд. Ҳамон тавр, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, хатмкунандагон-кадрҳои донишгоҳҳои бонуфуз зуд бо кор таъмин гардида, музди меҳнати аввалини онҳо ба ҳисоби миёна аз дигар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 25-30% зиёдтар аст ва инчунин 2-3 сол пештар инкишофи болоравии мансабӣ мушарраф мегарданд. Бо дарназардошти ин ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ лозим аст имиҷи корпоративиро, ки дорои ҳолатҳои зер мебошад, инкишоф диҳанд: таърихи пайдоиш ва рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, машҳур будани он дар доираи касбии ҷомеа; устуворӣ ва муназзамии он ва инчунинояндаи рушди тахассусӣ; сатҳи касбият, машҳур будани олимон ва омӯзгорони дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ коркунанда; андешаи

донишҷӯён оид ба ташкили раванди таълим ва муҷаҳҳаз будани он; шаффофият ва алоқамандии муассиса бо муҳити берунӣ ва ғайраҳо.

Дар айни замон имиҷи ватании муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври худ ба худ ташаккул ёфта истодааст. Фаъолгардонии таъсиси имиҷ дар ҳоли ҳозир муносибати ҷиддиро ба он тақозо менамояд. Ба ташкили имиҷ диққат додан зарур аст. Ҳамон тавр ки дар боби қаблӣ қайд намудем, он аз таъсиси модел оғоз гардида, интихоби стратегия ва тактикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташаккулёбии вазифаи он, таҳқиқи эҳтиёҷот, манфиатҳо, интизориҳои одамонро дар дохил ва беруни муассиса дар бар мегирад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама бояд ба масъалаҳои зер диққати ҷиддӣ дода шавад: а) интихоби объекти ташаккули имиҷ; б) муқаррар намудани иштирокчиён ва идоракунандагони имиҷ; в) муайян кардани агентҳои ба имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври мусбат ё манфӣ таъсиркунанда. Ба гурӯҳи охирин намояндагони ҷомеаи васеъ, рақибон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ВАО-ро мансуб донистан мумкин аст. Ташкили модели имиҷ ба иттилооти зарурие асос меёбад, ки барои иқдомҳои баъдии марҳалаҳои таъсис зарур мебошанд. Марҳалаҳои таъсис бо самтҳои зерини фаъолият алоқаи ногусастанӣ доранд:

1. Коркарди маҷмааи (комплекси) тадбирҳои суроғавӣ, ки ҳам дар муҳити дохилӣ ва ҳам дар муҳит берунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешаванд. Ин тадбирҳо бояд ба як ё якчанд объекти ташаккули имиҷ равона гардида, инчунин дорои мақсади мушаххас бошанд. Онҳо инчунин муҳтаво ва интихоби унсурҳои модели (сохтори) имиҷро муайян мекунанд ва бояд омилҳои таъсир, воситаҳо ва методҳои амалисозӣ ташаккул ёбанд.

2. Ташкил кардани имиҷ бояд ҳамчун фаъолияте бошад, ки ба таъсиси шароит ва муҳит барои меҳнати коллективии мутахассисон ва дигар ҳайати кормандони ба ташкил, таъсис ва дастгирии имиҷ ҷалбшаванда равона гардад.

3. Ташкили такмили низоми идоракунии кормандон, коллективи меҳнатӣ ва равандҳо ҳангоми ташаккули имиҷ.

Дар раванди коркарди унсурҳои тадбирҳо тибқи алгоритми умумии зерин амал намудан зарур мебошад (расми 3.1.).




**Расми 3.1. - Алгоритми омодакунӣ ва амалисозии тадбирҳо**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Гарчанде мақсади мушаххаси ҳар як тадбири дорои меъёрҳо дарёфти он ва бомуваффақиятии чорабинӣ бошад ҳам, аммо имиҷ-менеҷменти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мақсади умумӣ доранд, ки он дарёфти садоқати субъектҳои ташаккули имиҷ ва субъектҳои бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ мебошанд. Аз ин ҷо равшан дида мешавад, ки ин мақсадҳо дар сабаб ва рафтори ин субъектҳо ва интихоби онҳо зоҳир мегарданд. Агар арзишҳои садоқат доштани иштироккунандагон ё субъектҳо нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ риоя гардад, ин равандҳо метавонанд ба қайд гирифта шаванд. Аз ин ҷо метавон тасдиқ намуд, ки ченкунии муваффақияти интизорӣ ё бебарорӣ дар ҷанбаи

дарёфти мақсадҳои вогузоршуда амалӣ карда шудааст. Дар асоси таҳлили равандҳои иҷрои тадбирҳо мушаххас метавон дар бораи такрори рӯзмарраи он қарор қабул карда шавад. Ҳангоми ин ҳолат чунин тадбирро ҳамчун ҳамонанд баррасӣ намудан мумкин аст, чунки ҳисоб меёбад, ки барои объекти таъсир, мақсад, муҳтавои асосӣ, маҷмуи воситаҳо ва методҳои таъсир ба он бидуни тағйирот боқӣ мемонад. Вобаста ба вазъияти баамаломада метавон таҳрири нақша ва сенарияро анҷом дод. Дар ин раванд онҳо чун қоида, бо далелҳову маводи нав ва ғайраҳо такмил хоҳанд гардид. Ҳамин тавр, ташкили тадбирҳои монанд ба имиҷ таъсири мусбат хоҳад расонд, чунки он барои ошкор кардан ва бартараф намудани камбудиҳо, саҳвҳои методҳо ва воситаҳои ғайрисамаранок имкон фароҳам сохта, тадбир, интихоби шаклҳои таъсир ба объектҳои ташаккули имиҷро беҳтар намуда ва инчунин хароҷоти идоракунии онҳоро аз ҳисоби кам кардани хароҷот ва муҳлати омода кардан ва ба роҳ мондани тадбири навбатӣ ва хароҷоти коркарди он коҳиш медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ташкили имиҷ ва коркарди тадбирҳо барои ташкили он зарур аст, ки ба таври диалектикӣ бо бренд ва брендинг алоқаманд будани ташаккули имиҷ ба назар гирифта шавад, чунки имиҷро ҳамчун унсури зарурии бренд - тимсоли он баррасӣ менамоянд. Мавзуи брендинг дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар чоряки охирини асри XX ба объекти баҳси илмӣ табдил ёфта буд. Маҳз ҳамон вақт муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Аврупо ва ИМА барои довталабон ба рақобати глобалӣ фаъол гардиданд, ки боиси консентратсияи кӯшишҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ташкили бренд шуд. Фаҳмиши аҳаммияти брендинг дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аслан дар аввалҳои солҳои 2000-ум ташаккул ёфт. Дар он вақт муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пешбар воситаҳои тафриқакунандаи мавқеъсозиро мавриди истифода қарор дода, хароҷоти калонро барои пешравии бренд ташаккул доданд. Ҳар яки онҳо дар мафҳуми «бренди муассисаи

таҳсилотӣ» саҳмгузорӣ намуда, ҷузъи таркибии мушаххасро ҷудо менамояд. Масалан, меъёри «Бренд» дар рейтинги миллии донишгоҳҳо, ки ҳар сол дар охири соли таҳсил аз тарафи агентии иттилоотии «Интерфакс» ба нашр мерасад, нишондиҳандаҳоро ба монанди шуҳрати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳо, муваффақиятнокии хатмкунандагон, комёбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар беҳтар кардани элитаҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, фаъолияти оммавӣ ва коршиносии намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, машҳур будани онҳо олӣ дар байни ҷомеаи академии хориҷиро дар бар мегирад.[45]

Бинобар ин, ба роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на ин ки пешравии самтҳои мушаххас, балки пешравии худи муассиса зарур мебошад. Ин дар шароити тағйирёбии доимии вазъи бозор ва ҳамеша тақвият ёфтани рақобат афзалият ба бор хоҳад овард. Рекламаи одию маъмулӣ, дигар довталабони муосирро ҷалб намекунад, барои онҳо назар ба ваъдаҳои одии дарёфти таҳсилот чизи бештар лозим аст, ҳатто бигзор сухан дар бораи таҳсилоти баландсифат равад, онҳо ба муваффақият, ба болоравии мансабӣ, бовар ба оянда, сатҳи муайяни тарзи ҳаёт майлу рағбат доранд ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои онҳо ҷаҳиш ба ҳаёти «беғубору хушбахтона» мебошад. Ҳамин тавр, барои дархостшаванда будан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки барои ташкил кардан ва нигоҳ доштани бренди худ машғул шавад. Калимаи “бренд”-ро бо маънои маҳдуд метавон ҳамчун тимсоли тамғаи хидматрасониҳои таҳсилотӣ дар шуури истеъмолкунанда, ки ӯро дар қатори рақибон ҷудо менамояд баррасӣ намуд. Брендинг – раванди ташкил ва рушди бренд, маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки барои ташкили тимсоли хидматрасониҳо дар тафаккури истеъмолкунандагон равона

[45] Костина С.А. Брендинг вузов как один из важнейших направлений деятельности [Текст] / С.А. Костина // Международный студенческий научный вестник. - 2015. - № 4-1. – С. 43.51; Брендинг вуза и его основные этапы [Электронный ресурс]. – Режим доступа:https://mebelveles.ru/brending-vuzov-stati-brending-vuza-i-ego-osnovnye-etapy-chto-i.html., открытый (дата обращение: 29.03.2021)

гардидааст. Раванди брендинги муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба аз тарафи роҳбарият фаҳмидани мақсадҳо ва ҳам худи раванди брендинг асос ёбад. Зимнан, лозим ба ёдоварист, ки на брендинги хидматрасониҳои таҳсилотӣ, балки брендинги худи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ташкил намудан зарур аст. Ташкили бренди қавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ афзалиятҳои баҳснопазири зерро медиҳад:

- мувофиқ будани истеъмолкунандагонро ташаккул медиҳад;
- сатҳи озмунро баланд мебардорад, ки барои қабул кардани довталабони нисбатан омодашуда имконият фароҳам меорад;
- миқдори хоҳишмандони пулакӣ таҳсилкунандаро зиёд менамояд, ки дар натиҷа ҳаҷми воситаҳои ғайрибуҷетӣ афзоиш меёбад;
- барои ба сатҳи сифатан нав гузаштан ва ба оянда бо боварии том нигаристан имкон фароҳам меорад.

Ҳамаи инҳо имконият медиҳанд, ки дар муборизаи рақобатнок на танҳо метавон ғолиб омад, балки барои рушди стратегии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ асос гардид. Ҳамин тавр, ташкили бренд воситаи махсуси ташаккул ва нигоҳдории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Гарчанде масъалаи ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирад ҳам, вале онро бояд ба назар гирифт, ки дар таҷриба бояд идоракунии имиҷ ва идоракунии брендинг мувофиқат намоянд. Онҳо якдигарро комил карда, имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро баланд мебардоранд. Илова бар ин, онро ба назар гирифтан зарур аст, ки дар байни идоракунии имиҷ ва идоракунии бренд фарқ вуҷуд дорад. Идоракунии имиҷ ҳам ба дохили ташкилот ва ҳам ба муҳити берунӣ равона шудааст, идоракунии брендинг мақсади ба харидори хидматрасониҳо таъсир карданро дорад. Аз ин ҷо дида мешавад, ки имиҷ аз рӯйи муҳтавои худ нисбат ба бренд васеътар аст, бинобар ин бояд бренд ҳамчун яке аз унсурҳо ва шаклҳои истифодаи имиҷ мавриди баррасӣ қарор гирад. Ин фарқият дар низоми идоракунии

маркетинг ва PR нисбатан баръало инъикос меёбад. Аммо, ин фарқ дар байни идоракунии имиҷ ва брендинг ягон ихтилофоте ба вуҷуд намеорад.

Ҳамон тавр ки аз фаъолияти маркетингии ташкилот маълум аст, бренди қавӣ на танҳо арзиши ширкатро зиёд мегардонад, балки ба он имкон медиҳад, ки ҳамарӯза даромади нисбатан калонро ба даст орад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми доштани шароити баробар мол ва ё хидматрасонии брендшударо нисбат ба рақибон ҳадди ақал 10% гаронтар фурӯхтан мумкин аст. Ҳамин тавр, имиҷ ва бренд муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро барои истеъмолкунандагони хидматрасониҳо махсустар ва ҷолибтар намудор месозанд. Бинобар ин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки ба бозор маҷмуи хидматрасониҳои асосӣ ва иловагии монандро пешниҳод менамоянд, ба имиҷ ва бренд бештар аҳаммият медиҳанд, чунки онҳо хуб дарк мекунанд, ки имиҷ ва бренд дар муборизаи рақобатӣ барои маблағи истеъмолкунанда нақши муҳим ва калидӣ доранд. Ташкили сохтани имиҷ аз таъмини амалкарди бо ҳам алоқаманди ҳамаи ҷузъҳои таркибии раванди ягонаи таъсиси имиҷ иборат мебошад, ки дар таҷриба тавассути воҳидҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ҳангоми ташкил ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки тадбирҳоро тибқи гурӯҳҳои дохилӣ ва берунии имиҷ ҷудо намоянд.

Имиҷи дохилии муассисаи таҳсилотӣ тадбирҳоро дар бар мегирад, ки дар ҷадвали 3.4. оварда шудааст.

Дар мавриди ороиши умумии бино ва иншооти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқ и анъанаҳо ва хусусиятҳои фаъолият профессор Шепел В.М. қайд намуда буд, ки «набудани варақаи боздид ҳам риоя накардани одоби муоширати ва ҳам содалавҳона мебошад, алалхусус фазои чиркини офис ва утоқҳои корӣ ба шуҳрату обрӯи ширкат барои риояи тозагии умумӣ дар тамоми ҳудуд зарариислоҳнопазир ворид месозад»[46]. Барои ташкил намудан ва баланд бардоштани имиҷи берунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкили чунин тадбирҳо ба мисли

[46] Шепель В.М. Имиджелогия: секреты личного обаяния [Текст] / В.М. Шепель. – М.: ЛИНКА – ПРЕСС, 1997. – С. 53

ҷаласаҳои боз, семинарҳо, конференсияҳо барои шунавандагоне, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шавқмандӣ доранд, накши муҳим доранд.

**Ҷадвали 3.4. - Тадбирҳо доир ба баланд бардоштани имиҷи дохилию берунии муассисаи таҳсилотӣ**

| Тадбирҳо | Мазмуни асосӣ |
|---|---|
| **1.Доир ба имиҷи дохилӣ** | |
| Фаъолите, ки барои татбиқ ва мустаҳкам намудани анъанаҳо ҳайати кормандон барои ташкили рӯҳияи муттаҳидӣ равона гардидааст | Навсозии эҷодии равандҳои таҳсилотӣ, қадршиносии муназзами моддӣ ва маънавӣ, таҷлили идҳо, таҷлили идҳои махсус, аз қабили рӯзи ташкилшавӣ ва ғайраҳо ба корманд имкон фароҳам месозад, ки худро барои коллектив шахси зарурӣ эҳсос карда, барои иҷрои ҳадафҳои умумӣ шавқманд буда, кӯшиш намояд, ки ба ҳамин коллектив мутобиқ шавад. |
| Эҷоди низоми ҳавасмандиҳо барои ташаккули имиҷи мусоид. | Ин коркарди механизмҳои психологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳавасмандгардонии кормандон, ҳайати кормандон ва шавқмандии онҳоро барои ташаккули имиҷи мусоиди муассисаҳои таҳсилотӣ пешбинӣ менамояд |
| Ороиши умумии бино ва иншооти муассисаҳои таҳсилотӣ тибқи анъанаҳо ва хусусиятҳои фаъолият ва имкониятҳои молиявии онҳо. | Намо ва сабки бино бояд ба вазифаҳои он таъсир расонад ва бо сабку намои умумӣ (масалан, ба гаммарангҳо бояд тобовар буда, дар дарҳо навиштаҷоти вазифавии ба услуби ягона иҷрошуда дошта бошад) мутобиқат кунад. Аз ин рӯ, мавҷудияти услуб вуҷуд доштани миқдори зиёди навиштаҷоти роҳнамокунандаи босаводонаро истисно накарда, балки онро пешбинӣ менамояд. |
| **Доир ба имиҷи беруна** | |
| Таҳияи шаклҳои гуногуни воситаҳои рекламавӣ | Варақаҳо, буклетҳо, бюллетенҳо, маҳсулоти сувенирӣ ва ғайраҳо бо мақсади фаъол гардонидани имиҷи дархостшаванда. |
| Истифодаи имконоти ВАО, ИТ- технология | Интернет ва телевизион барои тарғиби муваффақиятҳои муассисаи таҳсилотӣ; |
| Истифодаи фаъолонаи атрибутҳои берунӣ дар тамоми шаклҳои фаъолияти имиҷӣ | Аломатҳо, рамзҳо , парчам ва таблиғоти ҳаракаткунанда, ки ҳамчун унсурҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими хидмат мекунанд. |
| Робитаҳои устувор бо аҳли ҷомеа | Ба роҳ мондани PR-тадбирҳо: ташкили рӯзҳои дарҳои кушода, рӯнамоҳо, иштирок дар намоишгоҳҳои махсусгардонидашуда, ярмаркаҳои таҳсилотӣ ва ғайраҳо |
| Ташкили алоқаҳои аксии доимӣ | Ба таҳлили самаранокии тадбирҳои амалишаванда (таъсиси гурӯҳҳои эҷодии муваққатии омӯзгорон ва хонандагон бо мақсади ба роҳ мондани таҳқиқоти маркетингии пешгӯйишаванда имкон медиҳад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Аслан дар марҳалаи ташкил (сохтан) низоми ташаккул ва идоракунӣ, дастгирӣ, таҳириру навсозии имиҷи ташаккулёфтаи муассисаи таҳсилотӣ

таъсис ва коркард мешавад. Идоракунии раванди дастгирӣ, таҳрир ва навсозии имиҷи дохилии муассисаи таҳсилотӣ дар ин марҳала инҳоро пешбинӣ менамояд: ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, ки барои он ҳайати кормандон дар курсҳои гуногуни баланд бардоштани ихтисос, аз нав гирифтани ихтисос, озмуни лоиҳаҳо ва ғайраҳо ҷалб карда мешаванд; ташкили самтҳои нави фаъолияти ҳам дар услуби умумӣ мавҷуда (ва маҳз дар ҳамин ҳалқа амалкунанда) ва ҳам мутлақо навоварона (дар ин ҷо эҳтимол ду роҳ – пешниҳоди нав чун куҳнаи фаромӯшшуда, алоқа бо анъанаҳо ва ғайраҳо ё рекламаи маҳз инноватсионӣ, яъне ин чизест, ки касе накард, пешниҳод накард, мо аввалин ҳастем); нигоҳдории доимии алоқаи мустақим ва баръакс бо истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва ғайраҳо.

### 3.2. Мукамалгардонии технологияи коркарди имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

Мо ҳар сол мушоҳида менамоем, ки дар давраи қабули довталабон қариб ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз рекламаҳои телевизионӣ фаъолона истифода менамоянд.

Онҳо дар асоси стратегияи рекламавии худ ҳар гуна рекламаҳоро таҳия намуда, бо истифода аз сиёсати маркетингӣ давраи рекламавии худро ташкил мекунанд. Ва албатта, ин барои ҷалби диққати аҳолӣ, падару модарон ва қабули донишҷӯён ба онҳо кумаки калон мерасонад. Дар навбати худ истеъмолкунандагон дар давраи қабули довталабон (моҳҳои май-июн) маводи рекламавиро назорат карда, интихоби худро, яъне ба кадом муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муроҷиат кардан ва ҳуҷҷат супориданро муайян мекунанд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки чунин методҳои бизнес-пешравиҳо, яъне воситаҳои дидашаванда (маводи рекламавӣ) дар давраи мушаххас, маҳз моҳҳои май-август натиҷабахш мебошанд. Барои он ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди устувори дарозмуҳлати худ мушарраф гарданд, зарур аст, ки онҳо соҳиби комёбии дороии ғайримоддӣ

(ламснашаванда) гарданд. Ин бурдҳо ва комёбиҳои яке аз афзалиятҳои устувори рақобатӣ мебошанд, ки имиҷи онҳо, фарҳанги иттиҳодиявӣ ва сохтори ташкилии идоракуниро дар бар мегиранд.

Дар ин параграф кӯшиш мекунем, асоснок намоем, ки бо истифода аз воситаҳои муайяни «робита бо мардум» (Public Relations) эҳтимол ташаккули самаранок ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда шаванд. Ғайр аз ин, тамоюл ва масъалаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқ карда шуда, модели муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо олӣ бо стейкхолдерҳо, давлат ва бахши соҳибкории иқтисодиёт сохта шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат  Public Relations –PR ҳамчун вазифаи идоракунии онҳо ташаккул ёфта истодааст. Ин вазифа ба онҳо барои муқаррар ва дастгирӣ кардани робита, ҳамдигарфаҳмӣ, ҷойгиршавӣ ва ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ олӣ ва гурӯҳҳои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва умуман ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Дар ин раванд PR-технология таҳия мегардад, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам, ки барои баланд бардоштани имиҷи мусбии муассисаҳои таҳсилоти олии касби мусоидат менамояд. Ҳадаф, вазифаҳо, механизмҳо ва принсипҳои татбиқи PR-технология дар расми 3.2. оварда шудааст.

Бояд қайд кард, ки бо ташаккул ёфтан ва рушд кардани бурдҳои диданашавандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рақобатпазирии онҳо баланд мегарданд, ки номи онҳо овоза шуда, истеъмолгарон имкон пайдо менамоянд, ки муассисаҳои соҳибимиҷро аз байни дигар муассисаҳо ҷудо кунанд. Баробари ташаккули имиҷ ва инкишоф ёфтани бурдҳо мутахасиссон-омӯзгорон кӯшиш мекунанд, ки ба ин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба кор дароянд, довталаби он бошанд, дар озмунҳои он иштирок карда, барои дар ин ҷо таҳсил кардан мубориза баранд. Бинобар ин, дар ҳоли ҳозир Public Relations -PR-технология вирди забони ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ буда, ба як намуди формулаи машҳуру оммавӣ мубаддал гардидааст.




**Расми 3.2. - Ҳадаф, вазифаҳо, механизмҳо ва принсипҳои татбиқи PR-технология**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз ин лиҳоз дар навбати аввал моҳияти фаъолияти PR ва нишондиҳандаҳои асосии онро баррасӣ менамоем. Фаъолияти PR, яъне «робита бо аҳли ҷомеа»-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар нуқтаи пайвастшавии менеҷмент ва маркетинг қарор дорад.

Агар менеҷменти Public Relations барои давраи муайяни фаъолият дар назди онҳо вазифаҳои умумӣ ва мушаххаси таъминкунандаи ягонагии ташкилот ва идоракуниро гузорад, маркетинг ба Public Relations самтнокиро ба мақсади ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - дарёфти даромадҳо ва захираҳои молиявӣ медиҳад.

Дар ин ҷо, фаъолияти PR дар низоми муносибатҳои маркетингӣ нақши таҳқиқ кардан, баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро иҷро менамояд. Ба ибораи дигар, ба ҳайси гурӯҳи пешсафе амал мекунад, ки барои омода намудани тимсол, бурди диданашавандае равона шудааст ва баъдан бо ин роҳ фаъолияти макетингиро бомуваффақият ба роҳ мемонад. PR-технологияро ҳамчун воситаи коммуникатсияи маркетингӣ ва механизми баланд бардоштани имиҷ хидмат менамояд. Тибқи андешаи мо, муҳтавои фаъолияти PR дар фаъолияти бо амалисозӣ ё ноқили ҳаракати ҳадафҳои прагматикии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар алоқамандии қобили қабул будани манфиатҳо ва эҳтиёҷот барои истеъмолкунандагон ва ҷомеа ифода меёбад.

Дар ин раванд, кафолати муваффақияти PR аз иттилооти эътимоднок ва комил, инчунин фаъолияти муттасил иборат мебошад. Ҳангоми ташкили PR интихоби дурусти вақт ва тақсимоти афзалиятҳо дар марҳалаҳои аввалини коркарди нақшаҳои стратегӣ зарур аст. Ба доираи PR маҷмӯи фаъолиятҳое дохил мешаванд, ки бо ташкил намудан ва амал кардани низоми самараноки коммуникатсияи умумӣ (оммавӣ) дар ҷомеа алоқаманд мебошанд, чунки хидматрасониҳои таҳсилотӣ неъмати ҷамъиятӣ-аҳамиятнок ҳисоб мешаванд. Мақсади фаъолияти PR пеш аз ҳама дар тамоси дуҷониба барои муайян кардани тасаввуроти умумӣ ва дарёфти ҳамдигарфаҳмие ифода меёбад, ки ба иттилоотнокии комил асос ёфтааст. Вобаста ба бузургӣ ва хосияти тарафҳо андозаи чунин ҳамкории

мутақобила, ки ба рушди робитаҳои мустаҳками муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо аҳли ҷамоатчигӣ ва гурӯҳҳои истеъмолкунандагон равона шудааст, метавонад гуногун бошад. Аммо бо вуҷуди ин гуногунрангӣ фалсафа, стратегия ва методҳои таъсир ба шуури ҷамъиятӣ ва беҳтар намудани муносибатҳо бо истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ бо ҳам монанд боқӣ мемонанд. Дар раванди амалисозии ҳадафҳои PR ҳамчун омили ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ арзёбии сатҳи таъсироти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба афкори ҷомеа, омӯзиши ахбори ВАО, муйаян намудани муаммоҳо дар фаъолият ва ҳаллу фасли онҳо, таъсиси тимсоли ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар асоси таҳқиқи ақидаҳо ва арзишҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ташаккул додани фарҳанги иттиҳодиявии дохилӣ ва ғайраҳо сурат мегирад.

Дарёфти муносибатҳои барои ҳар ду тараф судманди байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҷомеа, гурӯҳи истеъмолкунандагон. ташкилотчиёни PR сатҳи таъсири муассисаро ба аҳли ҷомеа мавриди таҳлил қарор дода, нофаҳмиҳоро бартараф месозанд, овозаҳои дурӯғро инкор мекунанд ва инчунин кӯшишҳои беэътибор ва бадномкардани муассисаро барҳам медиҳанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки фалсафаи фаъолияти PR барои ташкили муносибатҳои дуҷониба аҳамияти калидӣ дорад, чунки камбуди муносибату ва робитаҳо дар ҳолати нофаҳмиҳо сар мезанад. Аз ин рӯ, беҳтар гардонидани шабака ва роҳҳои муносибатҳою робитаҳо ва ҷустуҷӯйи усулҳои нави бунёди маҷмӯи дуҷонибаи иттилоот вазифаи асосии ҳар як барномаи PR ва дар ниҳояти кор устувории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ олӣ мебошанд. Муаллифи консепсияи иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда П. Ҳейне қайд намуда буд, ки «бозор ин ҳамчун алоқаҳои байниҳамдигарӣ аст»,[47], балки ин коммуникатсияи гуногунрангу мураккаб буда, агентҳои муносибатҳои

[47] Хейне П. Экономический образ мышления [Текст]: Пер. с англ. / П. Хейне. - М.: Издательство "Каталаксия" для серии Библиотека студента по заказу Академии педагогических наук и Московского психолого-социального института, 1997. - 704 с.

бозориро ба ҳам алоқаманд мегардонад. Ҳарчанд ки объектҳои фаъолияти PR гуногун аст, аммо асоси фаъолияти он бо фаъолияти одамон ё гурӯҳи одамон – аҳолӣ алоқаманд мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси фаъолияти PR муносибатҳои худро барқарор месозанд ва бо истеъмолкунандагон, агентҳои бозори меҳнат, корфармоён ва дигарон кор мекунанд. Масалан, асоси корҳо бо аҳолӣ, истеъмолкунандагон ташкили «рӯзҳои дарҳои боз», идҳо, маросим, озмунҳо, намоишгоҳҳо, саёҳатҳо ва ғайраҳо мебошанд. Истеъмолкунанда объекти асосии кори маркетингии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ  ҳисоб меёбад. Барқарор намудани муносибатҳои хубу дӯстонаи истеъмолкунандагон бо онҳо вазифаи асосӣ буда, хадамоти PR дар ин самт ба ташкили қонеъ гардонидани эътироз ва шикоятҳои истеъмолкунандагон ва ғайраҳо машғул мешаванд. Ҳамон тавр ки таҷрибаи ҳаётӣ нишон медиҳад, ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ташкилотҳо ва муассисаҳои ғайритиҷоратӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои динӣ, ҳар гуна фондҳо, ҳаракатҳои экологӣ, ҷавонон, занон ва ғайраҳо) ба қишрҳои боқимонадаи аҳолӣ таъсири зиёд мерасонанд.

Зимнан, шакли асосии PR дар ин самт бояд иштироки фаъолонаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар фаъолияти ин ташкилотҳо бошад, ки ба ташаккули имиҷи мусоид ва эҷоди афкори ҷамъиятии дахлдор равона шудаанд. Бояд гуфт, ки дар ҳоли ҳозир қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар ҳаёти сиёсии ҷомеа иштироки фаъол дошта, бо мақомоти давлатӣ ва маҳаллии идоракунӣ ва ҳар се шохаи ҳокимият – қонунгузор, иҷрокунанда ва судӣ ҳамкорӣ доранд. Набояд фаромӯш кард, ки ҳайати кормандон ва «дӯстони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» аз бисёр ҷиҳатҳо имиҷи онро муайян мекунанд ва онҳо барои ташаккул ёфтан ва паҳн шудани маълумот оид ба комёбиҳои онҳо мусоидат намуда, барои он шуҳрати хубро ба вуҷуд меоранд.

Дар навбати худ бояд хотиррасон намуд, ки фаъолияти PR бояд ҳамчун низом баррасӣ гардад. Истилоҳи «низом» ба PR комилан мувофиқ мебошад ва низомнокии он дар сатҳҳои зер назорат карда мешавад:

Сатҳи якум. Кори масъулиятдор оид ба алоқаҳо бо аҳли ҷомеа раванди низомнок мебошад, чунки он на танҳо ҳамчун ягонагии умумияти амалиёти идоракунӣ тавсиф мешавад, балки дар худ амалисозии муттасили марҳалаҳои гуногуни худи раванд ва инчунин аз паси қонуниятҳои муайяни раванди коммуникатсионӣ рафтанро таҷассум менамояд.

Сатҳи дуюм. Робита бо аҳли ҷомеа инчунин низоми умумие мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад: алоқа бо ВАО, гурӯҳи маҳаллии истеъмолкунандагон, корфармоён, муассисаҳои гуногун, сохторҳои давлатӣ ва ғайраҳо.

Дар қисмҳои таркибии гуногун фаъолияти PR ҳамчун низом дар PR-технологияи ба як шакл даровардашуда истифода мешавад. Зери мафҳуми технология механизми навгонӣ ва рушди доираи кӯшишҳои мақсаднокеро (сиёсат, идоракунӣ, навсозӣ, таъминоти зеҳнӣ, захиравӣ ва ғайраҳо) фаҳмидан мумкин аст, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ташаккул медиҳанд. Аз тарафи дигар, онро метавон ҳамчун ба як низоми умумӣ муттаҳидкардашуда ва таъминкунандаи самаранокии начандон калони ин ё он фаъолияти комплекси қисматҳои гуногуншакли донишҳо, методҳо, амалиёт ва қоидаҳо ва чун қоида мавҷуд будани захираҳои иттилоотӣ, энергетикӣ, ашёӣ, техникӣ-технологӣ, кадрӣ, ташкилӣ ва ғайраҳо баррасӣ намуд. Ва аз ҳамин нуқтаи назар PR-ро ҳамчун технология баррасӣ кардан мумкин аст.

Агар чунин ҳисоб кунем, ки фаъолияти PR маҷмӯи усулҳои хусусии таъсир расонидан ба аҳолӣ, ҷомеа ва гурӯҳи истеъмолкунандагон мебошад, пас, самаранокии он ба маҳорати роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста мебошад, ки онро истифода менамояд. Гарчанде дар назари аввал, PR ҳамчун ҷанбаи технологӣ баррасӣ карда намешавад, ба андешаи мо чунин марҳалаи рушди ин фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷумҳурӣ инкишоф ёфта истодааст. Бинобар ин, дар он метавон қисмати технологии фаъолияти PR-ро ҷудо кард ва зимнан, дар таҳлили он нуқтаи назари технологиро истифода кардан мумкин аст.

Муносибати технологӣ, пеш аз ҳама раванди мақсаднокро ҷиҳати донистани нақши принсипҳои дастури стандартикуноние инъикос менамояд, ки таҷдиди натиҷаҳоро таъмин мекунад. Бояд қайд кард, ки сарфаҳмравии технологӣ умуман ба таҳлили вазъияти мушаххаси рӯзмарра ва иҷрои амалиёте алоқаманд мебошад, ки бо ташкили қувва ва воситаҳои дарёфти натиҷаҳо муайян карда мешавад. Маҷмӯи донишҳои технологӣ барои таъмин намудани таҷдиди натиҷаҳои дар раванди иҷрои амалҳо ва амалиёти муайян ва инчунин интихоб ва истифодаи воситаҳои зарурии фаъолият дарёфтшаванда нигаронида шудаанд. Муҳтаво ва самти пайдарҳамии маконӣ-замонии амалиёти технологӣ аз рӯйи мақсади гузошташудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад. Технология дар худ маҷмӯи роҳҳо ва воситаҳои ин ё он фаъолиятро барои дарёфти натиҷаҳои пешбинишуда таҷассум менамояд. Аз ин рӯ, барои муайян кардани сатҳи технология бунёд кардани шарҳи системавии фаъолияти PR зарур мебошад. Фаъолияти PR-ро, пеш аз ҳама метавон ба ҳайси PR-технология шарҳ дод. Зимнан, он ошкоро, бузургшаванда ва тирашаванда мебошад, ки метавонад ба объекти таҳлили системавӣ табдил ёбад.

Шарҳи системавии PR-технология дар худ моделеро таҷассум менамояд, ки инҳоро дар бар мегирад:

- номгӯйи технология, мушобеҳи он;
- формулаи объекти таъсир;
- усули таъсир, техника ва воситаҳои заминавӣ;
- натиҷаи таъсир, доираи истифода;
- соҳаи мушкилот ва заминаи илмӣ.

Ин моделро ҳангоми таҳлили бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва ташаккули имиҷ ба ҳайси намуна-қолаб истифода кардан мумкин аст.

Моҳияти таҳлил аз он иборат аст, ки имкони чӣ гуна рӯнамо шудани хидматрасонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дида мешавад ва аз ҷиҳати технологӣ то кадом дараҷа рӯнамо шудани он вуҷуд дорад.

Мутобиқати маводи рӯнамокунӣ, пешниҳоде ва ин модел онро нишон медиҳад, ки таҳиягарон ва иҷрокунандагон дар ҳақиқат дар марҳалаи кунунии PR кор мекунанд. Бояд зикр кард, ки фаъолияти PR ба эҷодиёт ва тафаккури эҷодӣ ҳамчун шакли фаъолияти зеҳнӣ алоқаманд мебошад. Тафаккури эҷодӣ воситаи муҳимтарини менеҷери муосири амалисозандаи вазифаҳои асосии идоракунӣ, ба монанди банақшагирӣ, ташкил, мақсаднокӣ ва назорат ҳисоб меёбад. Бинобар он муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таҳияи рекламаҳо бояд назарияи реклама ва муносибат ба таҳияи онро асос қарор диҳанд. Дар назарияи муосири реклама методикаи гуногуни инкишофи қобилияти эҷодӣ вуҷуд доранд, ки асосан аз тарафи психологҳо таҳия шудаанд. Аммо, ҳарчанд ҳамаи ин методикаҳо баҳснок бошанд ҳам вале, тарҳи умумии ғояҳои рекламавӣ вуҷуд дорад, ки дар ҷадвали 3.5. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.5. - Тарҳи умумии таҳияи ғояи рекламавӣ**

| Марҳалаҳо | Муҳтаво |
|---|---|
| **Омодагӣ** | Ҷамъоварии иттилоот, таҳлили хосият, ҷамъбасти маълумот, муқоисаи нишондиҳандаҳо ва ғайраҳо. Ин марҳала одатан шакли амалиёти таҳлилиро мегирад. Омӯзиши сегменти бозории дахлдор, муайян кардан ва омӯхтани аудиторияи мақсаднок. |
| **Ҷамъкунӣ** | Тамаркузи кӯшишҳои ақлонӣ ба масъала, далелҳои алоҳида, низоми далелҳо. Пайдоиши ҳодисаи рӯҳию равонӣ, мушкилоти ақлонӣ. Кӯшиши бартараф кардани монеаву мушкилот. Пастравӣ ва баландшавии фаъолӣ, сустӣ ва шиддати мушакҳо дар натиҷаи зиёд шудани ғояҳо. |
| **Инкубатсияи ғояҳо** | Ҳамаи ғояҳое, ки дар раванди ҷамъкунии фикрӣ пайдо мешаванд ба зершуур интиқол меёбанд. Дар он ҷо тибқи асосҳои методологӣ гурӯҳбандии онҳо ба амал меояд. Сензураи шахсиятӣ ин ғояҳоро аввал ба тестгузаронии ахлоқӣ ва арзишӣ водор месозад ва баъдан ба сатҳҳои болоии рӯҳия интиқол медиҳад. |
| **Шаффофкунӣ** | Ҷамъбасти идеалии ин марҳала ба анҷом расидани ду-се ғояи алоқаманди баробараҳаммият (тибқи меъёри аслият, табиатан хос будан, мувофиқӣ, ҷолибӣ ва дараҷаи мураккабӣ), аммо аз рӯйи мазмун ва тақлиди бадеӣ гуногун барои реклама мебошад. |
| **Таҳлили хотимавӣ ва пешниҳоди лоиҳа** | Ба роҳ мондани баҳогузории хотимавии ғоя дар мисоли лоиҳаҳои алоҳида (видеоролик, аудиоспот, усули фирмавӣ, тарҳи рекламаи берунӣ ва ғайраҳо) барои мутобиқат ба сатҳи зарурии фасоҳат, умумият, мавзунӣ ва мувофиқӣ. |

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст.

Ҳамон тавр ки дар боло қайд намудем, муасисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ «робита бо мардум» -ро (PR) бо муваффақият мавриди истифода қарор дода истодаанд. Онҳо рекламаро чун воситаи баланд

бардоштани имиҷ эҷодкорона истифода мекунанд. Ҳарчанд аксари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат рекламаро худ ба худ истифода мекунанд, онҳо дар бисёр ҳолатҳо якранг буда, муҳтавои маҳдуд ва маснуъ доранд, аммо бари онҳо натиҷаҳои судманд ҳам овардаанд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистонн ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон қаблан дар асоси истифодаи реклама тавонистанд бурдҳои диданашаванда (даркнашаванда) ташаккул диҳанд.

**Ҷадвали 3.6. - Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳанда | Соли 2013 | | | | Соли 2021 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ДМТ | ДТТ | ДСТР | ДТТ (техно-логӣ) | ДМТ | ДТТ (технкӣ) | ДСТР | ДТТ (технологӣ) |
| Ҳамагӣ донишҷуён | 18699 | 10168 | 4666 | 6255 | 22709 | 9345 | 6984 | 4145 |
| Бо % нисбат ба ҳамаи таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе | 19,2 | 10,5 | 4,8 | 6,4 | 18,6 | 7,7 | 5,7 | 3,4 |
| Аз ҷумла рӯзона | 15253 | 8413 | 3132 | 6255 | 18686 | 6906 | 5987 | 3190 |
| Бо % нисбат ба ҳамаи таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе | 20,5 | 11,3 | 4,2 | 8,4 | 20,4 | 7,5 | 6,5 | 3,5 |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, саҳ. 245; Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023, саҳ .133

Тавре ки маълумоти ҷадвали 3.6. нишон медиҳад, дар соли 2013 онҳо 40,9 %-и ҳамаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии (аз он ҷумла 44,4 % донишҷӯёни рузона) пойтахти мамлакатамонро (24 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе) фаро гирифта буданд. Аммо соли 2021 ин нишондиҳанда 35,4%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2013 5,5 фоиз паст шудааст. Ҳамон тавр ки дида мешавад дар натиҷаи тезутунд гардидани рақобати бозори хидматрасониҳои

таҳсилотии соҳаи таҳсилоти олӣ мавқеи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ номбаршуда ба истисnои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон коҳиш ёфтааст. Бинобар ин, ба онҳо лозим аст, ки барои барқарор намудани имиҷи худ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Зимнан бояд қайд кард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳри Душанбе қабули донишҷӯён озмуни хеле калон дорад. Дар онҳо ниҳодҳои оммавият, шаффофият, шуҳратёбӣ ташаккул ёфта истодааст. Ин бурди онҳо бо ёрии паҳн намудани иттилоот тавассути воситаҳои ахбори омма (радио, телевизион, матбуот) шакл гирифтааст. Ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун раванди идорашаванда ба қарори эҷодкоронаи роҳбар вобаста мебошад. Ӯ бояд донад, ки кадом далели донишгоҳро барои маъруф шудан додан лозим аст ва бояд зарурати ин пешниҳодро дарк намояд. Иттилооти ба аҳли ҷомеа пешниҳодшуда доираи тимсоли мавҷуди муассисаи таҳсилотиро комил ва васеъ менамояд. Ва ҳамин тавр, ҳамаи иттилооте, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои муҳити атроф паҳн мекунад, ба ин ё он дараҷа имиҷи он ҳисоб мешавад.

Умуман, бо бовари том метавон қайд намуд, ки новобаста ба он ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, махсусан дар шаҳри Душанбе оид ба ташкили истеъмолкунандаҳо кор мекунанд ва ё не, албатта ин ё он тимсолро дар шуури ҷамъиятӣ доро мебошанд. Ҳарчанд ки тимсол зери таъсири иттилооти нопурра ва на ҳамеша эътимоднок, овозаҳо, афкори рақибон ва ғайраҳо ба таври номуташаккил ташаккул меёбад, чизи асосӣ будани он аст.

Зикр бояд кард, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои эҷод кардани имиҷ манфиатдор мебошанд. Онҳо дарк намудаанд, ки назар ба корро ба ихтиёри худ мондан ислоҳ кардани тасаввуроти номақбул ва хатои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ ва дар натиҷа пайдо намудани имиҷи мусбат дар байни гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон ва аҳолӣ, нафъи калон меорад. Аз тарафи дигар, ин барои ҳавасманд гардонидани талабот ва баланд шудани рақобатпазирӣ

мусоидат менамояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои ба даст овардани имиҷ кор мекунанд ва баъдан имиҷ барои ташкилот ёрӣ мерасонад. Таҳлили фаъолияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба ташкил кардани имиҷ ба мо имкон фароҳам овард, ки консепсияи намунавӣ ва марҳалаҳои асосии ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро коркард намоем. Консепсия дар худ ҳамон заминаеро таҷассум менамояд, ки дар он тимсоли дар баргирандаи тасаввурот оид ба вазифаҳо, ҳадафҳои асосии фаъолият, принсипҳо ва арзиши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сохта мешавад.

**Ҷадвали 3.7. - Марҳалаҳои асосии ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

| Марҳалаҳо | Тавсифот |
|---|---|
| **Коркарди консепсияи имиҷ** | А. Муайян кардани гурӯҳи афзалиятноку мақсадноки истеъмолкунандагон, ки фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба он равона гардидааст.<br>Б. Омӯзиш ва таҳлили рафтори гурӯҳи мақсадноки истеъмолкунандагон. |
| | В. Муайян ва мушаххас кардани вазифаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (барои чӣ ташкил карда шудааст), ҳадафҳои фаъолият ва инчунин муайян кардани номгӯйи хидматрасониҳои пешниҳодшаванда. Ин нишондиҳандаҳо бояд барои намояндагони гурӯҳҳои афзалиятноку мақсаднок дархостшаванда ва аҳаммиятнок бошанд.<br>Г. Бунёди модели шарҳии имиҷи идеалӣ (он имиҷе, ки барои он муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кӯшиш мекунад). |
| Ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Дар шуури ҷамъиятӣ талқин кардани тимсоли мусбати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз воситаҳои зер:<br>А. Ташкили стили даркшавандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ<br>Б. Рекламаҳо – тавассути ВАО ба қишрҳои васеи аҳолӣ дар бораи муассиса ва хидматрасониҳои пешниҳодкунандаи он иттилоъ додан.<br>В. PR – технолгия (Public relations) – ташкили тадбирҳои гуногун оид ба муқаррар кардани робитаҳо бо аҳли ҷомеа. |
| Нигоҳдории имиҷ дар ҳолати мубрамӣ | А. ба роҳ мондани мониторинг ва таҳлили мунтазами иттилооти ҷамъкардашуда оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва паҳн намудани онҳо тавассути воситаҳои гуногун (ВАО, интернет-захираҳо ва дигар сарчашмаҳо).<br>Б. Ислоҳи фикру мулоҳизаҳои номатлуб.<br>В. Мустаҳкам кардани тимсоли мусбати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо роҳи ташкили асосҳо, лифофаи иттилоотӣ ва ба бозор пешниҳод намудани хидматрасониҳои нави таҳсилотӣ. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Павлов С.Н. Основные положения концепции формирования эффективного имиджа вуза // Фундаментальные исследования. – 2013. – № 4-5. – С. 1216-1221; URL: https://fundamental-research.ru/ru/article/view?id=31393 (дата обращения: 13.11.2023).

Ҳамин тавр, ташкили тимсол– имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз коркарди консепсияе оғоз меёбад, ки гурӯҳҳои бартари мақсаднокро инъикос менамояд. Онҳо дар навбати аввал ба ҳуҷҷатҳои таъсискунанда ва оинномаи донишгоҳ ва баъдан ба таҳлили муҳити иҷтимоии он асоснок карда мешаванд. Вобаста ба ин гурӯҳҳои мақсаднок бояд ба блокҳои зерин муттаҳид карда шаванд:

а) истеъмолкунандагони асосие, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хидматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод менамоянд;

б) шарикони иқтидорманди иҷтимоӣ, стейкхолдерон;

в) сарпарастон ва шарикони рушд.

Сохтори ин блокҳо бо методҳои гуногун мавриди омӯзиши муфассал қарор мегирад. Метавон пурсиш ё таҳқиқоти васеъи сотсиологӣ кард ва ё иҷрои ин гуна таҳқиқотро ба агентии махсусгардонидашуда фармоиш дод. Вале ин хароҷотро тақозо мекунад ва омодагӣ ба иҷрои таҳқиқот вақти зиёдро мегирад. Беҳтар аст, ки иттилооти мавҷуда оид ба тамоюлоти тағйирёбии мақсадҳои истеъмолкунандагон ва инчунин таҳқиқоти дар дастрасии озод қароргирифта истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд бо қувваи худ барои дарёфти маълумоти зарурӣ дар байни истеъмолкунандагон пурсиш ва ё саволномаҳо ба роҳ монанд. Аз шабакаи Интернет, сайтҳои расмӣ, саҳифаҳои рӯзномаҳо ва дигар ВАО иттилоотро оид ба эҳтиёҷоти пешбинишавандаи аҳолӣ ва корфармоён гирифтан мумкин аст. Дар натиҷаи омӯзиши ин сарчашмаҳо симои ҳар як гурӯҳи мақсаднокро, ки тавсифоти иҷтимоӣ-демографиро аз қабили синну соли миёна, таносуби мардон ва занон дар гурӯҳ, сатҳи таҳсилот, навъи шуғл ва инчунин сатҳи даромад (барои ташаккули сиёсати нархии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ) ва ғайраҳо дар бар мегирад фаҳмидан мумкин аст.

Тавре ки дар параграфи пешт қайд намудем, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чун сохтори мустақили иқтисодие амал мекунад, ки вазифаи он дар ташаккули шаҳрванди мустақил ва масъул тавассути таъсис додани шароити мусоиди рушди муҳити таҳсилотӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва

иҷтимоии муассиса ифода меёбад. Чунин шароит танҳо ҳангоми мавҷуд будани робитаи доимӣ ва дуҷониба бо ҷомеа имконпазир хоҳад буд.

Панҷ сол пеш муассисаҳои таҳсилотии миёна метавонистанд аз якчанд роҳи коммуникатсия (сайт, телефон, робитаи шахсӣ ҳангоми муроҷиат бо маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ), ки тибқи онҳо асосан иттилооти расмӣ ё хидматӣ пахш мешуд, гузаранд, аммо имрӯзҳо таҷрибаи пешқадами коммуникатсияи якҷокардашуда аз тавсиаи калони имконот барои тамос бо истеъмолкунанда далолат мекунад. Ҳангоми ин ҷамъкунии онҳо дар «соҳаи digital» ба амал меояд; динамикаи начандон калони рушдро шабакаҳои иҷтимоӣ ва сервисҳо (ҳамаи гуногунрангии онҳо аз онлайнҳои истифодашаванда то татбиқи мобилиҳо, подкастҳо, видеоплатформа ва ғайраҳо) нишон медиҳанд. Ҳангоми ин коммуникатсияи самаранок оид ба ҳар як усул танҳо дар ҳолати нақшаи ба хусусияти захира мувофиқшуда ва ҳамзамон бартаридиҳии истифодабарӣ имконпазир мебошад.

Social media marketing (SMM) –раванди ҷалб кардани таваҷҷуҳ ва диққат ба хидматрасониҳои таҳсилотӣ тавассути барномаҳои амалиётии иҷтимоӣ мебошад. Ин маҷмааи тадбирҳо оид ба истифодаи расонаҳои иҷтимоӣ ба ҳайси роҳҳо барои пешравии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳаллу фасл кардани дигар вазифаҳои фаъолиятҳост. Масалан, SMM-хабари бомуваффақият метавонад ба тариқи зайл бошад:

1) имиҷӣ – иттилоот оид ба фоидаҳои истеъмолкунандагон аз хидматрасониҳо;

2) зиддибуҳронӣ– таассурот ва таваҷҷуҳ ба талабот, дархост, шикояти истеъмолкунанда ё истифодабаранда;

3) ҳодисавӣ– иттилоот оид ба тадбирҳои фарогирандаи манфиати гурӯҳи алоҳида ё аудиторияи мақсаднок;

4) робитавӣ–баррасии озоди муаммоҳо ва ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли онҳо;

5) иттилоотӣ - иттилооти қаблан дастнораси барои ҷомеа ё истеъмолкунанда муҳимро интишор кардан.

Хабари сифатие, ки субъекти робита ба респондент фиристодааст, метавонад диққати респондентро ҷалб намояд, ӯ ба ин ҳавасманд гардад ва ё амали муайянеро анҷом диҳад ва расонидани маълумотро бидуни алоқаи баръакс ба фазои иттилоотӣ таъмин намояд. Чунин технология ва воситаҳо муҳити иттилоотӣ-коммуникатсионии муассисаҳои таҳсилотиро ташаккул медиҳанд, ки барои мутобиқ шудани онҳо ба талаботи ҷомеа, бозори меҳнат кумак мерасонад ва барои ба сиёсати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсир расонидани ҷомеа мусоидат мекунад. Динамикаи дигаргуниҳо дар соҳаи таҳсилот олии касбиро ба яке аз сегментҳои зудтараққикунанда ва драйвери ба худ хоси хидматрасониҳои таҳсилотӣ табдил медиҳад.

Дар байни «трендҳо» -и ҳавасмандкунандаи рушди бозори таҳсилотӣ шаклҳои зерро ҷудо кардан мумкин аст:

- «Таҳсил дар тӯли тамоми ҳаёт», ки аудиторияи истеъмолкунандагонро васеъ намуда, талаботи доимиро ба хидматрасониҳои таҳсилотие, ки бо дарёфти салоҳиятҳои нав алоқаманд мебошанд, таъмин мекунад.
- «Таҳсил ба таври онлайн». Рушди шиддатноки соҳаи курсҳои кушоди оммавии онлайнӣ, ки ба он тадриҷан муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бо пешниҳод кардани курсҳо ва барномаҳои махсус дар заминаи глобалии навъи «Coursera» ва ҳам тарғиби лоиҳаҳои худ) дохил мешаванд, имкон фароҳам месозад, ки бо истифода аз имконоти ташкилии низоми ҳамкории байналмилалии байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва имконоти техникии таъминкунандаи таҳсили фосилавӣ хидматрасонии таҳсилотии дархостшаванда ташкил карда шавад.
- Мухолифат ба «таварруми академӣ». ки аз тарафи аҳли ҷомеаи академии байналмилалӣ ҳамчун масъалаи қафомондаи таваҷҷуҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба талаботи бозори меҳнат дарк шуда, боиси афзундани бекорӣ дар байни мутахассисони ҷавони дипломдор гардидааст. Маҷмӯ»-и барномаҳои таълимии (дарбаргирандаи барномаҳои пешравӣ ва хидматрасонии сервисии истеъмолкунандагон) дар асоси муносибати

маркетингӣ таҳияшуда барои кам шудани таварруми академӣ мусоидат карда, дар мутобиқати муосири хатмкунандагон ба эҳтиёҷоти ивазшавандаи муҳити берунӣ хидмат менамоянд.

Имрӯзҳо ҳангоми қабули қарор оид ба интихоби технологияи маркетингӣ барои тарбия намудани мутахассис лозим меояд, ки самаранокӣ ва имкониятҳои истифодаи вариантҳои зиёди натиҷаҳои таткиқоти маркетингӣ дар бозори хидматасониҳои таҳсилотӣ муқоиса карда шаванд. Фазои иттилоотии тағйирёбанда ва афзалиятҳои нави робитаҳои истеъмолиро инъикос намуда, майдони технологияи маркетингӣ доир ба пешниҳоди хидматрасониҳои таҳсилотӣ васеъ гардид ва сифатан дигаргун шуд. Аммо тадқиқоти маркетингӣ барои истифодаи муносибатҳои маркетинги стратегӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инструменти мубориза фаврӣ барои истеъмолкунанда ҳисоб мешавад. Дар асри XXI арзишҳои антропологӣ мисли пешин барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аввалиндараҷа мебошанд. Ниҳоди робита бо ҷомеа дар рушди алоқаи симметрии дуҷонибаи маҳсулоти олии касбӣ ва ҷомеа - дар асоси баробарҳуқуқӣ ва баҳисобгирии талабот ва эҳтиёҷоти аудиторияҳои мақсадноки дохилӣ ва берунӣ сурат мегирад.

### 3.3. Такмили механизми идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва интихоби воситаҳои ташаккули он бо коркард ва амалисозии имиҷ-системаи фаъолияти он алоқаи зич дорад. Чӣ тавре ки қайд намуда будем, ташаккули имиҷро пеш аз ҳама, ҳамчун раванд ва вазифаи маркетинг ва менеҷменти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ намудан зарур аст. Амалисозӣ ё иҷрои ин вазифаҳо боиси пеш омадани зарурати такмили сохтори ташкилии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ба низоми менеҷмент ва маркетинг ворид намудани воситаҳо ва абзори ташаккул ва дастгирии имиҷ мегарданд. Дар ин раванд ислоҳи фарҳанги ташкилӣ ва

дигар амалҳое, ки ба такмили мақсадноки низоми аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардидани хидматрасониҳои таҳсилотӣ вобаста мебошанд, ҳалқаи муҳим ҳисоб меёбанд. Бо дарназардошти ин, масъалаи зикргардидаро аз ҷанбаҳои зер баррасӣ намудан мумкин аст: Аввалан, ташкили имиҷ ҳамчун муҳтаво ва вазифаи комплекси амалиёт ё равандҳо, ки раванди моделсозӣ, ташкил, муайян кардани унсурҳо ва омилҳои асосии имиҷсозанда, ҷустуҷӯйи роҳҳои нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани онро фаро мегирад. Баъдан, ташкили идоракунии имиҷ (имиҷ-менеҷмент), ки идоракунии равандҳо ва кормандонро пешбинӣ менамояд, ки ба ташкили имиҷ ва минбаъд нигоҳ доштан ва таҳрир кардани он нигаронида шудааст. Бояд қайд намуд, ки идоракунии имиҷ маҷмуи вазифаҳо (банақшагирӣ, ташкили корҳо ва чорабиниҳо, баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлил, мувофиқат ва тамаркуз, идоракунии лоиҳаҳо ва ғ.), ки ҳангоми ташкил ва нигоҳдории имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иҷро карда мешаванд, мебошанд.

Аз ин ҷо равшан мегардад, ки имиҷ-система ва идоракунии имиҷ иҷрои маҷмуи ниҳоят васеи вазифаҳо ва равандҳоро тақозо менамояд. Бинобар ин, метавон сохтори имиҷ-система ва муносибатҳоро доир ба идоракунии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар расми 3.3. оварда шудааст, пешниҳод намуд. Дар имиҷ-система ташаккул ва таҳрири мунтазами низоми идоракунӣ бояд ба истифодаи маҷмуи вазифаҳои идоракунӣ, ки дар расми 3.3. оварда шудааст заминагузорӣ гардад.

Ҳамин тавр, амалисозии имиҷ-система такмили тағйироти сохтори ташкилиро низ тақозо менамояд. Маҷмуи чораҳо оид ба такмили сохтори ташкилиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: воқеӣ ва маҷозӣ (виртуалӣ). Идоракунии имиҷ бояд яке аз қисматҳои маркетинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардида, онро ба таври муназзам комил намояд. Ҳар як муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд дар таркиби низоми идоракунии муассиса хадамоти маркетингро ташкил намояд. Дар

низоми идоракунӣ вазифаи идоракунии имиҷро бояд имиҷмейкер иҷро намояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии калон ташкил намудани *Call-марказ* ва ё *Марказҳои имиҷӣ* мувофиқи мақсад мебошанд. Ҳаҷми асосии корҳои ташкил кардани имиҷро бояд Маркази имиҷӣ иҷро намояд.




**Расми 3.3. - Сохтори имиҷ система ва вазифаҳои идоракунии он**
**Сарчашма**: таҳияи муаллиф

Ҳамон тавр ки дар боло қайд кардем, низоми имиҷ ҳамчун қисмат ё зернизоми маркетинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамзамон бояд ба низоми идоракунӣ дохил шавад. Илова бар ин, низоми имиҷ ҳамчун зернизоми мустақил дар низоми маркетинг бояд идора карда шавад, чунки он ҳамчун низоми мустақил дорои ҳадафҳои мушаххаси худ, методҳо, воситаҳо ва инчунин шаклҳои иҷро ва идоракунӣ мебошад. Ин ҳадафҳоро Маркази имиҷӣ иҷро менамояд. Он бояд амалҳои зерро амалӣ созад: банақшагирии корҳо (лоиҳакашӣ ва идоракунии барномавӣ-мақсаднокӣ); ташкили татбиқи лоиҳаҳо, корҳо ва равандҳо; дархост оид

ба маблағгузорӣ ва амалӣ кардани буҷетгузорӣ бо ҷудо намудани буҷетҳои лоиҳаҳои алоҳида ва буҷетҳои корҳои ҷории дорои хосияти умумӣ; ташкили назорат, баҳисобгирӣ, мониторинг ва таҳлили самаранокии имиҷ-система, амалҳои алоҳида, равандҳо, роҳбарон, мутахассисон ва иҷрокунандагон.

Маркази имиҷӣ ҳамчун низом, дар навбати худ дорои якчанд зернизом, аз қабили стратегия ва моделсозии имиҷ, лоиҳакашии он, амалисозии лоиҳаҳо ва ташаккули имиҷ, мониторинг, ислоҳ, идоракунии тактикӣ ва фаврии имиҷ мебошад.

Дар низоми тадбирҳои ташаккули имиҷ ё имиҷ-система таъсис додани *хадамоти матбуот ва PR-агентӣ* нақши муҳим доранд. Ин хадамот ҳамчун қисмати хадамоти маркетингӣ дар таркиби шуъба оид ба робита бо аҳли ҷомеа ва инчунин дар ҷадвали корбасти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар вазифаи котиби матбуотӣ ташкил карда мешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касби калон департаменти коммуникатсия ва робита бо ҷомеа ташкил карда мешавад. Ин сохторҳо (*PR ва хадамоти матбуот)* дар таъсис ва нигоҳдории имиҷ нақши калидӣ ва асосиро иҷро менамоянд. Ин нақшро онҳо пеш аз ҳама бо роҳи дастгирии шавқмандӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, иттилоотонии мунтазам ва махсуси доираи васеи аҳли ҷомеа оид ба ҳодисаҳои дар муассиса ва атрофи он баамалоянда иҷро мекунанд. Дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо сарварии ректор сохтори Маркази робитаҳои ҷамъиятии ДТТ ташкил карда шудааст. *Хадамоти матбуот* ҳамчун сохтори алоҳидаи назди ректор вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: а) дастрасии озоди иттилоотро ба ректор ва атрофиёни ӯ таъмин менамояд; б) бо ВАО ҳамчун ҳалқаи пайвасткунанда амал мекунад; в) имиҷи роҳбарон, атрофиёни онҳо, донишгоҳ, воҳидҳо ва кормандони онро нигоҳ медорад.

Бояд қайд кард, ки имиҷи роҳбар ва атрофиёни ӯ дар кори хадамоти матбуот яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд. Аммо аксар вақтҳо

имиҷи роҳбар ва имиҷи донишгоҳро ба якдигар монанд ҳисоб мекунанд.

**ВАЗИФАҲОИ МАҶМАИ ХАДАМОТИ МАТБУОТӢ**

Ташкили робитаи зич бо аҳли ҷомеа, стейкхолерон: пешниҳоди иттилооти воқеӣ ба роҳбарият ва истеъмолкунандагони хидмати таҳсилотӣ; таҳқиқи афкори ҷамъиятӣ оид ба муассиса таҳсилоти олии касбӣ; нигоҳдории имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ; таъмини шаффофияти иттилоотӣ, омодагӣ барои муколама бо бо мизоҷон ва омма-медиа; омода кардани гузоришҳо ва мақолаҳо дар бораи донишгоҳ, навиштани матнҳо дар ВАО; ташкили конференсияҳои матбуотӣ ва тамосҳои мунтазам бо доираи рӯзноманигорон ва ғ.

**Расми 3.4. - Вазифаҳои маҷмаи хадамоти матбуотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба андешаи мо, набояд ин тавр бошад ва имиҷи роҳбар набояд имиҷи донишгоҳро «пӯшонад» ё аз байн барад. Фаъолияти хадамоти матбуот бояд пеш аз ҳама барои ташкил кардан ва баланд бардоштани имиҷи донишгоҳ ва воҳидҳои он равона гардад. Вале дар ин раванд онҳо набояд имиҷи роҳбар ва имиҷи атрофиёни ӯро фаромӯш кунанд, чунки онҳо ҳамарӯза бо объектҳои ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тамос мешаванд. Ҳамин тавр, вазифаи хадамоти матбуот ниҳоят васеъ буда, фаъолиятро оид ба нигоҳдории фаъолии иртиботӣ, ташаккули маҷмуи иттилоотӣ ва идоракунии он бо назардошти интихоби роҳҳои нисбатан самараноки интиқоли иттилоот тавассути ба мизоҷ додани иттилооти комил оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва хизматрасониҳои он дар бар гирифта, ҳамин тариқ имиҷро баланд мебардорад. Ғайр аз ин, хадамоти матбуот ба роҳбар дар қабули қарори асоснок ва интихоби тадбирҳо кумак менамояд. Вазифаҳои маҷмаи хадамоти матбуотиро дар расми 3.4. пешниҳод шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои медиагурӯҳ, ҳамчун қисми

берунии ғайривоқеии сохтори ташкилии имиҷ-системаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сифати иттилоот ва суръати дарёфти шарҳу тавзеҳ аҳаммияти зиёд дорад. Барои таъсиси доираи рӯзноманигорӣ шаффофият ва дастрасӣ набояд барои тамос бо ҳар як ВАО монеа эҷод намояд. Аммо ҷой дар сиёсати сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба ВАО-и марказӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ташкил ва истифодаи гурӯҳи мувофиқи ВАО муҳим мебошад. Қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ рӯзномаҳои хусусии худро ба чоп мерасонанд. Аммо, таҳқиқот нишон дод, ки роҳбарон пеш аз ҳама аҳаммияти нашрияҳои хусусиро қайд мекунанд ва ВАО-и марказӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ, аз ҷумла дастрасии нокифояи онҳоро барои хадамоти матбуотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода мекунанд. Маҳз бо дарназардошти ин пешниҳод мегардад, ки ба таври ҳатмӣ нисбат ба ВАО-и марказӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва байни онҳо сиёсати сохторӣ таҳия карда шавад ва оид ба ташаккули гурӯҳҳои мувофиқи ВАО, ки бо онҳо метавон фаъолияти муштараки барои тарафайн муфиди роҳбарон ва намояндагони донишгоҳ, ки ба манфиатҳои касбӣ ва муносибатҳои инсонӣ заминагузорӣ мешаванд ба таври иловагӣ ғамхорӣ зоҳир гардад. Ташаккули гурӯҳи дӯстони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби ВАО-и мувофиқ барои амалҳои зерин имконият фароҳам месозад:

– хароҷот барои реклама аз ҳисоби иваз намудани шаклҳо ва методҳои дигари таъсир ба объекти имиҷ сарфа карда шаванд;

– таъмини корҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ ва ташкилии роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро оид ба барқарор намудани алоқаҳо бо аҳли ҷомеа, аҳолӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва соир объектҳои ташаккули имиҷ осон менамояд;

– иштироки бевоситаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ташаккул ва амалӣ кардани сиёсати иттилоотӣ нисбат ба имиҷи он;

– иштироки бевосита дар таҳлил ва ташкили фазои иттилоотӣ дар атроф ва дохили муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

– коркарди стратегия ва тактикаи фаъолияти оммавии роҳбарон ва атрофиёни онҳо ҳангоми ташаккул ва дастгирии имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

Бояд тазаккур дод, ки робита бо ВАО-и махсусгардонидашуда ва ғайриоммавиро дар ду самти зер ташкил намудан мувофиқи мақсад мебошад: а) барои мақолаҳои чопшудаи асоснок ва шавқовар, ки ба гурӯҳи истеъмолкунандагон, вале на ба ҳама марғуб мебошад; б) барои ҷойгир кардани тавзеҳоти иттилоотии аз рӯйи ҳаҷм начандон калони аз тарафи мутахассисони бовариноки аудиторияи мақсаднок омодакардашуда. Бинобар ин, барои рӯзномаи машҳурие ки аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дорад, бояд мақолаҳои шавқовари ба доираи васеи хонандагон нигаронидашуда омода карда шаванд. Аммо барои рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои соҳавӣ (махсусгардонидашуда) бояд мақолаҳо ва иттилооти муҳим ба нашр расанд. Ғайр аз ин, бо он рӯзномаҳо ва маҷаллаҳое ҳамкорӣ карда ба онҳо бояд ихтиёран иттилоот ва натиҷаҳои таҳқиқотро пешниҳод кард, ки онҳо рейтингро аз рӯйи методикаи худ ва маводи нашрии рӯзмарраи худ ҳисоб мекунанд. Илова бар ин, ҳайати хадамоти матбуотиро аз ҳисоби кормандони вазифавӣ ва ғайривазифавӣ ба монанди таҳлилгарон, мусаҳҳеҳон, рӯзноманигорон, равоншиносон, ҷомеашиносон, маркетологҳо, имиҷмейкер, услубшинос ва дигар кормандон васеъ намудан зарур аст. Дар сохтори имиҷ-системаи коркардшаванда метавон *call-марказро* (хадамоти иттилоотонии мизоҷон) дохил намуд. Call-марказ барои машварат, мубоҳиса, иттилооърасонӣ ва алоқаи баръакс бо истеъмолкунандагони хидматрасониҳо ихтисос дода шудааст. Он барои ташкили имиҷ низ муҳим мебошад, чунки маҳз он ташаккули тимсоли муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба эҳтиёҷот ва масъалаҳои истеъмолкунандагон нигаронида шудааст ва қобилияти ҳаллу фасли

мушкилоти пайдошударо дар диалог бо истеъмолкунандагон дорад кумак мерасонад. Call-марказ махсусан дар давраи омодакунии гурӯҳи нави донишҷӯён нақши муҳимро касб мекунад.

*Ғайр аз ин,* дар сохтори имиҷ-система таъсис додани *call-маркази виртуалӣ* зарур мебошад. Он дар шакли сайти махсуси мубоҳисавӣ бо истифодаи имконоти Lost@Found амалӣ карда мешавад. Ин сайтҳо ҳамчун мубоҳисавӣ ва машваратӣ таъсис дода мешаванд, ки барои ҳолатҳои зер имкон фароҳам месозанд:

– фаҳмонидан ва асоснок кардани сиёсати роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва иқдомоти мушаххаси онҳо;

– иттилооърасонӣ ба одамон, истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ оид ба он қоидаҳо ва нақшаҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вуҷуд доранд;

– ба саволҳои муҳим ҷавоб додан ва инчунин ошкор кардани он мушкилоте, ки одамон дарк мекунанд.

Чунин шакли сайт имкон фароҳам меорад, ки аз рӯйи миқдори муроҷиатҳо метавон рейтинги масъалаҳоро ташкил карда, инчунин барои такмили идоракунии имиҷи донишгоҳ маҷмуи иттилоотро ба даст овард. Онҳо ба муассисаҳои таҳслоти олӣ имконоти зерро медиҳанд:

– таҳлили сегментҳои хидматрасониҳои таҳсилотӣ, илмӣ, консалтингӣ ва ғайраро анҷом диҳад:

– истеъмолкунандаи воқеӣ бо эҳтиёҷот, ақидаҳо, афзалиятҳо ва тарафҳои мусбату манфии онҳо пайдо намояд. Метавон тасдиқ кард, ки истифодаи сайтҳои мубоҳисавӣ як шакли методи идоракунии зиддибуҳронӣ буда, имкон медиҳад, ки мушкилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар марҳалаҳои аввал ошкор карда шаванд. Ин барои пешакӣ андешидани чораҳо кумак карда, барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалкарди таносуби дохилӣ ва берунии самаранокро таъмин менамояд;

– низоми интерактивие (роботҳои телефонӣ) ташкил карда шавад, ки

бояд корҳои автоматиро бо роҳҳои иртиботии алоқаҳои мобилӣ таъмин карда, ҳамзамон якчанд роҳи иттилоотӣ аз қабили SMS, MMS, телефони одӣ бо оператор, хизматрасонии автоматикии овозиро дар асоси IVR (Interactive Voice Response) нигоҳ дорад.[48]

Чунин системаҳо метавонанд Call-марказро бомуваффақият бо мушовирон-операторони зинда иваз намоянд, чунки хароҷоти ташкили онҳо нисбат ба дигар системаҳо камтар мебошад. Аммо мушкилоти истифодаи низоми интерактив – коркарди сервисҳои махсус вуҷуд дорад. Пеш аз истифодаи он таҳияи сенарияҳои намунавие амал мекунад, ки корҳои ҳолатҳои муайянкунии ғайринамунавиро комил менамояд, то ки сенария комил гардад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад технологияҳои аутсорсинги функсионалиро мавриди истифода қарор диҳад. Ширкатҳое, ки чунин хидматрасониҳоро пешниҳод менамоянд, дар шаҳри Душанбе ҳам пайдо шудаанд.

Бемуболиға, нашриёти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ташаккули имиҷи он, махсусан вақте ки он барои фурӯши васеъ дар мағозаҳои китобфурӯшӣ адабиёти таълимӣ мебарорад, нақши муҳим дорад, чунки дар китобҳо ва шарҳи библиографӣ тимсоли дидашавандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар хотираи хонандагон боқӣ монда, шуҳрату нуфузи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро баланд мебардорад, инъикос меёбад. Чунин нашриётҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ асосан дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистонн ба номи академик М.С. Осимӣ ва ғайраҳо мавҷуданд.

Табиист, ки хадамоти махсусгардонидашудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қодир нестанд, ки ҳамаи корҳо, тадбирҳо ва ташаккули амалӣ

[48] IVR-система: что это такое и какие преимущества она даёт? - [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://dzen.ru/a/Xa1nVUOGPwCu-3Ox; Исаковских Л. Умные телефонные роботы: исповедь создателей [Текст] / Л. Исаковский // Рекламодатель: теория и практика. - 2008. - №3. – С. 57-60.

сохтани ҳамаи лоиҳаҳои ба ташкил, ташаккул ва нигоҳдории имиҷ алоқамандро иҷро намоянд. Аз ин рӯ, ба ин корҳо ҷалб кардани на танҳо қисми зиёди воҳидҳо ва ҳайати кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, балки донишҷӯён, магистрҳо, аспирантҳо, инчунин шахсони манфиатдор аз берун, ки онҳо омода ҳастанд дар ташаккули имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кумак расонанд, мувофиқи мақсад мебошад. Аммо лозим ба ёдоварист, ки қисми воқеии сохтори ташкилӣ департамент ва мутахассисони вазифавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар бар мегирад, ки барои онҳо ташаккули имиҷ вазифаи асосӣ ва идоракунӣ ҳисоб меёбад. Инчунин ба онҳо қисми виртуалӣ, ки сохтори лоиҳавии гурӯҳи эҷодии лоиҳавӣ ва сохтори шабакавиро фаро мегирад, илова намудан мумкин аст. Ин унсурҳои сохтори виртуалӣ метавонанд ҳамчун дохилӣ, берунӣ ва омехта ташаккул ёбанд. Идоракунии имиҷ тариқи сохторӣ ва функсионалӣ метавонад, вақте ки роҳбари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қарор мекунад, ки ин вазифаро ба аутсорсинг вогузор намояд, аз доираи сохтори ташкилӣ хориҷ гардад. Аммо, дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дар айни замон қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ барои вусъат додани сохтори ташкилии воқеӣ ва ғайривоқеӣ имкон доранд, чунки онҳо факултетҳо, кафедраҳо ва ҳайати профессорону омӯзгоронеро соҳиб мебошанд, ки метавонанд бо касбияти баланд ба маркетинг ва менеҷмент, PR, рӯзноманигорӣ, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ машғул шаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки *сохтори лоиҳавии имиҷ-система,* ки барои иҷрои лоиҳаҳои алоҳидаи коллективи эҷодӣ ва гурӯҳе аз кормандони муасисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё мутахассисони берунӣ ташаккул меёбад, ташкил карда шавад. Албатта, агар барои иҷрои лоиҳаҳо грантҳо ҷудо карда шаванд, он вақт дар озмун метавонад гурӯҳи лоиҳавӣ аз берун ширкат намояд ва бурд кунад. Дар сохтори гурӯҳи лоиҳавӣ гурӯҳи мақсадноки ташаббускорро ҷудо намудан

мумкин аст, ки онҳо тибқи ташаббуси худ ба ҳаллу фасл кардани яке аз масъалаҳои ташаккули имиҷ машғул хоҳанд гардид. Ин шакл барои ҷалб кардани донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ ва амалӣ ниҳоят қулай ва муфид мебошад. Дар ҳақиқат дар кори ташаккули имиҷ ҷалб намудани воҳидҳо ва кормандоне низ зарур мебошад, ки онҳо ба унсурҳои сохтории дар боло номбаршуда мансуб нестанд. Бояд ба назар гирифт, ки коргарон уҳдадор мегарданд, ки инчунин корҳои иловагиро иҷро намуда, барои иҷрои онҳо масъулият дошта бошанд. Нисбат ба онҳо бояд принсипҳои вазъиятӣ амалан истифода шуда ба иҷро расанд ва он принсипҳо маҳз инҳо мебошанд:

- баланд бардоштани пурмазмунӣ ва дараҷаи ихтисоси ҳайати кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- васеъ намудани вазифаҳои меҳнатии онҳо ва таъмини ҷаззобияти меҳнат;
- салоҳияти роҳбарон ва иҷрокунандагон, касбият ва идорашавандагӣ;
- мақсаднокии самараноки кормандон;
- масъулиятнокӣ ва иҷрои кафолатноки равандҳо, тадбирҳо ва вазифаҳои иловагии бо ташаккули имиҷ, маркетинги ҳамаи кормандон ва воҳидҳо алоқаманд.

Бо дарназардошти ин зарур аст:

– дастурамали вазифавии ҳайати кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ такмил дода шавад;

– ба ичрои самараноки вазифаҳои иловагӣ омӯзонидани кормандон ва барои ин таҳия намудани маводи методие, ки кормандон тавонанд мавриди истифода қарор диҳанд;

– ислоҳ намудани низоми мақсаднокии меҳнати кормандон;

– ба нақша гирифтани вазифаҳои иловагии кормандон ва инчунин назорат кардани равандҳо ва натиҷаҳои иҷрои ин вазифаҳо.

Дар натиҷаи амалӣ сохтани чунин тадбирҳо барои ташкили имиҷ инчунин намуди хаттӣ-функсионалии шабакавӣ аз рӯйи сохтор пайдо мешавад. Ин равандҳоро бояд имиҷ-марказ идора намояд.

Ҳамон тавр ки дар боло қайд кардем, донишҷӯён дар имиҷ-система нақши махсус доранд. Онҳо на танҳо яке аз объектҳои ташаккули имиҷ, балки иштирокчии корҳо оид ба ташаккул ва мониторинги имиҷ низ мебошанд, чунки, тавассути онҳо шабакаи иҷтимоии паҳншавии имиҷи мусбат дар байни ҷомеа низ ба амал меояд. Бинобар ин, вазифаҳои мазкури донишҷӯён бояд дар нақшаҳои самарабахши корҳо ва тадбирҳои таҳияшаванда инъикос ёбад. Аммо нисбат ба донишҷӯён бояд як қатор маҷмуи тадбирҳои махсусро иҷро намуд, ки барои баланд бардоштани салоҳияти онҳо, ки бо истифодаи вазифаҳо ва уҳдадориҳои барои ташаккули имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд мебошад, равона карда шудаанд. Барои ташаккули имиҷ истифодаи фаъолияти эҷодии донишҷӯйӣ зарур мебошад, чунки онҳо барои пешравии имиҷ ғояҳои инноватсионӣ пешниҳод менамоянд. Ин на танҳо сарчашмаи гаронарзиши эҷодиёти иштирокчиёни ҷавони лоиҳа, аксияҳо, тадбирҳои алоҳида мебошанд, балки имкон фароҳам меоранд, ки алоқаи баръакс бо донишҷӯёни оянда, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҷалб намудани онҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шаванд.

Дар сохтан, амалӣ кардан ва мониторинги имиҷ муттаҳияи таълимӣ-илмӣ ва истеҳсолӣ аҳаммияти зиёд дорад. Онҳо бояд дар идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мақоми сазоворро пайдо намоянд. Аз ин лиҳоз донишҷӯён бояд чунин баррасӣ карда шаванд:

– ҳамчун манбаи иттилоот оид ба афкори истеъмолкунандагон ва ақидаҳои мавҷудаи бартаридошта дар муҳити дохилӣ ва берунӣ;

– иштирокчиёни лоиҳаҳо ва равандҳои амалӣ сохтани онҳо ва мониторинги натиҷаҳо;

– интиқолдиҳандагони ғояҳо ва маводи таҳқиқотӣ барои тафтиши онҳо;

– паҳнкунандагони асотиру муъҷизаҳо;

– созандагони фаъоли имиҷ;

– интиқолдиҳандагони шабакавӣ дар шабакаҳои иртиботии иҷтимоие, ки барои ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ асос ҳисоб меёбанд.

Интиқолдиҳандагони шабакавӣ дар шабакаҳои иртиботии иҷтимоӣ интиқолдиҳандагони самараноки неъматҳои шабакавӣ буда, ба ташаккули иқтисодиёти шабакавӣ мусоидат мекунанд.[49] Арзиши иттилооти тибқи шабакаҳо интиқолшаванда барои истеъмолкунандагони муосир афзоиш меёбад.[50] Аз ин ҷо, зарур аст, ки донишҷӯён дар раванди мониторинг, лоиҳакашӣ ва амалӣ сохтани имиҷ мавриди истифода қарор гиранд. Ташаккули шароит барои баланд бардоштан ва зиёд намудани гуногунрангии салоҳияти донишҷӯён самараи таҳсилотии иштироки онҳоро афзоиш медиҳад. Иштироки донишҷӯён дар шаклҳои гуногуни зер амалӣ карда мешавад:

– кор дар маҳфилҳо ва озмоишгоҳҳои донишҷӯйӣ ;

– иҷрои корҳои курсӣ, вазифаҳои баҳисобгирӣ, амалӣ ва лоиҳавӣ;

– иштироки фаъолона дар омода кардан, нашр намудан ва паҳн кардани рӯзномаҳо ва иттилоот тавассути ВАО;

– лоиҳаҳои дипломӣ ва омода кардани корҳои хатмкунии ихтисосӣ, инчунин шаклҳои дигари корҳои мустақилонаи донишҷӯён оид ба вазифаҳои ба ташаккули имиҷ алоқаманд.

Ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса кард, ки

---

[49] Бугорский В.Н. Сетевая экономика [Текст] / В.Н. Бугорский. – М.: Финансы и статистика, 2007. – С. 34; Бугорский В.Н. Сетевая экономика и проектирование информационных систем [Текст] / В.Н. Бугорский, Р.В. Соколов. – СПб. Питер, 2007. – С. 76; Лазарев И.А. Новая информационная экономика и сетевые механизмы ее развития [Текст] / И.А. Лазарев, Г.С. Хижа, К.И. Лазарев. – Москва, 2006. – С. 45-50; Стрелец И.А. Сетевая экономика [Текст] / И.А. Стрелец. – М.: Эксмо, 2006. – С. 27-31

[50] Постма П. Новая эра маркетинга [Текст]: Пер. с англ. / Под ред Т.Р. Тзор. – СПб: Питер, 2002. – С. 76

фидокориҳо ва хароҷоти бо ташаккул ва коркарди механизмҳои идоракунии имиҷ алоқадошта мақсадҳои бештар кардани даромадҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дунболагирӣ мекунанд. Имиҷ бояд ҳамчун воситаи махсуси маркетингии барои зиёд шудани даромад мусоидаткунанда баррасӣ гардад. Даромади онҳо аз як қатор бахшҳои иқтисодиёт ташаккул меёбад, ки дар ҷадвали 3.8. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.8. - Манбаи даромадҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз бахшҳои иқтисодиёт**

| Бахшҳои иқтисодиёт | Самти имиҷ |
|---|---|
| **Бахши ҷамъиятии иқтисодиёт** | Яке аз самтҳои фаъолияти маркази имиҷии муассисаи таҳсилоти олии касбиро бояд ба ташкили имиҷи қавию мусбат ва шуҳрат дар хиради хизматчиёни давлатӣ алоқаманд намуд, чунки ба онҳо сатҳи фармоишоти давлатӣ, дастгирии буҷетӣ ва маблағгузорӣ вобаста мебошад. |
| **Бахши бозорӣ** | Дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ қисми зиёди объектҳои ташаккули имиҷ субъектҳои муносибатҳои бозорӣ ва агентҳои бозори хидматрасониҳои таҳсилотӣ мебошанд. |
| **Бахши ғайритиҷоратӣ** | Даромадҳо тавассути эҳсонкории муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ворид мешаванд. Аксари хайрот тибқи хоҳиш ва интизориҳои хайркунандаҳо амалӣ мегарданд ва иҷрои онҳо на танҳо ба ташаккули маҷмуи молиявии устувор ва пайдоиши манбаи устувори даромадҳо мусоидат мекунад, балки ба пайдоиши робитаҳои зарурӣ ва иловагӣ шароит фароҳам меорад. |

**Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст.

Гарчанде ки механизм барои идоракунии масъалавӣ-равонасозии имиҷ ташкил карда шавад ҳам, он бояд барои моделсозӣ ва ташкили имиҷ шароит таъмин намояд. Аммо аксари роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пеш аз ҳама ба он тарзи идоракунӣ майл доранд, ки дар он ҳаллу фасли боихтисос ва салоҳиятноки вазифаҳо ва интихоби унсурҳои асосии имиҷи ташкилшаванда тақозо карда намешавад. Онҳо ҳангоми ташкили имиҷ бояд тибқи мавқеъҳое, ки дар ҷадвали 3.9. оварда шудааст,

ҷавобҳои худро пайдо намоянд.

**Ҷадвали 3.9. - Устуворгардонии мавқеъҳое, ки болоравии сатҳи имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таъмин менамолянд.**

| Мавқеъҳо | Муҳтаво |
|---|---|
| **Мавқеъсозии ҷуғрофиёт** | Сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳал намудан зарур аст. Ин мақсадҳо бояд дар модели имиҷ ва баъдан дар тимсоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми ташаккули он инъикос ёбанд. |
